**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ:** 343: 2/7 (575, 3)
**ТКБ:** 67. 408 (2Т)
**К** – 93

Бо ҳуқуқи дастнавис

**НАСРИДДИНЗОДА САЙФИДДИН НАСРИДДИН**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**ХОЛИҚЗОДА Ш.Л.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**..................3-4
**МУҚАДДИМА**.........................................................................................5-19
**БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БО СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ**...................................20-57
1.1. Тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа..........................................................................................................20-30
1.2. Инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам........................................................30-42
1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯрвӣ...........................................................................................................42-57
**БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ**.................................58-126
2.1. Объект ва предмети сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам..................................................................................................................58-72
2.2. Тарафи объективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам..................................................................................................................72-103
2.3. Субъекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам................................................................................................................103-111
2.4. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам................................................................................................................111-126
**БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ БАНДУБАСТИ ҶИНОЯТИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ**..........127-168
3.1. Аломатҳои вазнинкунандаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам..........................................................................127-139
3.2. Фарқияти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо....139-163
**ХУЛОСА**...........................................................................................164-168
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**......................................................................................168-170
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..............................................171-197
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................198-199

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**

**БПНМ** – бемории пайдоиши норасоии масуният

**ВНМО –** вируси норасоии масунияти одам

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КТ ҶТ** – Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КИҶҶ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИҶШС** – Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Белорусия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорусия

**КҶ Гурҷистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Гурҷистон

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ Узбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Эстония** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**б.** – банд

**ғ.** – ғайра

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**н.** – ноҳия

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**ш.** – шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инсоният дар таърих тавонистааст, ки таҳдидҳои зиёдеро, ки ба ҳаёт ва саломатиаш ба вуҷуд меоянд, паси сар кунад. Хавфи махсусро дар байни онҳо бемориҳои сироятӣ ташкил медиҳанд.

Низоми тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзу таҳкими саломатии аҳолӣ равона шудааст. Яке аз вазифаҳои муҳимми он таъмин намудани дастрасӣ ва сифати баланди кӯмаки тиббӣ бо дарназардошти имкониятҳои молиявӣ, сатҳи рушди технологӣ, ниёзҳои воқеии аҳолӣ, инчунин риояи принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Мушкили саломатӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун масъалаи глобалӣ эътироф гардидааст, зеро ҳалли он мустақиман ба мавҷудияти минбаъдаи инсоният ҳамчун навъи биологӣ таъсир мерасонад [217]".

Новобаста аз пешрафти илм ва тиб, инсоният то ҳол дар баробари омилҳои гуногуни табиӣ ва микроорганизмҳои сироятӣ, аз қабили вирусҳо, бактерияҳо ва паразитҳо осебпазир боқӣ мемонад. Баъзе аз ин микроорганизмҳо дар натиҷаи фаъолияти инсон ба вуҷуд омада ё паҳн мегарданд ва ба ҳаёту саломатии инсон таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд, дар баробари ин, усулҳои муассири табобати онҳо то имрӯз пурра маълум нестанд.

Яке аз вирусҳои хатарноктарини замони муосир вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ба шумор меравад. Ин вирус сабаби бемории СПИД мегардад, ки дар марҳилаи кунунӣ муолиҷаи комили он номумкин аст. Мувофиқи маълумоти омории охирин, шумораи одамоне, ки ба вируси мазкур сироят ёфтаанд, мунтазам афзоиш ёфта, дар саросари ҷаҳон тақрибан ба 34 миллион нафар мерасад.

Аз ҳамин ҷост, ки мубориза бар зидди ин беморӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатии замони муосир ба ҳисоб меравад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ

таъкид намуданд: «Дар доираи ислоҳоти соҳа баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ мебошад. омадам

Дар ин самт то имрӯз дар кишвар 12 барномаи миллӣ, аз ҷумла доир ба мубориза бар зидди бемориҳои сил, диабети қанд, саратон, дил, вируси норасоии масунияти одам..., татбиқ шуда истодаанд, ки ҳадафи асосии онҳо паст намудани сатҳи гирифторшавӣ ба бемориҳо ва беҳтар кардани солимии аҳолӣ мебошад.

Таҳлили вазъи сирояти вируси норасоии масунияти одам нишон медиҳад, ки он тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба ҳолати 1-уми июли соли 2020 дар кишвар расман 12666 нафар шахсони бо ин вирус сироятёфта ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора то ба имрӯз 3455 нафар фавтидааст» [217].

Оқибатҳои манфии сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам дар он зоҳир мегардад, ки паҳншавии ин беморӣ боиси кӯтоҳшавии давомнокии умри аҳолӣ гардида, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодиро аз қабили камбизоатӣ, нобаробарӣ ва ятиммонӣ шиддат мебахшад. Бинобар ин, давлатҳо роҳҳои гуногунро барои пешгирӣ ва мубориза бо паҳншавии бемориҳо истифода менамоянд, ки ба онҳо тадбирҳои пешгирикунандаи тиббӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Дар ин маҷмуи чорабиниҳо накши воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар самти пешгирии паҳншавии беморӣ махсусан муҳим мебошад.

Таҳлили амалияи тафтишотию судӣ нишон медиҳад, ки сатҳи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015 то 2024 ноустувор буда, ҳар сол ба таври гуногун тағйир меёбад. Шумораи ҳолатҳои ба қайд гирифташуда дар солҳои гуногун чунин мебошад: соли 2015 – 84 ҳолат, соли 2016 – 49, соли 2017 – 29, соли 2018 – 54, соли 2019 –23, соли 2020 – 37, соли 2021 –19, соли 2022 – 26, соли 2023 – 70 ҳолат, ва соли 2024 шумораи ҳолатҳо боз ҳам афзоиши назаррас ёфта, ба 94 ҳолат расидааст [243].

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлат ва аҳолӣ, муносибатҳои ҷамъиятии мазкур ба ҳимояи устувор ва боэътимоди қонуни ҷиноятӣ эҳтиёҷ доранд, зеро вайрон намудани онҳо метавонад барои ҳар як шахс оқибатҳои вазнин ва барқарорнашавандаро ба вуҷуд орад.

Бо мақсади таъмин намудани ҳаёт ва саломатии инсон КҶ ҶТ дар моддаҳои алоҳида ҷавобгариро муқаррар намудааст. Ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дар моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки вобаста ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ давра ба давра такмил дода мешавад.

Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ба имрӯз андешаи ягона доир ба тафсири аломатҳои алоҳидаи ҷинояти пешбининамудаи моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест. Ин, пеш аз ҳама, ба чунин истилоҳҳо мисли «шахсе, ки аз мавҷудияти бемории худ огоҳ аст» ва «шахси дигарро зери хавфи сироятшавӣ гузоштан», инчунин масъалаи лаҳзаи сироятшавӣ ҳамчун аломати асосии таркиби ин ҷиноят ва ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ дахл дорад.

Дар баробари ин, масъалаи ҳалли мушкили фарқгузорӣ намудани ин таркиби ҷиноят аз дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти ба он монанд ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ низ то ҳол пурра ва қаноатбахш ҳал нашудааст.

Бо назардошти ҳолатҳои зикргардида, мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои мубрамияти бебаҳс буда, аҳаммияти он барои рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ хеле баланд арзёбӣ мегардад.

**Дарҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии замони шуравӣ ва истиқлолият оид ба таҳлили масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ таваҷҷуҳи олимон зиёд дида мешавад.

Таҳқиқоте, ки олимони ин соҳа гузаронидаанд, дар таҳияи асосҳои назариявии он саҳми назаррас гузоштанд. Масъалаҳои алоҳидаи ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз тарафи олимони

ватанӣ И.Х. Бабаджанов [170, с. 175], И.С. Бандаев [171, с. 254], М.М. Ватанов [27, с. 224-254], А.Г. Гаибов [179, с. 173], Ш.А. Ғаффорова [181, с. 206], Ҳ. Зоҳидов [38, с. 927], С.Д. Муқимов [188, с. 206], Н.Ф. Сафарзода [194, с. 34], А.И. Сафарзода [193, с. 396], Ш.Л. Халиков [199, с. 52], Р.Ф. Шарифзода [200, с. 174], ва олимони хориҷӣ Е.Н. Алешина [169, с. 33], А.Н. Беликов [172, с. 170], С.В. Бородин [26, с. 467], С.С. Власенко [176, с. 23], И.С. Викторов [175, с. 27], М.И. Галюкова [180, с. 215], Н.И. Загородников [34, с. 168], С.Я. Улиский [108 с. 50], Г.Р. Рустемова [192, с. 359], В.В. Сучкова [195, с. 198], Н.И. Медведева [186, с. 33], И.О. Никитина [190, с. 270], Д.А. Никитин [189, с. 24], М.Н. Катин [185, с. 187], Е.А. Иерусалимская [184, с. 31], А.Е. Шпаков [202, с. 34], олимони соҳаи тиб бошанд аз хориҷи кишвар бошанд, В.Н. Василев [174, с. 152], Е.И. Змушко [37, с. 318], О.Л. Иванов [29, с. 450], В.В. Покровский [73, с. 488], Н.П. Тулев [198, с. 307], Н.З. Яговдик [118, с. 342], ва дигарон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд. Саҳми олимони мазкур вобаста ба таҳқиқоти ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ва махсусан, ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам назаррас мебошад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мавзуи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одамро дар адабиёти соҳавӣ ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест. Қисми зиёди масъалаҳое ҳастанд, ки таҳқиқоти илмии чудогонаро дар самти мазкур тақозо мекунанд. На ҳама масъалаҳои алоқаманд ба ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам пурра омӯхта шудаанд. Онҳо то ҳол баҳснок боқӣ монда, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб мекунанд. Бояд қайд намоем, ки то ҳол таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, бандубасти ҷинояти мазкур ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ва таҳқиқоти олимони овардашуда масъалаҳои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҳоло ҳам ба таҳқиқотҳои зиёди илмӣ-комплексӣ эҳтиёҷ дорад. Хусусан, дар илми

ҳуқуқи ҷиноятӣ роҳҳои асосии содир шудани сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба монанди бо роҳи алоқаи ҷинсӣ, аз ҷониби кормандони тиб истифодаи воситаҳои тиббии истифодашуда, истифодаи сузандоруҳои истифодашуда, бо роҳи ширмаконӣ муайян нашуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдорҳо пурра танзим нагардидаанд. Дар даврони муосир низ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, хусусан роҳҳои Сироят кардан бо ин вирусҳо нав ба нав пайдо шуда истодаанд.

Ҳамин тавр, ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар замони муосир таҳқиқоти диссертатсиониро тақозо менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур аз таҳияи асосҳои илмию назариявии тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва пешниҳоди тавсияҳои илмии асоснокшуда барои такмили меъёри мазкури ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида, дар таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин вазифаҳо масъалагузорӣ карда шудаанд:

–тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа;

– таҳлили инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам;

– таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯрвӣ

– таҳқиқи хусусиятҳои объект ва предмети сироят кардан бо ВНМО;

– баррасӣ ва мушаххас намудани аломатҳои тарафи объективии ҷинояти мазкур;

– баррасии масоили субъект ва тарафи субъективии сироят кардан бо ВНМО;

–омӯзиши аломатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят намудан бо вируси норасоии масунияти одам;

– фарқгузории ҷинояти сироят намудан бо вируси норасоии масунияти одам аз ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои ба он монанд, инчунин муайян кардани мушкилоти дар амалияи татбиқи ин меъёри ҳуқуқӣ ба миёномада.

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмили танзими қонунгузории таркиби ҷинояти м.125 КҶ ҶТ ва маънидодсозии аломатҳои алоҳидаи он.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки бинобар сабаби содир шудани ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқикот** ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам пешбинӣ мекунанд; меъёрҳои қонунгузории тандурустӣ, ки ҷавобгариро барои вайронкунии меъёрҳо вобаста ба иҷрои номатлуби вазифаи касбӣ аз ҷониби кормандони тиб бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон муқаррар мекунанд; маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ аз бойгонӣ, ки аз ҷониби судҳои ҶТ баррасӣ гардидаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқию тафтишӣ баррасӣ шудаанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва

ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи давраҳои инкишофи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои хориҷ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири солҳои 2019-2024 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро нуқтаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсияро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: таърихӣ, таҳлил ва синтез, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, истифодаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, қонуниятҳои пайдоиш ва рушди он муайян карда шаванд. Усули таҳлили низомнок шароити баррасии ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷавобгариро барои ин ҷиноят

пешбинӣ менамоянд, ҳамчун низоми ягонаи санадҳои ҳуқуқии дорои мақсад, мафҳумот ва мантиқи дохилии алоқаманд фароҳам овард.

Усули мантиқӣ барои таҳлили муфассали меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, сохтор, мазмун ва робитаи мантиқии онҳо истифода гардид. Усули муқоисавӣ ҳангоми таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дар давлатҳои пасошуравӣ татбиқ шуда, имконияти ошкор намудани фарқиятҳои муҳим ва самтҳои эҳтимолии такмили қонунгузории миллиро фароҳам овард.

Усули оморӣ ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти эмпирикӣ, аз ҷумла маълумотҳои марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам равона гардида, имкон дод, ки тамоюлҳои тағйирёбии сатҳи ин навъи ҷинояткорӣ муайян ва арзёбӣ карда шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани таҷрибаи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба 235 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2015-2024 ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқоти дисертатсионӣ маводҳои Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ, инчунин, Суди Олии ҶТ «Дар бораи омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ оид ба парвандаҳои «сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2015-2024 таҳқиқ шудаанд» таҳлилу баррасӣ гардида, парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори монографӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи монографӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст.

Дар кори илмӣ таҳлили таърихии қонунгузорӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноят пешниҳод гардида, таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории дигар давлатҳои пасошуравӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа умумият ва фарқиятҳои асосии онҳо муайян карда шудаанд.

Муаллиф дар заминаи таҳлили гузаронидашуда як қатор чораҳои мушаххасро барои такмили моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, зарурати ворид кардани эзоҳи махсусро асоснок намудааст.

Ҳамчунин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба таҳриру тағйири мушаххаси санксияҳои меъёри ҷиноятӣ дар ин самт чораандешӣ карда шавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Бинобар ҳолатҳои қайдшуда дар рисолаи диссертатсионӣ нуқтаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Аз нигоҳи таърихӣ вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ибтидо ба гурӯҳи бемориҳое дохил карда шуд, ки бо роҳи умумии интиқол, яъне тавассути алоқаи ҷинсӣ, паҳн мегарданд ва ба онҳо сифилис, гонорея ва дигар бемориҳои зуҳравӣ дохил буданд. ВНМО бори аввал соли 1981 дар байни дигар бемориҳои зуҳравӣ ҷудо карда шуда, бо дарназардошти хавфи махсуси ҷамъиятии он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба он ба таври алоҳида дар қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (моддаи $118^1$) пешбинӣ гардид. Муайян карда шуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, аз ҷумла вируси норасоии масунияти одам, се давраи таърихиро гузаштааст: давраи шуравӣ (солҳои 1917-1987), ки ба чор зина тақсим мешавад (солҳои 1917-1922, 1922-1926, 1926-1961, 1961-1987); давраи ислоҳот (1987-1998) ва давраи муосир (аз соли 1998 то имрӯз).

2. Аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти м.125 КҶ ҶТ бо чунин хусусиятҳо фарқ менамоянд.

а) Ба сифати объекти хелии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам – шахсият баромад менамояд, ки зери он инсон дар низоми нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Объекти намудии ҷиноятҳои сироят кардан ба ВНМО на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон мебошад. Азбаски саломатии инсон дар ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо ҳаёти ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҷудо намудани онҳо ҳамчун объекти асосӣ ва иловагӣ мувофиқи мақсад намебошад. Ҳам ҳаёт ва ҳам саломатӣ ба сифати объекти асосӣ баромад мекунанд.

б) Тарафи объективии қ.1 м.125 КҶ ҶТ бо дарназардошти роҳҳои сирояти ВНМО танҳо тавассути ҳаракатҳои фаъолонае имконпазир аст, ки бевосита хавфро эҷод мекунанд. Тасаввур намудани кирдори барои ҷомеа хавфнок дар шакли беҳаракатӣ, ки дар дидаву диниста таҳдиди сирояти шахси дигар ба ВНМО ифода ёфта бошад, ба мантиқи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мутобиқат намекунад.

в) Бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятии ҶТ тарафи субъективии таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштанро танҳо гуноҳ дар шакли қасдона тавсиф карда мешавад, чунки қонунгузор дар диспозитсияи модда ба чунин аломат, ба монанди «дидаю диниста» ишора намудааст. Ғайр аз ин ҷинояти қ.1 м.125 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ мебошад, ки ин ҷой доштани шакл ё намуди дигари гуноҳро ба ғайр аз қасди бевосита истисно месозад. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қ. 2 м.125 КҶ ҶТ тавассути гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётии худбоварона ифода меёбад. Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти таркиби ҷиноят ва талаботи муқарраркардаи қонунгузор, содир шудани ин ҷиноят дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ истисно карда мешавад. Қонунгузор мустақиман таъкид менамояд, ки субъекти ҷиноят бояд ба таври равшан аз гирифтор буданаш ба ВНМО огоҳ бошад. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки кирдори содиршуда ҳамчун беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ арзёбӣ гардад, зеро

бепарвой танҳо дар ҳолати надонистани шахс дар бораи хусусияти ба ҷамъият хавфноки кирдор имконпазир мебошад.

3. Барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ нуқтаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

а) Дар таҷрибаи суди зери хавфи сироят ба бемории ВНМО гузоштани як нафар ва зиёда аз он танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳол он ки ба андешаи мо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳо, ки нисбати шумораи зиёди ҷабрдидагон содир шудааст, баландтар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки дар м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани ду ва ё зиёда шахсон мустаҳкам карда шавад.

б) Бо мақсади таъмини принсипи қонуният зарур шуморида мешавад, ки ба м.125 КҶ ҶТ эзоҳ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: “Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад, агар дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад”.

в) Ба қисми 3 моддаи 125 КҶ ҶТ як банди дигар дар шакли зайл “ нисбати занони ҳомиладор содир шудааст.” илова карда шавад. Зеро содир шудани сироят кардан ба ВНМО нисбати занони ҳомиладор, якбора ба ҳаёт ва саломатии ду кас (модар ва кӯдак) заррар мерасонад.

г) Маълум аст, ки БПНМ нисбат ба ВНМО хавфнокии зиёд дорад. Ин беморӣ табобатнашаванда буда оқибати маргро ба миён меорад. Бинобар ин дар м.125 КҶ ҶТ қисми махсус (қисми 4) дар ин шакл пешбинӣ карда шавад: “4. Таҳти хатари гирифтор шудан ба БПНМ гузоштан ё гирифтор кардан ба он”.

д) Санксияи барои таркиби ҷинояти м.110 КҶ ҶТ бо аломатҳои вазнинкунанда, аз санксияи барои аломатҳои вазнинкунандаи сироят бо ВНМО тибқи м.125 КҶ ҶТ баландтар аст, ки аз лиҳози мантиқӣ ва илмӣ шарҳ додани он мушкил мебошад. Чунин муносибати қонунгузор, ба назари мо, ба таври кофӣ асоснок нест ва ба эътирозҳои ҷиддӣ сабаб мегардад.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки ҳадди болоии санксияҳои пешбинишуда дар қ. қ. 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ баланд карда шуда, ҳадди поёнӣ бетағйир боқӣ гузошта шавад. Чунин тадбир имкон медиҳад мушкилоти мавҷуда дар фарқгузории ҷавобгарӣ бартараф гардад ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда тавонанд хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва шахсияти гунаҳгорро дақиқтар баҳогузорӣ намоянд.

е) Пешниҳод мешавад, ки аз қ.3 м.207 КҶ ҶТ аломати вазнинкунанда дар намуди боиси мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам гардидан хориҷ карда шавад.

4. Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам” аз 26 декабри соли 2023 №2 тағйироту иловаҳои зерин илова карда шавад:

а) Банди 14 Қарори мазкур тағйир дода шуда дар он тавзеҳоти зерин муқарррар гардад:

“Ҷиноятҳои пешбинишуда дар б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ сирояти ВНМО, ки дар натиҷаи таҷовуз ба номус ё дигар ҳаракатҳои зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба вуҷуд омадаро дар бар мегиранд. Танҳо таҳти хавфи сирояти ВНМО қарор додани ҷабрдида вобаста ба б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ банду баст карда намешавад.

Чунин кирдор бояд тибқи маҷмуи ҷиноятҳои пешбинишуда дар қисмҳои дахлдори м.м. 138 ё 139 ва қ. 1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст шавад”.

б) Ҳангоми тавзеҳ додани қасди бевосита нисбати ҷиноятӣ қ.1 м.125 КҶ ҶТ Пленуми Суди Олӣ ба таври асоснок таркиби ҷинояти мазкурро

ҳамчун таркиби расмӣ муайян намудааст, вале дар тавзеҳи қасди бевосита нисбати ин ҷиноят ба иштибоҳ роҳ дода ба муносибати руҳии шахс нисбати оқибат ишора намудааст, ки ин хоси таркибҳои моддӣ мебошад.

Аз ин рӯ, барои ислоҳи чунин ҳолат пешниҳод менамоем, ки б.18 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам" аз 26 декабри соли 2023 №2 бо мазмуни зайл муқаррар карда шавад: "субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад ва хоҳони содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад".

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам метавон истифода кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ, омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи инсон, криминология ва курсҳои махсуси соҳавӣ, инчунин дар фаъолияти Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва мақомоти тандурустӣ ва дигар мақомоту муассисаҳои соҳаи тандурустӣ метавонанд истифода карда шаванд. Ҳамчунин маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳад буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз методҳои муосири таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи кор мувофиқат мекунанд, ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст. Натиҷаи таҳлилҳои амалияи судӣ-

тафтишӣ бо истифодаи методҳои муосири коркарди маълумот ва таҳқиқи амалияи ҳуқуқтатбиққунанда ба роҳ монда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибаи судӣ-тафтишоти, ки дар шакли ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти дисертатсия ба он хотир эътимоднок мебошанд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърузаҳо дар муассисаҳои таълимӣ корбурд мегарданд. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳод гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ» – маърӯза дар мавзуи «Инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масъунияти одам» (6-уми декабри соли 2024);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маърӯза дар мавзуи «Масоили объекти ҷинояти гирифтор кардан ба вируси норасоии масунияти одам» (1 ноябри соли 2023);

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа» (22 июни соли 2024).

Инчунин, ин натиҷаҳо дар ҷараёни таълим ва фаъолияти илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон васеъ истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо дарназардошти** мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 199 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

## 1.1. Тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа

Сироят кардан бо ВНМО як падидаи умумиҷаҳонӣ буда, ба ҳама давлатҳо бе ягон истисно таъсири манфӣ мерасонад ва ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин вирус хавфнокии зиёд дорад, зеро он ба ҳуҷайраҳои системаи сироятпазирии инсон таъсир мерасонад ва дар натиҷа дар як муддати наздик сирояти БПНМО ба вуҷуд меояд. Организми инсон қобилияти муҳофизатии худро аз бемориҳо гум карда, оқибат ба марг дучор шуданаш мумкин аст.

Паҳншавии сирояти ВНМО яке аз мушкилоти тезутунд ва мубрами тамоми давлатҳои дунё ба шумор рафта, кишвари мо низ истисно нест. Дар айни замон, бо дарназардошти дараҷаи баланди латентӣ доштанаш, сирояти ВНМО як ҷинояти нисбатан паҳнгашта буда, хавфнокии зиёд дорад. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ки қонунгузор нисбат ба шахсоне, ки шахсони дигарро ба сирояти ВНМО сироят мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, муҳим мегардад.

Ҳангоми гирифтор шудан ба ВНМО одатан шахс ягон нишонаи ҷиддиро эҳсос намекунад. Дар баъзе ҳолатҳо, пас аз чанд ҳафтаи аввал баъзе аломатҳое, ки ба бемории зуком монанданд (баландшавии ҳарорат, дарунравӣ, пайдоиши доғҳо дар пӯст, илтиҳоби ғадудҳои лимфавӣ ва ғайра), ба вуҷуд меоянд. Баъд аз ин давра, шахс метавонад дар тӯли чандин сол худро комилан солим ҳис кунад. Ин марҳиларо давраи ниҳонии бемор‍ӣ меноманд. Бо вуҷуди он ки шахс дар ин марҳила худро хуб эҳсос мекунад, дар дохили организм тағйирот идома дорад.

Ҳангоми ворид шудани ВНМО ба организм, системаи масунияти инсон ба фаъолият медароял ва барои безарар сохтани вирус талош мекунад. Барои ин мақсад организм антитело истеҳсол мекунад, ки онҳо ба

вирус часпида, кӯшиши нест кардани онро менамоянд. Дар баробари ин, ҳуҷайраҳои сафеди хун (лимфоситҳо) низ ба мубориза бо вирус шуруъ мекунанд. Аммо, мутаассифона, қувваи системаи масъуният барои пурра аз байн бурдани вирус кофӣ нест ва дар натиҷа вирус тадриҷан худи системаи масуниятро хароб мекунад.

Пас аз гузаштани муддати муайян (одатан аз 10 то 12 сол) вируси мазкур боиси инкишофи бемории пайдошудаи норасоии масунияти одам (БПНМ ё СПИД) мегардад. СПИД марҳилаи охирин ва вазнинтарини сирояти вируси мазкур ба ҳисоб меравад.

БПНМ – маҷмуи аломатҳо ва сироятҳое мебошад, ки бо норасоии системаи масъунияти бадастомада алоқамандан. Муайян шудааст, ки сабаби пайдошавии БПНМ ин сирояти ВНМО мебошад. Гузариш аз сирояти ВНМО ба БПНМ аз рӯйи дараҷаи норасоии масуният ё пайдоиши баъзе бемориҳои моддаи сироятӣ муайян карда мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи БПНМ тамоман истифода намешавад, вале моддаи 125 КҶ ҶТ фарогирандаи тамоми намудҳои касалиҳои сироятие, ки бо БПНМ алоқаманданд, мебошад. Вале барои ҷамъият хавфнокии БПНМ нисбат ба ВНМО зиёдтар аст. Вобаста ба ин масъала минбаъд гуфта мегузарем.

БПНМ маҷмуи бемориҳоест, ки дар натиҷаи фаъолияти нокифояи системаи масуният бинобар шикасти ВНМО ба вуҷуд омадааст.

Роҳҳои асосии сирояти ёфтан ба ВНМО инҳоянд:

– бо роҳҳои алоқаи ҷинсӣ бе истифода аз воситаҳои муҳофизатӣ (рифола);

– тавассути хун - ҳангоми истифодаи муштараки сӯзандоруҳои истифодашуда барои гузаронидани моддаҳои психоактивӣ, холкубиҳо (татуировка) ё доруҳо, ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои риштарошҳо ва чутка (щетка)-ҳои дандоншӯии дигарон бо пасмондаҳои тозаи ифлосшавии хун; ҳангоми гузарондани хуни донори сироятшуда, ҳангоми трансплантатсияи узвҳо ва бофтаҳои донори гирифтори ВНМО, ҳангоми

истифодаи асбобҳои тиббии истифодашуда ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ;

– аз модари гирифтори ВНМО ба фарзандаш дар давраи ҳомиладорӣ, таваллуд ва ширмаконӣ.

“ВНМО ба системаи масуният осеб расонида, ҳуҷайраҳои масуниятро (CD4+, лимфоситҳо, макрофагҳо ва ғайра) хароб мекунад ва боиси сустшавии системаи назорату ҳифзи организм аз сироятҳо ва баъзе намудҳои бемории саратон мегардад. Вирус ба организм роҳ ёфта, ба афзоиши фаъол шуруъ мекунад, ҳуҷайраҳо ба фоидаи вирус «кор» мекунанд, бинобар ин, дар шахсони сироятшуда тадриҷан (оҳиста-оҳиста) норасоии масуният инкишоф меёбад. Марҳилаи охирини сирояти ВНМО ин БПНМ мебошад, ки метавонад бо гузашти аз 2 то 15 сол вобаста ба ҳолати масунияти инсон инкишоф ёбад. Барои БПНМ инкишофи баъзе намудҳои бемории саратон, сироятҳо ва ё дигар аломатҳои вазнини клиникӣ хос аст” [128, с. 5-11].

Бемории мазкур нахустин маротиба дар солҳои 80-уми асри XX ҳамчун бемории гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба миён омада, тадриҷан ба як буҳрони бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфт ва рушди ҷомеаи солимро зери таъсири манфии худ қарор дод. Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО/БПНМ) ҳамчун бемории ҷиддӣ, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид менамояд, на танҳо ба ҷисми инсон зарари назаррас мерасонад, балки ҳолати рӯҳиву равонии ӯро низ ба таври ҷиддӣ халалдор месозад.

Аввалин ҳолати сабти бемории мазкур соли 1981 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба қайд гирифта шуда, вируси ангезандаи он соли 1983 аз ҷониби олимони Институти Пастер дар Фаронса таҳти роҳбарии Люк Монтане ва Институти миллии бемории саратон дар ИМА бо роҳбарии Роберт Галло кашф гардид [216]. Пас аз он, дар муддати кӯтоҳ сатҳи сироятёбӣ босуръат афзоиш ёфта, то ба имрӯз яке аз мушкилоти асосии глобалӣ боқӣ мондааст.

То имрӯз, ВНМО ҳамчун як таҳдиди ҷиддии ҷаҳонӣ эътироф шуда, аз оғози пайдоиши худ то ҳол, 40,1 миллион нафар қурбони ин бемориӣ гардидаанд. Танҳо дар соли 2021, бинобар сабабҳои вобаста ба ВНМО 650 ҳазор нафар фавтида, 1,5 миллион ҳолати нави сироятёбӣ сабт шудааст. Тибқи омори охири соли 2021 дар ҷаҳон 38,4 миллион нафар мубталои ин бемориӣ мебошанд, ки аз ин теъдод тақрибан ду-се ҳиссаи гирифторон (25,6 миллион нафар) ба минтақаи Африқо рост меояд [212].

Барои пешгирӣ ва кам кардани паҳншавии ВНМО/БПНМ 2 июни соли 2006 Созмони Милали Муттаҳид «Декларатсияи сиёсӣ оид ба ВНМО/БПНМ»-ро қабул кард, ки дар он вазифаву уҳдадориҳои кишварҳо ва ҳуқуқҳои беморон зикр шудаанд [210].

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт фаъол буда, 31 декабри соли 2008 таҳти №476 Қонун «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният»-ро қабул намуд. Ин қонун пас аз қабули Кодекси тандурустӣ (аз 30 майи соли 2017, №1413) бекор карда шуд.

Тибқи моддаи 160 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони гирифтори ВНМО ва оилаҳои онҳоро кафолат медиҳад [60, с.129]. Дар баробари ин, дигар санадҳои ҳуқуқӣ низ қабул шудаанд, ки барои ҳимояи ҳуқуқи чунин шахсон равона гардидаанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани пешгирии бемории мазкур, дар солҳои 2015-2020 дар Тоҷикистон ташхиси умумӣ гузаронида шуда, шумораи гирифторони ВНМО муайян гардид [211].

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№50 аз 27 феврали соли 2020) «Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО ва БПНМ барои солҳои 2021-2025» ва нақшаи амалигардонии он тасдиқ шуд.

Мақсади асосии Барномаи миллӣ бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва фароҳам овардани муҳити муносиб барои пешгирии ВНМО дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2008 вируси норасоии масунияти одам асосан тариқи сӯзандоруҳо ва воситаҳои тиббии нопоки истеъмолкунандагони маводи мухаддир паҳн мегардид. Аммо дар давраи кунунӣ роҳҳои интиқоли вирус тағйир ёфта, бештар тавассути алоқаи ҷинсӣ рух медиҳанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, дар солҳои 1991–2024 дар Тоҷикистон шумораи умумии шахсони сироятёфта аз ВНМО ба 17131 нафар расид. Дар ин муддат, 12480 нафар бори нахуст ҳамчун гирифтори ВНМО ба қайд гирифта шуданд. Дар ҳамин давра 4651 нафар аз ин беморӣ фавтиданд, ки ин нишондод 3,2 ҳолатро ба ҳар 100 ҳазор нафар ташкил медиҳад [128, с. 36-37].

Ба ақидаи коршиносон, ҳоло қисми асосии сироятёфтагонро ҷавононе ташкил медиҳанд, ки синнашон аз 20 то 39 сол аст ва бештарашон вирусро аз алоқаи ҷинсӣ гирифтаанд [209].

Ин омор нишон медиҳад, ки танҳо дар муддати як сол теъдоди зиёди одамон ба ин вирус гирифтор шудаанд. Дар бисёр ҳолатҳо сабаби асосии гирифторшавӣ фиреб ё надоштани огоҳӣ дар бораи роҳҳои интиқоли вирус мебошад. Дар муҳити оилавӣ бошад, занҳо вирусро бештар аз шавҳарони худ ва кӯдакон аз модарони сироятёфта мегиранд.

Шаҳрванд И.А. аз 4 январи соли 2017 расман дар Маркази ҷумҳуриявии мубориза ва пешгирии ВНМО-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун гирифтори бемории мазкур сабт гардидааст. Ӯ бо вуҷуди он ки дар бораи бемории худ огоҳии пурра дошт ва табобати тиббӣ мегирифт, дар давраи солҳои 2017–2019 бо ҳамсари худ, шаҳрванд В.Л., бе огоҳ кардани ӯ аз вазъи саломатиаш муносибатҳои наздики ҷинсӣ доштааст. Дар натиҷа, шаҳрванд В.Л. таҳти хатари ҷиддии сироятшавӣ ба вирус қарор гирифтааст [244].

Қайд намудан зарур аст, ки чунин ҳолатҳо дар ҷомеаи имрӯзаи мо кам нестанд ва сабаби асосии онҳо пинҳон кардани беморӣ аз ҷониби шахсони гирифтор аст. Дар робита ба ин масъала, тибқи м. 125 КҶ ҶТ, ҳаракатҳои

шахсе, ки дидаву дониста дигаронро ба ВНМО сироят мекунад ё зери хавфи сироятёбӣ мегузорад, ҷиноят шумурда шуда, барои содир намудани он ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ гардидааст [3].

Таҳлили вазъи паҳншавии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки теъдоди сироятёфтагони ин беморӣ дар кишвар назаррас аст.

Мувофиқи маълумоти омории расмӣ, дар муддати солҳои 2010 то 2021 дар Тоҷикистон танҳо 13 ҳолати сироят кардан бо ВНМО ҳамчун ҷиноят тибқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятӣ сабт шудааст, ки ин рақам нисбат ба теъдоди умумии сироятёфтагон хеле кам ба назар мерасад [243]. Масалан, агар соли 2017 шумораи умумии гирифторони нав ба ВНМО 1207 нафарро ташкил дода бошад, пас дар ин сол бо моддаи 125 КҶ ҶТ ҳамагӣ ду ҳолат сабт шудааст. Соли 2018 бошад, шумораи умумии гирифторони нав ба ин беморӣ 1422 нафарро ташкил медиҳад, аммо дар ин сол ягон ҳолати ҷиноятӣ вобаста ба сироят кардани дигарон бо ВНМО ба қайд гирифта нашудааст.

Ҳангоми муқоиса намудани теъдоди умумии ҷиноятҳои оилавӣ, ки дар солҳои 2010–2021 дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудаанд (3711 ҳолат), танҳо 13 ҳолаташ ба моддаи 125 КҶ ҶТ рост меояд. Аз ин 13 ҳолат, 12 ҳолат ба зарари занон ва 1 ҳолат нисбат ба мард ба қайд гирифта шудааст [243].

Ба ин тартиб, ҳиссаи ҷинояти пешбинишуда бо моддаи 125 КҶ ҶТ (сироят кардан бо ВНМО) аз теъдоди умумии ҷиноятҳои содиршуда ҳамагӣ 0,35%-ро ташкил медиҳад [243], ки нишондиҳандаи паст будани сатҳи бақайдгирии ҷиноятҳои марбут ба сирояткунӣ дар кишвар мебошад.

Таҳлили вазъи сироятёбӣ бо ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо нафароне, ки сабаби сирояти вируси мазкур ба шахсони дигар мешаванд, бахусус дар муносибатҳои заношӯӣ, ҳамеша ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат он аст, ки занҳо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла мавҷуд

будани ақидаву қолабҳои кухнашудаи иҷтимоӣ, норасоии вазъи молиявӣ, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ ва ҳолати руҳии ноустувор, ки махсусан пас аз сироят ёфтан ба ин беморӣ рух медиҳад, ба мақомоти дахлдор муроҷиат намекунанд [149, с. 211–217].

Барои ҳифзи саломатӣ ва таъмини ҳуқуқи беморони ВНМО дар Тоҷикистон то аввали соли 2021 ҳамагӣ 98 муассисаи махсуси тиббӣ фаъолият карда, танҳо дар соли 2021 ба табобати зиддивирусӣ 1424 нафар фаро гирифта шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти муассисаҳои мазкур баъзе мушкилот мавҷуданд, ки асосан бо норасоии мутахассисони баландихтисос, аз ҷумла равоншиносон, эпидемиологҳо, вирусологҳо, иммунологҳо ва реаниматологҳо вобаста аст.

Гузашта аз ин, таҳлилҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки аксари аҳолӣ дониши кофӣ дар бораи роҳҳои пешгирӣ ва оқибатҳои бемории мазкур надоранд [146, с. 123].

Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки барои беҳтар намудани вазъ дар ин самт, пеш аз ҳама, теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур афзоиш дода шуда, бо ташаббуси мақомоти тандурустӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни аҳолӣ корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, сабти ҳатмии шахсони гирифтори бемории мазкур ҷорӣ шуда, мақомоти дахлдор бояд феҳристи ягонаи онҳоро таҳия ва мунтазам пайгирӣ намоянд. Дар мавриди сироятёбӣ дар оила бошад, ба марказҳои масъул тавсия дода мешавад, ки ҳамсаронро дар як вақт ва якҷоя огоҳ намуда, ба онҳо кумак ва маълумоти зарурӣ пешниҳод карда шавад.

Ин бемориҳои сироятӣ маҷмуи бемориҳое мебошанд, ки аз микроорганизмҳои патогенӣ ба вуҷуд меоянд, ки бо сироятпазирӣ, мавҷудияти давраи инкубатсия, аксуламалҳои организми сироятшуда ба микроорганизм, инчунин ҷараёни даврӣ ва ташаккули иммунитети пас аз сироятӣ тавсиф мешаванд [129, с 245-249], [130, с 348-351].

Хусусияти муҳимми бемориҳои сироятӣ мавҷудияти давраи инкубатсия, яъне фосилаи вақт аз лаҳзаи сироят то пайдо шудани

нишонаҳои аввал мебошад. Давомнокии он аз намуди патоген ва усули сироят вобаста аст, бинобар ин он метавонад ба таври назаррас фарқ кунад (аз якчанд соат то якчанд сол).

Сироятҳо хатари сайёра буда, саломатии халқҳо ва умуман одамони дар сайёраро муайян мекунанд ва гоҳ-гоҳ бо пайдоиши сироятҳои нав инсоният ба мушкилоти бузург дучор мешавад. Як вактҳо дифтерия чунин проблема буд; баъд - полиомиелит, сурхча; ҳоло – сирояти ВНМО, гепатити В,С; ва аз навтаринаш – «зукоми мурғӣ» ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир намудҳои гуногуни бемориҳои сироятӣ мавҷуд мебошанд, ки одамон то ҳол ба онҳо мутобиқ нашудаанд ва дар ҳолатҳои ба гардиш омадани сироятҳо хавфи сироятшавии оммавӣ ба вуҷуд меояд.

Қобили зикр аст, ки сироятҳое, ки асосан бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, ҳамеша таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб мекунанд, махсусан дар давраҳои паҳншавии оммавии онҳо. Табиати оммавии сирояти ин бемориҳо дар ибтидои асри 20 ба асосгузорони мактаби иҷтимоӣ-гигиении немис А.Гротян ва А.Шифер имконият дод, ки онҳоро дар баробари бемориҳои оммавии сил ва бемориҳои руҳӣ ба гурӯҳи бемориҳои иҷтимоӣ дохил намоянд. Олимон ба шароити зиндагонии аҳолӣ сахт вобаста будани гурӯҳи бемориҳои иҷтимоиро нишон дода, зарурати фаврии тадбирҳои давлатӣ ва чамъиятиро барои паст кардани онҳо асоснок карданд [172, с.10].

Бемориҳои асосан тавассути алоқаи ҷинсӣ сироятшаванда ба ғайр аз механизми табиий сирятёфтан, инчунин бо механизми сунъии сироят ёфтан тавсиф мегарданд, вақте ки ба организми ҳассос дар раванди осеб дидани якпорагии пӯст ва луобҳо ба он вирусҳои барангезанда дохил мешаванд.

Тибқи таҳлили коршиносони соҳа, “беш аз нисфи гирифторони бемории Вируси норасоии масунияти одам тариқи сӯзандору ва қариб 30 дарсади дигар аз тариқи алоқаи ҷинсӣ ба ин беморӣ гирифтор шудаанд, аммо таҳлилҳо нишон додаанд, ки хатари олудашавӣ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҳама соҳаҳо ва касбу кори гунонгун мавҷуд

аст. Муҳимтарин мубориза бар зидди ин бемории агар эҳтиёткорӣ бошад, пас огоҳ будану маълумот доштан оид ба сироят ва пешгирии он маълумотнокии ҷомеа ба ҳисоб меравад” [215].

Аз соли 2007 то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаи миллӣ [203] барои мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва бемории пайдошудаи он (БПНМ) амал мекунад. Ҳадафи асосии ин барномаҳо боздоштани суръати паҳншавии вируси мазкур дар кишвар ва кам кардани сатҳи фавт аз бемории мазкур мебошад. Ҳамчунин, ин барномаҳо барои фароҳам овардани дастрасии пурра ва баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла чораҳои пешгирикунанда, ташхис, табобат ва нигоҳубини гирифторон равона шудаанд. Дар маҷмуъ, татбиқи ин барномаҳо барои беҳтар намудани ҳолати умумии тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.Яке аз чорабиниҳои самараноки пешгирикунандаи ВНМО дар сатҳи ҷаҳонӣ ин таъин намудани табобати пешгирикунандаи пеш аз тамос мебошад. Созмони Умумҷаҳонии Тандурустӣ ба шахсоне, ки хатари баланди сироятёбии ВНМО-ро доранд, табобати мазкурро тавсия медиҳад.

Аммо, ба чораҳои дар ин самт андешидашуда нигоҳ накарда, вазъи эпидемиологӣ дар ҷумҳурӣ бад шудан гирифт, ки яке аз сабабҳои таҷдид гардидани чораҳои сиёсати ҷиноятӣ доир ба пешгирии ҷинояти сирояткунӣ бо вируси норасоии масунияти одам ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳолатҳое, ки шахс дидаю дониста дигаронро ба хавфи сироятёбӣ ба ВНМО мегузорад ё онҳоро сироят мекунад, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардааст (м. 125. КҶ ҶТ).

Аммо, бо вуҷуди пешбинӣ шудани ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо, мутаассифона, то ҳол дар ҷомеаи мо шахсоне ҳастанд, ки манфиатҳои шахсии худро аз саломатию ҳаёти дигарон болотар мегузоранд. Чунин шахсон, бо мақсади қонеъ намудани хоҳишҳои шахсии худ ва новобаста аз

он ки онҳо аз гирифтор буданашон ба бемории ВНМО хуб огоҳанд, дидаву动ониста шаҳрвандони дигарро ба ин вирус сироят намуда, саломатии онҳоро таҳти хатар мегузоранд. Бояд гуфт, ки чунин ҳолатҳои нангин ҳангоми санҷишҳои мақомоти прокуратура ошкор гардидаанд.

Масалан, шаҳрванд Р.М. ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар ФР қарор доштанаш ба бемории ВНМО сироят гардида, дар Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО дар ш.Душанбе ба қайд гирифта шуда барои сироят накардани бемориаш ва нагузаронидани он ба дигарон аз тарафи ҳамин Марказ огоҳонида шудааст. Аммо ӯ дидаю дониста, ки мубталои ин бемории мебошад, шаҳрванд Ш.М.-ро, ки дар қайди никоҳи расмӣ қарор доранд, бо тариқи тамоси ҷинсӣ намудан сироят кардааст. Мувофиқи маълумотномаи маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО- и Раёсати тандурустии ш.Душанбе Ш.М. аз Р.М. бо тариқи тамоси ҷинсӣ ба бемории ВНМО сироят ёфтааст. Шаҳрванд Р.М. бо қ.2 м.125 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол ҷазо дода шудааст [221].

Ҳамин тариқ, тавсифи умумии вируси норасоии масъунияти одам ва хатари он ба ҷомеро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Сироят кардан бо ВНМО як зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, ба зиндагии осоиштаи мардум зарба зада, саломатӣ ва ҳаёти инсонро таҳти хавф гузошта, хусусияти ба таври махфӣ паҳншавӣ дорад, ки дараҷаи баланди латентиро ба худ касб кардааст.

2. Сироят намудан бо ВНМО муносибати ҷамъиятие мебошад, ки шахси сироятёфта бо пинҳоннамоии бемории худ шахсони дигар, хусусан аъзои оилаи худро ба ин беморӣ гирифтор намуда, ҳуқуқ ба саломатии онҳоро поймол мекунад ва ба шахси сироятёфта, аввалан, зарари руҳӣ ва ҳам зарари ҷисмонӣ расонида, минбаъд, баъди ба БПНМ гирифтор гардидан, сабаби аз ҳаёт маҳрум шудани ӯ гашта метавонад.

3. Сатҳи мутахассисони соҳаи тиб дар самти ошкор ва табобати бемориҳои сироятӣ зиёд карда шуда, ба аҳолӣ аз ҷониби мақомотҳои

ҳифзи ҳуқуқ ва тандурустӣ доир ба муроҷиат намудан ба мақомотҳои дахлдор гуфтушунидҳо гузаронида шавад. Ҳамчунин, ба рӯйхат гирифтан ва ба мақомотҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намудани номгӯйи шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва гирифтори ВНМО ҳастанд, ҳатмӣ гардонида шавад. Махсусан, нисбати шахси дар муносибати оилавӣ қарордошта, ки ба бемории ВНМО сироят ёфтааст, маълумоти лозима нисбати зану шавҳар дар якҷоягӣ аз ҷониби маркази дахлдор дода шуда, огоҳонида шаванд.

**1.2. Инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам.**

Сироят кардан бо ВНМО яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби замон маҳсуб ёфта, таъсири манфии он дар баробари хисороти ҷиддӣ расонидан ба соҳаи тандурустии дунё, инчунин ба иқтисодиёту иҷтимоиёти кишварҳои ҷаҳон зарба задааст.

Албатта тамоми бемориҳои ВНМО, сифилис, БПНМ ва дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар таърих бо бемориҳои зуҳравӣ ёд мешаванд. Вобаста ба замони пайдоиши аломатҳои ин бемориҳо дар адабиёти илмӣ се гурӯҳи ақидаҳо вуҷуд доранд:

1. Ақидае ҷой дорад, ки дар адабиёти илмии Юнону Рими қадим аломатҳои ин бемориҳо дар намуди сифилис пурра дарҷ шуда буданд. Археологҳои аврупоӣ далели осеб дидани устухонҳои одамро аз милки сифилис аз қабристонҳо дар ҳамон замон пайдо карда буданд [173, с. 17].

2. Таҳқиқоти илмие ҷой дорад, ки бемориҳои мазкурро яке аз бемориҳои зуҳравӣ дониста, пайдоиши онро ба замони асрҳои 15-16 медонад [137, с. 35]. Мутобиқи ин назария дар асри 15 бемориҳои олоти таносул васеъ паҳн гардида буд, ки онҳоро «вабои ҷинсӣ» меномиданд. Аниқтараш ин эпидемия соли 1494 дар Испания пайдо шуда, баъдан дар Италия, Фаронса, Дания, Швейтсария, Голландия, Полша (соли 1495), дар Олмон (соли 1496) ва дар Англия ва Русия (соли 1499) ошкор шудааст [137, с. 35].

Он ҷо аз ҳама намуди паҳнгаштатарини ин бемориҳо сифилис ва гонорея буданд. Дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар он замонҳо маълум набуданд. Чи гуна пайдо шудани бемории сифилис ҳам, то ҳол маълум нест. Аммо оид ба ин масъала се фарзияи асосӣ вуҷуд дорад (амрикоӣ, аврупоӣ ва африқоӣ) [173, с. 17]. Маъмултарини онҳо назарияи амрикои мебошад, ки тибқи он «сифилисро аз Амрико (ҷаҳони нав) ба Испания тавассути афсарони киштии Х.Колумб ҳамсафарони ӯ буданд, овարданд. Ин афсар аз яке аз шаҳрвандони Гаити гирифтор шуда буд [83, с. 157]. Баъдан дар тамоми давлатҳои аврупо паҳн гардид.

Дар ин замон сифилисро чун бемории бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда баҳо намедоданд. Аввалин маротиба аз ҷониби олими фаронсавӣ Жак де Батенкур соли 1527 ҳамчун бемории венерикӣ пешниҳод гардида буд.

Илова ба сифилис, дар илми тиб бо истилоҳи "гонорея" аз ҷониби олим Гален дар асри 2 мелодӣ пешниҳод карда шудааст. Гарчанде ки дар он вақт усулҳои самараноки ташхис барои муайян кардан ва шинохтани сироятҳои гуногун мавҷуд набуд, Н.Д. Батенкур мисли бисёр табибони дигар, ин бемориро ҳамчун бемории венеритикӣ тавсиф намудааст. Олим ба ғайр аз сифилис ва гонорея тамоми бемориҳои узвҳои таносулро ҳамчун бемории венеритикӣ маънидод кардааст. Ба таври пурра таснифи муфассали ин бемориҳо то ба имрӯз мавҷуд нест.

Бо баробари инкишофи илми тиб оид ба ин бемориҳо муайян гардид, ки сифилис моҳиятан як бемории мустақил аст. Ин ҳолатро соли 1536 олими итолиёвӣ Гираламо Фракасторо дар асари худ «Сифилис ё бемории Галлӣ» баён карда буд [208].

Дар давлати Россия бошад, бемории сифилис бо сабаби паст будани сатҳи дониши тиббии мардум, бесаводии аҳолӣ ва эътиқоди оммавӣ байни мардум аён буд, вале мардум ба он аҳаммият намедод, зеро ин бемориро ҷазои Худо ба гуноҳи инсон медонистанд. Танҳо дар замони ҳукмронии А. М. Романов хавфнокии он муайян шуда, мубориза бо сифилис оғоз

шуд(соли 1667). Яъне барои аз байн бурдани он аз ҷониби шоҳ барои дорусозӣ алайҳи ин беморӣ фармони махсус қабул шуд. Ҳама мардум аз ташхиси ҳатмӣ гузаронида мешуданд. То имрӯз нусхаи гузориши якчанд духтурон дар бойгонии Федератсияи Россия нигоҳ дошта шудаистодаанд.

3. Ақидае ҷой дорад, ки "пайдоиши бемории мазкур ба солҳои 1981 дар ИМА рост меояд [214]. Баъдан вируси бавуҷудоварандаи он соли 1983 дар Институти Пастер дар Фаронса ва таҳти роҳбарии Люк Монтане ва Институти миллии бемории саратон дар ИМА таҳти роҳбарии Роберт Галло кашф гардидааст" [214].

Бо сабаби он, ки предети баррасишавандаи мо таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо ВНМО мебошад, дар бораи таърихи пайдоиши ин беморӣ мо зиёд сухан намекунем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст. Лекин вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳудуди кишвар бошад, дар қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ (аз соли 1922), ки дар давлати мо низ амал мекард, ҷавобгари барои Сироят кардан бо касалиҳои зуҳравӣ ё ВНМО муқаррар шуда буд.

Аввали қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноят муқаррар мекард, ин КҶ ҶШФСР аз 1 июли соли 1922 буд. Кодекси мазкур аз 8 боб ва 227 модда иборат буд. Боби 5 он пурра "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва эътибори шахсият"-ро пешбинӣ мекард. Боби мазкур моддаҳи 142-179 дар бар мегирифт. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаву дониста сироят кардани шахси дигар бо бемории вазнини венерикӣ дар м.155 муқаррар шуда буд. Мутобиқи моддаи мазкур "Дидаю дониста сироят кардани шахси дигар ба бемории вазнини венерикӣ" ҷиноят эътироф мешуд.

Аз диспозитсияи меъёр бармеояд, ки он дар шакли мушаххас пешбинӣ шудааст. Вале ҳаматарафа ҷинояти мазкурро пурра танзим наменамояд. Лекин як чизро қайд кардан даркор, ки ин санад аломатҳои умумӣ ва махсусияти фарқкунанда нисбат ба КҶ имрӯз амалкунанда дорад.

Аломатҳои умумии он чунин буданд:

1. Субъекти ҷиноят – шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 расида;

2. Объекти ҷиноят – ҳаёт ва саломатии инсон;

3. Тарафи субъективии ҷиноят – гуноҳ дар шакли қасди бевосита ва бавосита.

Хусусиятҳои хоссаи фарққунанда, ки дар қонунгузории ҷиноятии соли 1922 дида мешуд ва имрӯз тағйироти куллӣ дар КҶҶТ амалкунанда дида мешаванд ва нуқсоннокии камбудиҳои ҷойдошта дар он дида мешаванд, инҳоянд:

1. Бемории зуҳравӣ кадом навъи бемориро дар назар дорад. Зеро инҷо ВНМО, СПИД ва бемориҳои венерикӣ вобаста ба хавфнокии ҷамъиятӣ аз ҳам фарқ мекунанд, бинобар ин бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои Сироят кардан бо ин бемориҳо ба таври алоҳида муқаррар карда мешуд. Лекин дар он замон қонунгузор тамоми ин бемориҳоро зери мафҳуми бемориҳои зуҳравӣ ё бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятшаванда муттаҳид менамуд, зеро бемориҳои ВНМО, СПИД ҳанӯз ҳамчун бемориҳои алоҳидаи сироятӣ ошкор нашуда буданд.

2. Ҳолатҳои вазнинкунанда дар м. 155 КҶ ҶШФСР муқаррар нашуда буд. Имрӯз агар қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро назар кунем содир шудани ин кирдор нисбати ду ё зиёда шахс, дар шакли такрорӣ, нисбати шахсони балоғат ноболиғ, тамоман дар он дида намешуд.

3. Сироят кардан бо касалиҳои зуҳравӣ ва Сироят кардан бо ВНМО имрӯз дар КҶ ҶТ дар моддаи алоҳида дида мешавад. Ҳолатҳои вазнинкунандаро дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаҳои дахлдор пешбинӣ намудаанд (ба монанди нисбати ду ё зиёда шахсон ва нисбати шахсони балоғат ноболиғ). Ғайр аз ин, Сироят кардан бо ВНМО, тартиби содир шудани он аз ҷониби дигар шахсон (бо роҳҳои дигаре, ки таркиби м.125 КҶ ҶТ дар бар намегирад), дар моддаҳои дигари КҶ ҶТ муқаррар шудааст. (Ба монанди аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ,

ки боиси гирифтор шудани ВНМО мегардад (қ.2 м.129 КҶ ҶТ), алоқаи ҷинсӣ ва дигар кирдорҳои бадахлоқона, ки боиси гирифтор шудани ВНМО мегардад (м.138-142[1] КҶ ҶТ), ошкор намудани сирри тиббӣ, ки боиси гирифтор шудани ВНМО мегардад (қ.2 м.145 КҶ ҶТ), вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зидди эпидемикӣ, ки боиси гирифтор шудан ба ВНМО мегардад (қ.3 м.207 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ, агар он аз беэҳтиётӣ боиси мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам ё марги инсон гардида бошад (қ.2 м.210 КҶ ҶТ)). Чунин ҳоалтҳо дар қонунгузории ҷиноятии ИҶШС Россия аз соли 1922 дида намешуд.

4. Қонунгузории ҷиноятии соли 1922 ин ҷиноятро кирдори барои ҷамъият хавфнок муқаррар кардааст, ки сироят кардани бемории вазнини зуҳравиро пешбинӣ мекард ва аз рӯйи ҳатто агар назар кунем, онро ба ҷиноятҳои категорияҳои дараҷаи миёна медонад.

5. Барои содир шудани сироят кардани бемории вазнини зуҳравӣ ҷазоро танҳо дар як намуд – маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол муқаррар карда буд. Ҷазоҳои алтернативӣ ҷой надошт. Қонунгузории амалкунанда бошад, ду намуди ҷазо маҳдуд сохтан аз озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодиро муқаррар кардааст. Бо ҳолатҳои вазнинкунанда бошад, ин ҷазоро аз рӯйи категорияашон ба ҷазоҳои дараҷаи миёна ва вазнин шомил медонад. Кодекси мазкур дар ҳудуди кишвари мо то соли 1926-ум амал мекард.

Маълум аст, ки 14 октябри соли 1924 дар натиҷаи таъйиноти ҳудуди миллию давлатии ҷумҳуриҳои шуравии Осиёи Миёна дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Ин ҳолат ба рушди қонунгузории ҷиноятии давлати мо низ таъсири худро расонд. Яъне пас аз гузашти солҳо ва шомил шудани ҶШС Тоҷикистон ба ҳайъати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон

(минбаъд ҶШС Узбекистон) (солҳои 1924-1929) ҳамчун давлати худмухтор Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон дар солҳои (1926-1935) дар давлати мо амал мекард. Гарчанде ки Тоҷикистон дар ҳайъати ҶШС Узбекистон буд, вале КҶ ҶШФСР то соли 1926 дар ҳудуди он амал менамуд. Зеро ҶШС Узбекистон Кодекси алоҳидаи худро надошт. Баъдан соли 1926 КҶ ҶШС Узбекистон қабул гардида, мавриди амал қарор дода мешавад. Кодекси мазкур барои ҷамъият хавфнокии гирифтор кардан ба бемориҳои зуҳравиро баҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дода онро чун ҷиноят пешбинӣ намуда буд. Дар КҶ ҶШС Узбекистон низ ба монадӣ КҶ ҶШФСР 1922 ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои Сироят кардан бо бемории зуҳравӣ муқаррар мешуд. Дар м. 150 КҶ ҶШС Узбекистон таркиби ин ҷиноят ба таври зайл пешбинӣ шуда буд:

*“Ба шахси дигар гирифтор кардани бемории зуҳравӣ аз ҷониби шахсе, ки аз мавҷудияти ин беморӣ огоҳӣ дорад,–*

*бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол ҷазо дода мешавад.*

*Дидаю дониста бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ё дигар амалҳо таҳти хатари гирифтор шудан ба бемории зуҳравӣ қарор додани шахси дигар, –*

*бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то шаш моҳ ё корҳои ҳатмӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.”*

Муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон (с.1926) ба КҶ ҶШФСР соли 1922 вобаста ба танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ қариб, ки монанд буд. Аммо ба таври назаррас ҳам фарқият дида мешавад.

Аввалин хусусияти фарққунандаи ин ҷиноятҳо дар он буд, ки Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон барои содир шудани ин ҷиноятҳо дар баробари маҳрум сохтан аз озодӣ боз ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ барои ин ҷиноят пешбинӣ менамуд.

Моддаи 150 КҶ ҶШС Узбекистон дар фарқият аз КҶ ҶШФСР соли 1922 ҷавобгарии ҷиноятиро барои Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ

дар қисмҳои алоҳидаи м.150 КҶ ҶШС Узбекистон фарқгузорӣ менамуд. Қисми якуми моддаи мазкур ҷавобгариро барои ба беморecho зуҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз *ҷониби шахсе, ки аз мавҷудияти ин беморӣ огоҳӣ дошт,* қисми дуюмаш бошад, дидаю дониста бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ё дигар амалҳо таҳти хатари гирифтор шудан ба бемории зуҳравӣ қарор додани шахси дигарро пешбинӣ мекард. Қисми якуми модда ҷазоро то се сол маҳрум сохтан аз озодӣ ва қисми дуюмаш бошад, ҷазоро то шаш моҳ маҳрум сохтан аз озодӣ ё корҳои ҳатмӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мекард.

Дар КҶ ҶШС Узбекистон аввал таркиби таркиби ҷинояти нисбатан вазнин ва баъдан дар қисми дуюми м.150 таркиби нисбатан сабуки ин ҷиноят муқаррар мешуд. (Қонунгузории амалкунандаи имрӯзаи ҶТ ҳатто давлати хориҷ баръакси онро, яъне аввал такиби оддии ҷиноят ва дар қисмҳои минбаъдаи моддаҳо таркибҳои вазнинкунандаро муқаррар менамояд). Дигар ҳолатҳои фарққунанда дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон дида намешуд.

Кодекси мазкур дар ҳудуди Тоҷикистон то соли 1935, яъне то қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон амал мекард. Агар чанде, ки соли 1929 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳайъати мухторият озод шуда буд, вале бо сабаби он, ки кодекси нав надошт, тамоми ҷиноятҳои содиршавандаро бо Кодекси ҷиноятии ҶШС Узбекистон то соли 1935 бандубаст менамуд.

“Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавриди амал қарор дода шудааст, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Узбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд” [199, с. 31].

Дар Кодекси ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ҷавобгарӣ вобаста ба Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ пешбинӣ шуда буд. Дар м.188 КҶ ҶШС Тоҷикистон ин ҷиноят ба чунин мазмун омада буд:

“Гирифтор кардани шахси дигар ба бемории бо роҳи ҷинсӣ гузаранда аз ҷониби шахсе, ки ба ин беморӣ гирифтор буданашро медонист: –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол;

Дидаю дониста шахси дигарро тавассути алоқаи ҷинсӣ ё дигар амалҳо зери хатари гирифтор шудан ба бемории зуҳравӣ қарор додан, – бо корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати то шаш моҳ ҷазо дода мешавад”.

КҶ ҶШС Тоҷикистон бо якчанд хусусиятҳои худ аз КҶ ҶШС Узбекистон 1926 сол фарқ менамуд:

Аввалан ин ки дар қонунгузории мазкур бемории ВНМО ҳамчун бемори сироятӣ ном бурда мешуд. Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда зиёданд, аз қабили оташак, ганарея, хламидиоз, трихаманоз, сузок, ВНМО ва ғайраҳо. Намудҳои гуногуни сироятҳо ҳамчун микроорганизмҳои бактериявӣ, вирусӣ, паразитӣ амал мекунанд. Дар аксари мавридҳо, бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда тавассути алоқаи ҷинсӣ муҳофизатнашуда мегузаранд.

Дигар хусусияти фарқкунандаи ин ҷиноятҳо дар Кодекси ҷиноятии соли 1935-ум дар он буд, ки ҷазоро танҳо дар ду намуд-маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ва корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то шаш моҳ пешбинӣ карда буд.

Хусусияти дигари Кодекси мазкур (аз соли 1935) ин буд, ки ин муқаррароти модда фақат тартиби гирифтор кардан ба бемориҳои зуҳравиро пешбинӣ намуда буд, ки тавассути алоқаи ҷинсӣ амалӣ мешуд.

Аз ҳолатҳои овардашуда бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ (КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935) ҳаматарафа ҳифзӣ саломатии инсонро, ки дар натиҷаи сирояткардан ба бемориҳои зуҳравӣ ва ВНМО зарар мебинад, ҳзери ҳифзи қонунгузории ҷиноятӣ қарор надода буд.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ягон аломати вазнинкунандаи ҷинояти мазкурро пешбинӣ намекард.

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд [168, с. 297].

Кодекси мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро барои гирифтор кардан ба бемории зуҳравӣ дар м. 118 муқаррар менамуд.

Моддаи 118 ин Кодекс дар шакли "Ба касалии венерикӣ сироят кунонидани шахси дигар ва аз табобати касалии венерикӣ саркашӣ кардан" номгузорӣ шуда буд. Махсусияти ин меъёр дар он буд, ки дар асоси он шахсро ҳам барои гирифтор кардан ба бемориҳои зуҳравӣ ва ҳам барои саркашӣ аз табобати ин беморӣ ба ҷавобгарӣ мекашиданд. Диспозитсияи моддаи мазкур ба таври зайл муқаррар шуда буд: "шахсе, ки ба касалии венерикӣ гирифтор будани худро дониста истода каси дигарро ба ин касалӣ гирифтор мекунад". Барои ин ҷиноят ду навъи ҷазо, яъне корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ва маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол муқаррар карда буд" [4].

Қисми 2 моддаи мазкур бошад, дар шакли зайл пешбинӣ шуда буд: " ба воситаи алоқаи ҷинсӣ ё худ дигар хел амалиёт дидаю дониста шахси дигарро ба зери хавфи касалии венеритикӣ гузоштан". Барои ин қисми модда бошад се намуди ҷазо пенбинӣ шуда буд:

1) маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол;
2) корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол;
3) ҷарима ба маблағи 200 сум" [4].

Ҳолати вазнинкунанда бошад, дар ин модда танҳо ду ҳолат, яъне 1) гирифтор кардани ду ё зиёда шахс ба ин беморӣ, 2) гирифтор кардани шахсони ноболиғ ба ин беморӣ дида мешуд. Барои чунин ҳолатҳои вазнинкунанда як намуди ҷазо-маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол муқаррар шуда буд.

Қисми 4-уми моддаи мазкур бошад, дар ин шакл омада буд: "ба огоҳ кардани мақомоти нигоҳдории тандурустӣ нигоҳ накарда, аз табобати касалиҳои венерикӣ саркашӣ кардан". Кирдори мазкур бо маҳрум сохтан

аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ё худ бо корҳои ислоҳӣ ба худи муҳлат ё бо ҷарима ба маблағи то 200 сум ҷазо дода мешуд” [4].

Аз муқаррароти модда бармеояд, ки тамоми бемориҳои бо роҳҳои алоқаи ҷинсӣ гузарандаро бо номи “касалиҳои венерикӣ” дар як модда пешбинӣ шуда буд. Аломатҳои таркиби ҷиноят бошад, ба таври зайл дида мешуд:

1. Ба ҳайси объекти ҳифзшаванда танҳо ҳаёт ва саломатии шахсони дигар баромад мекард;

2. Тарафи объективӣ бошад, дар ҳаракатҳои зерин зоҳир меёфт:

а) дидаю дониста сироят кардани шахси дигар;

б) дидаю дониста ба воситаи алоқаи ҷинсӣ ё худ дигар хел амалиёт зери хавфи касалии венеритикӣ гузоштан;

в) такроран содир кардани ҳамин кирдор;

г) ба огоҳ кардани мақомоти нигоҳдории тандурустӣ нигоҳ накарда, аз табобати касалиҳои венеритикӣ саркашӣ кардан.

3. Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи воқеии ба синни 16-сола расида эътироф мешуд.

4. Тарафти субективии ҷиноят бошад, гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медод.

Бинобар сабаби паҳни шудани ин намуди бемориҳо, муйаян шудани оқибати хавфнокии онҳо, пайдо шудани бемориҳои дигари хавфноктар хусусан СПИД ба Кодекси соли 1961 қабулшуда моддаи нав вобаста ба пешгирии ин ҷиноят (моддаи $118^1$) илова гардид. Шакли пурраи ин модда чунин буд:

**Моддаи $118^1$ Сирояткунӣ ба касалии СПИД (аломати нуқсони сироятшудаи иммунитет)**

Барои дидаю дониста ба зери хавфи сироят шудан бо касалии СПИД монондани шахси дигар, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Шахсе, ки ба касалии СПИД гирифтор будани худро дониста истода, каси дигарро бо ин касалӣ сироят мекунад, –бо маҳрумӣ аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

Албатта маълум аст, ки бемории СПИД аз дигар навъ бемориҳои зуҳравӣ хавфнокиаш зиёд буда, оқибати маргро ба бор меорад. Маҳз ҳамин аст, ки ҷазоҳои дар ин модда пешбинишуда то ҳашт соли маҳрум сохтан аз озодиро ташкил медод.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз дар соли 1987 дар ИҶШС СПИД (БПНМ) ҳамчун самти мустақили илмӣ муайян карда шуда буд, ки он имкон дод, ки дар ҳама ҷо ба ташкили системаи марказҳои махсус оид ба назорати вазъияти эпидемия, ташкили пешгирии сироят ва расонидани ёрии тиббӣ шуруъ карда шавад (то соли 1996).

Соли 1988 дар Тоҷикистон низ Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт ва то соли 1990 аллакай шумораи ин марказҳо ба чаҳорто расид (дар ҳар як маркази вилоятҳо ва ш.Душанбе).

21 майи соли 1998 КҶ ҶТ қабул гардид, ки то ба ҳол амал мекунад. Дар Кодекси мазкур як моддаи алоҳида вобаста ба Сироят кардан бо бемории ВНМО пешбинӣ шудааст, яъне м. 125-Сироят кардан бо инфексияи ВИЧ. Мазмуни пурраи м.125 ба таври зайл оварда шудааст: “Дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар” [3].

Ба ин моддаҳо чор маротиба тағйироту иловаҳо ворид гардид.

1. Бо Қонуни ҶТ аз 17 майи соли 2004-ум №35 [6].

Дар моддаи 125 КҶ ҶТ қисми 2 истилоҳи “бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол” ба “бо маҳрум сохтан аз озодӣ муҳлати аз ду то панҷ сол” ва дар қисми 3 бошад, истилоҳи “бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳафт сол” ба “бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол” [6] иваз карда шуд. Ғайр аз ин дар қисми 3 банди нав дар шакли “б) нисбати шахси бараълоноболиғ” илова гардид.

2. Бо Қонуни ҶТ аз 18 июни 2008 сол *№ 386* [7] Тағйироте, ки дар ин модда ворид шуда буд, ин истилоҳи “ашхос” ба истилоҳи “шахсон” иваз карда шуд.

3. Бо Қонуни ҶТ аз 23 июли 2016 сол № 1330 [5]. Қонуни мазкур танҳо ба моддаи 125 КҶ ҶТ тағйирот ворид кард. Яъне номи ин бемориро дар номи модда ва диспозитсияи модда аз истилоҳӣ “Сироят кардан бо инфексияи ВИЧ” ба истилоҳи “Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам” иваз намуд.

Лекин аз ҳамаи тағйиротҳои овардашуда танҳо тағйироти бо Қонуни ҶТ аз соли 2004 воридшуда ҷиддитар ба ҳисоб рафта, он ҷазоро барои ҷинояти мазкур пурзӯртар намуд.

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ дар интиҳои параграфи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Пайдоиши ВНМО дар таърих ба номҳои гуногун “бемории сифилис” “бемориҳои зуҳравӣ” “бемориҳои гонорея” дида мешуд, аммо умумияти онҳо танҳо бо он дида мешуд, ки ин бемориҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаштанд ва бемории сироятии ВНМО-ро низ дар бар мегирифтанд.

2. Гарчанде ки таърихи пайдоиши Сироят кардан бо ВНМО таърихи садсолаҳоро дар бар мегирад, вале аввалин маротиба соли 1922 дар қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳайси ҷиноят эътироф шуда, барои содир кардани он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда буд.

3. ВНМО дар байни дигар бемориҳои зуҳравӣ аввалин маротиба соли 1981 фарқгузорӣ шуда, бинобар сабаби барои ҷамъият хавфнокии зиёд доштанаш қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон онро дар моддаи алоҳида пешбинӣ намуд (м. 118[1] ).

**4.** Аз таҳқиқоти гузаронидашуда муқаррар кардан мумкин аст, ки ташаккули таърихӣ ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироятнамоии ҷиноятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, дар ҶТ аз чор марҳила ва чор давра иборат аст: якум (1917 – 1987 с.) – шуравӣ ( дар

навбати худ, ба чор зердавра ҷудо мешавад: якум – 1917 – 1922 с., дуюм – 1922 – 1926 с., 1926 – 1961 с. ва сеюм – 1961 – 1987 с.; чорум (1987 – 1998с.) – ислоҳот ва панҷум ( аз соли 1998 то замони ҳозира ) – муосир.

### 1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ

Масоили мубориза бо ВНМО, ки барои ҷамъият хавфнокии зиёд дорад ва манбаи хатари калон барои саломатии инсон мебошад, дар тамоми давлатҳо мубрам ба ҳисоб меравад. Барои ҳалли он ҳам чораҳои таъсиррасонии тиббӣ ва ҳам воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ истифода мегардад. Чораи таъсиррасонии ҷиноятиро бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ дар шакли мустаҳкам ва устувор ҷой дод. Яке аз роҳҳое, ки ҳаматарафа ин масъала дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳалли худро меёбад, ин баррасии қонунгузории ҷиноятии мамолики хориҷӣ ва ҷой додани меъёрҳои саҳеҳтар дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ мебошад. Тавре, ки А.И. Сафарзода ва Ф.А. Мирзоахмедов қайд менамоянд, «рушди бомуваффақияти илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе омӯзиш ва таҳқиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ғайриимкон аст» [154, с. 50].

Дар ин асно, зарурат ва аҳаммияти омӯзиши низоми конунгузории хориҷиро ҳуқуқшиноси фаронсавӣ Марк Ансел чунин шарҳ медихад: «Омӯзиши низоми конунгузории хориҷӣ дар назди ҳуқуқшиносон соҳаҳои навро мекушояд ва ба онҳо имконият медиҳад, ки низоми ҳуқуқи кишвари худро беҳтар намуда, хусусиятҳои хоси низоми ҳуқуқи хориҷӣ ҳангоми муқоиса кардан бо дигар низоми ҳуқуқи давлатҳои хориҷ мушаххасу равшантар омӯзанд. Ҳатто ҳуқуқшиносонро бо далелҳое асоснок месозанд, ки ба даст овардани онҳо ҳатто ҳангоми хуб донистани низоми ҳуқуқии давлати худ ҳам ғайриимкон мебошад» [120, с. 38].

Гузашта аз ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ як усуле бо номи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҷой дорад, ки оид ба ҳалли ин масъалаҳо ба кор бурданаш зарур аст. Яъне таҳлили низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузории

ин ё он давлатро барои ҳалли дурусти ягон масъала ба роҳ монда, дар илми ҳуқуқшиносӣ барои ҳалли танзими ҳаматарафаи ҷинояти ВНМО ин масъаларо ҳал бояд намуд.

Зеро истифодаи усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин аҳаммиятро доро мебошад:

1. Таҳлили қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ метавонад шакли идоракунии давлат ва реҷаи сиёсии онро тавсиф намояд.

2. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст, ки чаро эътироф шудани ҷиноят дар ҳар давлат ба таври гуногун дида мешавад.

3. Усули муқоисавӣ яке аз тарзу воситаҳои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Бинобар чунин ҳолатҳо моро зарур аст, ки таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷиро оид ба ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО барррасӣ намуда, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онро омухта, бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намоем.

Айни замон аз ҳама бештар қонунгузории давлатҳое қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки дар онҳо оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ ҳукмрон аст. Барои ин гурӯҳи давлатҳо чунин хусусият хос мебошад, ки ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ муқаррар шудаанд.

Омӯзиши таҷрибаи ба танзим даровардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба ҳаёт ва саломатӣ дар давлатҳои пасошуравӣ, барои ворид намудани тағйироту иловаҳои асоснокшуда барои такмилдиҳии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, хеле заруранд. Дар ин ҳол бояд дар назар дошт, ки низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар давлатҳои пасошуравӣ дар давраи дуру дароз инкишоф ёфта, таҳти таъсири омилҳои сиёсю иҷтимоӣ ва дигар омилҳо қарор гирифтааст. Ба ин раванд таъсири начандон

камаҳаммиятро инчунин ҳуввият (расму оин)-и аҳолӣ расонидааст. Бинобар ин, гуфта наметавонем, ки таҷрибаи мукаммали (универсалии) хориҷӣ доир ба ташкили ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ ва муқовимат ба ҷиноятҳое, ки ба ин объекти ҳифзшаванда таҳдид ворид мекунанд, ҷой дорад. Барои ҳар як давлат чунин низом фардӣ аст ва дорои бартарияту камбудиҳои худ мебошад.

Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки муқаррар кардани меъёрҳо оид ба ҷавобгарӣ барои Сироят кардан бо ВНМО, пеш аз ҳама, аз мавқеи ҳудудии давлат вобастагӣ дорад [154, с. 50]. Қобили қайд аст, ки меъёрҳои КҶ ҶТ ва Кодексҳои ҷиноятии дигар давлатҳои пасошуравӣ аз бисёр ҷиҳат монанд мебошанд. Чунин монандӣ, пеш аз ҳама, бо наздикии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мавҷудияти низоми ягонаи ҳуқуқӣ дар гузаштаи дур асоснок карда мешавад. Ғайр аз он, дар давлатҳои муосири мустақил ва соҳибистиқлол қонунҳо аз тарафи шахсоне эҷод мегарданд, ки онҳоро маҷмуи ягонаи андешаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муттаҳид месозад. Ҳамзамон, ҳар яке аз ҷумҳуриҳои пасошуравӣ дар маҷмуъ назарияи умумии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба асос гирифта, ба сӯи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ бо роҳи худ ҳаракат мекунанд. Ҳамаи ин, дар маҷмуъ, барои истифодаи мутақобилаи таҷрибаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ шароити мусоид ба вуҷуд меорад [154, с. 50 ].

Намунаи равшани тафриқагузории ҷиноятҳо ба монанди Сироят кардан бо ВНМО КҶ ФР ба шумор меравад [17]. Қонунгузории ҷиноятии ин давлат дар м.122 ин ҷиноятро муқаррар кардааст. Муқаррароти он чунин аст: “ Дидаю дониста шахси дигарро зери хавфи сироят ба ВНМО гузоштан”.

Хусусияти хоси фарқкунандаи қонунгузории ин давлат нисбат ба КҶ ҶТ дар чунин хусусиятҳо дида мешавад:

1. Дар моддаи мазкур субъекти ҷиноят дар баробари субъектоне, ки дигар шахсонро бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ба ин сироят гирифтор мекунанд, боз кормандони тибро ҳангоми номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои

касбии шахсӣ субъекти ҷиноят медонад (қ.4.м.122 КҶ ФР). Дар қонунгузории давлати мо бошад, ин кирдор бо қ.2 м.129 КҶ ҶТ (Аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ ) бандубаст мегардад.

2. Дар низоми ҷазоҳои барои ин ҷиноят муқарраршуда чор намуди ҷазо (корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд сохтан аз озодӣ) дида мешавад, ки ду ҷазои аввал дар м. 125 КҶ ҶТ барои содир намудани ин ҷиноят дида намешавад.

3. КҶ ФР асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро дар эзоҳи модда (эзоҳи м.122) пешбинӣ кардааст, ки мутобиқи он "Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сирояат қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин бемории огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад" [17].

Дар фарқият аз КҶ Россия КҶ Қазоқистон ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО-ро дар Боби 1 (Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили шахсият) м. 118 ҷой додааст [14]. Қонунгузории ҷиноятии ин давлат қариб ки аз КҶ ҶТ дар танзими ин ҷиноят фарқият надорад. Танҳо вобаста ба озод кардан аз ҷавобгарӣ барои содир кардани ин кирдор дар эзоҳи ин модда дида мешавад, ки ин ҳолатро мо дар КҶ ФР гуфта гузаштем. Дигар ин ки ҷинояти мазкурро дар Боби "Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили шахсият" ҷой додааст (Боби 1). Дар сохтори Қисми масуси КҶ Қазоқистон фасли ҷиноятҳо ҷой надорад. Танҳо бобҳоро муқаррар мекунад.

Дар КҶ Узбекистон ҷавобгарии ҷинояти барои Сирояат кардан бо ВНМО дар фасли 1 "Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият", боби 3 "Ҷиноятҳои барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок", дар м. 113 ҷойгир шудааст [16]. Моддаи

мазкур “Паҳн кардани бемориҳои зуҳравӣ ё бемории БПНМО” номгузорӣ гаштааст.

Қонунгузории ин давлат ҷавобгариро барои Сироят кардан бо бемории БПНМО ва Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравро дар доираи як модда муттаҳид намудааст.

Дар қ.1 м. 113 КҶ Узбекистон “ҷавобгарӣ барои дидаю дониста таҳти хавфи Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ гузоштани шахси дигар, дар қ.2 шахси дигарро ба бемории зуҳравӣ сироят намудани шахсе, ки гирифтори ин беморӣ будани худро медонист, мустаҳкам шудааст” [16].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо бемории БПНМ бошад ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар қисми 4 моддаи мазкур ҷойгир шудааст. Дар қ.4 м.113 КҶ Узбекистон қонунгузор дидаю дониста таҳти хавфи сироят шудан ё Сироят кардан бо бемории БПНМО-ро дар як қисм пешбинӣ намудааст, ки ин ба принсипи фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқат наменамояд.

Ҳамин тавр, дар фарқият аз КҶ ҶТ КҶ Узбекистон ҷавобгарии ҷиноятиро бо таҳти хавфи сироят ба бемории БПНМ ё Сироят кардан бо он гузоштааст, яъне фаро расидани ҷавобгариро барои Сироят кардан бо бемориҳои мазкур ба давраи дертар вобаста намудааст. Зеро бемории БПНМО марҳилаи охирини сироят ёфтан ба бемории ВНМО ҳисоб мешавад.

Бинобар он, ба назари мо асосноктар мебуд агар Сироят кардан бо бемории БПНМО ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар қ.3 м.125 КҶ ҶТ муқаррар шуда барои он ҷавобгарии пурзӯртар пешбинӣ мешуд.

Ғайр аз ин санксияи қ.4 м.113 КҶ Узбекистон дар фарқият аз санксияи м.125 КҶ ҶТ дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ доираи васеи ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабударо муқаррар намудааст: ба монанди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд сохтан аз озодӣ.

Дар КҶ Қирғизистон [12] ҷавобгарии ҷиноятии барои Сироят кардан бо ВНМО дар боби 21 "Ҷиноятҳое, ки ҳаёт ва саломатиро дучори хатар мекунанд" дар доираи м.143 КҶ "Сироят кардан бо бемориҳои венерикӣ ё бемориҳои сироятии табобатнашаванда" муқаррар шудааст.

Моддаи мазкур аз чор қисм иборат буда, дар қ. 1 м. 143 КҶ Қирғизистон ҷавобгарӣ "барои қасдан сироят намудани шахси дигар ба бемории венерикӣ аз тарафи шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист пешбинӣ мешавад" [12]. Таркиби ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО бошад дар қ.қ. 2,3,4 моддаи мазкур мустаҳкам гардидааст.

Дар қ. 2 м. 143 КҶ Қирғизистон барои "Таҳти хавфи гирифтор шудан ба вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда, ки барои ҳаёти инсон хатарнок аст, гузоштан, агар сироят рух надода бошад" [12], ҷавобгарӣ муайян шудааст.

Дар қ. 3 моддаи мазкур бошад ҷавобгарӣ барои "Сироят намудани шахси дигар ба вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда аз ҷониби шахс, ки гирифтори ин беморӣ будани худро медонист, агар чунин кирдор аз беэҳтиётӣ содир шуда бошад" [12] муқаррар шудааст.

Қисми 4 м. 143 КҶ Қирғизистон бошад, ин тавр оварда шудааст: "Сироят намудани шахси дигар бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда, ки барои ҳаёти инсон хавфнок мебошад ". Тарафи субъективии ин қисми моддаи пурра бо гуноҳ дар шакли қасд тавсиф мегардад..

Ҳамин тавр, КҶ Қирғизистон дар фарқият аз КҶ ҶТ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсонро аз бемориҳои сироятӣ ба таври васеътар зери ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор додааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо барои Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ, балки барои зери хавфи сироят гузоштан ё сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда ба вуҷуд меояд.

Дуюм, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда на танҳо ҳангоми ҷой доштани қасд, балки дар ҳолатҳои аз беэҳтиётӣ содир шудани он низ ба миён меояд.

Сеюм, дар фарқият аз м.125 КҶ ҶТ м.143 КҶ Қирғизистон барои зери хавфи сироят гузоштан ё сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда се намуди ҷазоҳо (корҳои ислоҳӣ, ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ)-ро муқаррар кардааст.

Чорум, ба монанди КҶ Қазоқистон, ФР ва ғ. дар м. 143 КҶ Қирғизистон асосҳо барои озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир шудани он дар эзоҳи модда пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи он шахс барои кирдорҳои дар қ.қ. 1,2,3 м.143 КҶ Қирғизистон пешбинишуда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигари зери хавфи сироят ба вируси норасоии масунияти одам гузошта шуда, саривақт дар шахси аввал ҷой доштани ин бемории огоҳ карда шуда бошад ва ихтиёран барои содир шудани ҳаракатҳои хавфи сироятро бавуҷудоваранда розӣ шуда бошад.

Дар фарқият аз КҶ ФР, Қазоқистон эзоҳи м.143 КҶ Қирғизистон озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноятҳо бо ҳолаҳои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё аз беэҳтиётӣ ба ин бемории сироят намудани шахси дигар маҳдуд шудааст. Барои Сироят кардан бо ВНМО ё дигар бемории табобатнашавандаи сироятӣ, ки барои ҳаёт хафнок мебошад, новобаста аз розӣ будани ҷабрдида барои сироят ба чунин бемории шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Ғайр аз давлатҳои дар боло овардашуда бояд КҶ Озорбойҷонро низ мавриди омӯзиш қарор дод, махсусияти ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят намудан ба ВНМО муайян намуд. КҶ Озорбойҷон Сироят кардан бо ВНМО-ро дар моддаи 140 ҷой додааст [11]. Муқаррароти қонунгузории ҷиноятии ин давлат ба таври умумӣ ҳолатҳоеро пешбинӣ намудааст, ки ин паҳлуҳоро дар таҳлили қонунгузории давлатҳои дигар гуфта гузаштем.

Махсусияте, ки диққати моро ҷалб кунад ё дар қонунгузории ҷиноятии дигар давлатҳо ҷой надошта бошад, дида намешавад. Танҳо як ҳолат ҷой дорад, ки вайрон кардани қоидаҳои зидиэпидемиологӣ, гигиению санитарӣ ва карантиниро дар низоми ҷиноятҳои Сироят кардан бо бемориҳои ВНМО ва дигар бемориҳои зуҳравӣ медонад (м. 139 Паҳн кардани бемориҳои зуҳравӣ, м.139.1 вайрон кардани қоидаҳои зидиэпидемиологӣ, гигиению санитарӣ ва карантини, м. 140 Сироят кардан бо ВНМО). Ғайр аз ин кормандони тибро ҳангоми номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои касбии шахсӣ мутобиқи ин модда субъекти ҷиноят эътироф намудааст(қ.4 м.140 КҶ Озорбойҷон).

Дар КҶ Арманистон [21] ҷинояти сирояти кардан ба ВНМО дар боби "Ҷиноятҳое, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид менамоянд" ҷойгир шудааст. Хусусияти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон дар фарқият аз КҶ ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравӣ аз он иборат мебошад, ки ҷавобгариро барои Сироят кардан бо ВНМО вобаста ба шакли гуноҳ дар ду моддаи алоҳида мустаҳкам намудааст. Дар м.177 ҷавобгарӣ барои Сироят кардан бо ВНМО пешбинӣ шудааст, ки тарафи субъективии он бо гуноҳ дар шакли қасд тавсиф мегардад. Дар м.178 КҶ Арманистон ҷавобгарӣ барои "сироят намудани шахси дигар бо барангезандаи вируси масунияти одам, ки бо худбоварии ҷиноятӣ содир шудааст" муқаррар шудааст. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории Арманистон тарафи субъективии ин ҷиноятро танҳо бо гуноҳи беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ вобаста намудааast. Аз бепарвоӣ сироят намудани шахси дигар бо ВНМО боиси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

Дар фарқият аз қ.2 м.125 КҶ ҶТ дар м.м. 177, 178 КҶ Арманистон чунин аломати субъеки ҷиноят ба монанди "шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист" нишон дода нашудааст. Вобаста ба ин ба хулосе омадан мумкин аст, ки субъекти ҷиноятҳои зикршуда мутобиқи КҶ Арманистон метавонад ҳама гуна шахс баромад намояд.

Ғайр аз ин, таҳлили КҶ Арманистон нишон медиҳад, ки дар он кирдорҳои вобаста ба зери хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар декриминализатсия гардида ба сифати ҷиноят муқаррар нашудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноят дар м.м.177,178 КҶ Арманистон муқарраршуда содир намудани чунин кирдорҳо нисбати 1) зани ҳомила; 2) шахси дар вазъияти оҷизона қарордошта; 3) нисбати шахси ноболиғ пешбинӣ шудааст.

Дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии Арманистон Кодекси ҷиноятии КҶ Молдовия оид ба мустаҳкам намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо ВНМО махсусияти худро дорад [15]. Ҷиноятҳо ба муқобили ВНМО-ро дар Боби "Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ" ҷой додааст. (Боби 8 КҶ Молдова). Махсусияти қонунгузории ин давлат дар он аст, ки ин ҷиноятҳоро на ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, балки ба гурӯҳи ҷиноятҳои дар соҳаи тиб дохил намудааст. Ғайр аз ин дар ду моддаи тамоми бемориҳои зуҳравиро ҷой додааст, ки ВНМО-ро мушахасан пешбинӣ намекунад. (м.211 гирифтор кардан ба бемориҳои зуҳравии, 212 гирифтор кардан ба бемории зуҳравии СПИД.) Аз ин бармеояд, ки ВНМО-ро яке аз бемориҳои зуҳравӣ дониста барои ҷамъият хавфнокии онро бо бемориҳои зуҳравӣ баробар донистааст. Ғайр аз ин СПИД ин дар натиҷаи сироят шудан ба бемориҳои ВНМО ё дигар касалиҳои зуҳравӣ дида мешавад. Вобаста ба Сироят кардан бо СПИД танҳо як намуди ҷазо – маҳрум сохтан аз озодиро муқаррар кардааст. Дигар намудҳои ҷазоҳои алтернативӣ дар КҶ Молдова дида намешавад. Гузашта аз ин ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро танҳо нисбати табибон, ки ҳангоми иҷрои номатлуби касбӣ, ки шахс дар натиҷа ба ин беморӣ гирифтор мешавад, пешбинӣ намудааст. Дар баробари ин ҳолатҳо эзоҳи махсус дар ин модда (м.212 КҶ Молдова) асосзои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бари ин ҷиноят муқаррар мекунад, ки тибқи он "агар ҷабрдида пеш аз содир шудани ҷиноят сироят будани тарафи

дигарро донад ва барои гирифтор шудани он розӣ бошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад” [15]. Ба фикри мо ин ҳолат барои саломатии аҳолӣ таъсири зиёд дорад. Новобаста аз он ки тарафи дигар барои гирифтор шудан ба ин беморӣ розӣ аст ё огоҳ аст, ҷавобгарӣ бояд ба миён ояд. Зеро ки манфиати шахсони сеюм ба назар бояд гирифта шаванд. Ҷабрдида хоҳу нохоҳ бо шахсони дигар дар оянда алоқаи ҷинсиро анҷом медиҳад ва дигаронро низ ба ин беморӣ сироят менамояд.

Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии Сироят кардан бо ВНМО дар Кодекси ҷиноятии КҶ Белорусс низ аз аҳаммият холӣ нест. Моддаи 157 он ин ҷиноятро муқаррар кардааст [13], ки он дар боби 19 “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ” мустаҳкам шудааст. Моддаи мазкур аз се қисм иборат буда, қисми якуми он пурра бо қ.1 м.125 КҶ ҶТ мувофиқ мебошад. Танҳо дар санксияи қ.1 м.157 КҶ Белорус дар фарқият аз санксияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ имконияти таъин шудани ҷазои ҷарима низ муқаррар шудааст.

Фарқияти асосӣ дар қ.2 м.157 КҶ Белорус ба назар мерасад, ки он бевосита шакли гуноҳро барои ин ҷиноят дар диспозитсияи моддаи мазкур номбар намудааст: аз худбоварӣ ё бо қасди бавосита сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахси мубталои ВНМО, ки гирифтори ин беморӣ будани худро медонист.

Содир намудани чунин кирдор, ки нисбати ду ё зиёда шахсон ё нисбати шахси баръало ноболиғ ё бо қасди бевосита содиршуда ҳамчун аломати вазнинкунанда дар қ.3 м.157 КҶ Белорус мустаҳкам шудааст.

Махсусияти қонунгузории ин давлат дар он аст, ки содир шудани ин ҷинояро ҳам дар шакли қасд ва ҳам беэтиётӣ дар намуди худбоварӣ пешбинӣ намудааст. Қасди бевоситаро бошад ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят пешбинӣ намудааст. Яъне содир шудани кирдори мазкурро дар шакли худбоварӣ ва қасди бавосита дар қисми 2 моддаи 157 ҷой додааст. Аммо содир шудани сироятнамоӣ бо қасди бевоситаро дар қисми 3 модда ҳамчун ҳолати вазнинкунанда баҳо додааст.

Дар эзоҳи м.157 КҶ Белорус низ ба монанди КҶ ФР, Қазоқистон меъёри муқарраркунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст, ки мутобиқи он "шахси кирдорҳои дар қ.қ. 1,2 моддаи мазкур пешбинишударо содир намуда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигари зери хавфи сироят ё сироятшуда ба ВНМО саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳ карда шуда бошад ва ихтиёран барои содир намудани ҳаракатҳои хавфи сироятёфтанро бавуҷудоваранда розӣ шуда бошад" [13].

Мутобиқи эзоҳи мазкур аз ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо он шахсоне озод карда намешаванд, ки агар сирояткардан ба ВНМО-ро нисбати ноболиғон ё бо қасди бевосита содир намуда бошанд.

**Дар Ҷумҳурии Украина ҳам** Сироят кардан бо ВНМО-ро КҶ Украина низ муқаррар карда, нисбати он чораҳои махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст [20]. Қонунгузории ҷиноятии ин давлат махсус фасл дар қисми махсуси он бо номи "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ" (Фасли 2.), дорад, ки вобаста ба гирифтор кардан ба бемориҳои зуҳравӣ 4 модда муқаррар кардааст (м.130-133 КҶ Украина):

1. "Моддаи 130. Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда;

2. Моддаи 131. Иҷрои номатлуби уҳдадориҳои касбӣ, ки боиси сироят ёфтани шахс ба вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда мегардад. (мутобиқ ба м.129 КҶ ҶТ);

3. Моддаи 132. Фош кардани маълумот дар бораи муоинаи тиббӣ барои ошкор намудани сирояти вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда (мутобиқ ба м.145 КҶ ҶТ);

4. Моддаи 133 Сироят карда ба бемориҳои зуҳравӣ (мутобиқ ба м.126 КҶ ҶТ)" [20].

Фақат хусусияти фарқкунандаи қонунгузории ҷиноятии ин давлат дар он дида мешавад, ки ин ҷиноятҳои муқарраршуда дар бобҳои алоҳидаи КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Масалан, фош кардани маълумот дар бораи муоинаи тиббӣ барои ошкор намудани сирояти вируси норасоии масунияти одам дар боби 19 (Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд) дохил мешаванд. Махсусияти дигараш дар он аст, ки КҶ Украина ВНМО-ро баробар ба дигар бемориҳои табобатнашаванда медонад. Дигар ин ки қасдан содир кардани кирдори мазкурро аз ҳама ҳолати содиршавии он бо ҳолатҳои вазнинкунанда медонад (қ.4 м.130 КҶ Украина). Вале дар қонунгузории ҷиноятии ин давлат махсусияти ҷиддие ҷой надорад, ки боиси таваҷҷуҳ ё таҳлили илмӣ қарор гирад. Дигар асосҳои хусусие, ки дар диспозитсия ва санксияи моддаи мазкур ҷой доранд, дар қонунгузории ҷинотии дигар давлатҳо аксаран дида мешавад.

КҶ Туркманистон низ вобаста ба танзими ҳуқуқии ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО муқаррарот пешбинӣ намудааст [19]. Ҷинояти мазкур ба монанди м.125 КҶ ҶТ дар боби "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ" ҷойгир шудааст.

Моддаи 116 КҶ Туркманистон, ки дар он ҷавобгарӣ барои Сироят кардан бо ВНМО пешбинӣ шудааст, аз чор қисм иборат мебошад. Қисмҳои 1,2, 3 моддаи мазкур ба пуррагӣ бо таркибҳои дар м.125 КҶ ҶТ муқарраршуда мувофиқ мебошанд. Хусусияти фаққунандаи м. 116 КҶ Туркманистон дар он аст, ки ҷавобгариро "барои аз ҷониб кормандони тиб ё дорусозӣ ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои касбии худро, ки дар натиҷа шахси дигар мубталои вируси норасоии масунияти одам гардонидааст дар қ.4 м.116 КҶ Туркманистон" [19] мустаҳкам намудааст. Дар КҶ ҶТ бошад чунин ҳолат ба сифати аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.129 КҶ ҶТ (Аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ) ҷой дода шудааст.

Санксияҳои м. 116 КҶ Туркманистон ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ бе ҳолатҳои ҷой доштани ҷазоҳои алтернативӣ пешбинӣ менамояд.

КҶ Грузия дар м.131 Сироят кардан бо ВНМО-ро ҷинояти мушаххас муқаррар кардааст [10]. Тибқи он “Дидаву дониста ба шахси дигар гирифтор шудан ба сирояти ВНМО гузоштан” [10]. Махсусияти қонунгузории ҷиноятии ин давлат дар он аст, ки “содир шудани ин кирдорро нисбат ба зане, ки ҳомиладор буданаш маълум аст” ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ намудааст (қ.4 м. 131 КҶ Грузия). Албатта ин як ҳолати муҳимест, ки дар қонунгузории дигар давлатҳои дар боло таҳлилшуда дида намешавад. Зани ҳомиладорро Сироят кардан бо ин беморӣ ба ҳаёти ду нафар зарба задан ҳисоб ёфтанаш аз эҳтимол дур нест. Зеро, тавре дар боло қайд кардем, яке аз роҳҳои асосии ба дигар шахс гузаштани ин беморӣ ин аз модар ба кӯдак дар давраи ҳомиладорӣ ё ширмаконӣ мебошад. Чунин ҳолат низ хуб мешуд, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишвари мо пешбинӣ карда шавад. Дигар хусусияти фарққунандаи қонунгузории ҷиноятии ин давлат барои ин ҷиноятҳо нисбат ба қонунгузории давлати мо дар он аст, ки мисли КҶ Россия ва Озарбойҷон кормандони тибро ҳангоми номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои касбии шахсӣ субъекти ҷиноят медонад (мутобиқ ба қ.2 м.129 КҶ ҶТ). Дар қисмати ҷазоҳо бошад, танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои шахсони ҷиноятсодиркарда муқаррар шудааст. Ба сифати ҷазоҳои иловагӣ бошад, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайянро нисбат ба кормандони тиб (қ.4 м. 131 КҶ Грузия) пешбинӣ намудааст. Аз ҷазои пешниҳодшуда маълум аст, ки назари давлат нисбат ба муқовимат ва мубориза ба ин ҷиноятҳо ҷиддӣ ба назар мерасад.

Дар натиҷаи таҳлили параграфи мазкур диссертант ба чунин хулоса омад:

1. Қонунгузориҳои ҷиноятии ҳама давлатҳои пасошуравӣ Сироят кардан бо ВНМО-ро ба сифати таркиби мустақили ҷиноят мустаҳкам намудаанд. Дар байни ин давлатҳо танҳо КҶ Арманистон кирдорҳои вобаста ба зери хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар декриминализатсия намуда, ба сифати ҷиноят муқаррар накардааст.

2. Дар як гурӯҳи давлатҳо (ба монанди Ҷумҳуриҳои Узбекистон ва Қирғизистон) барои ҷамъият хавфнокии Сироят кардан бо ВНМО ва гирифтор кардан ба дигар бемориҳои зуҳравиро якхела дониста, ҷиноят ва сазовори ҷазо донистани онҳоро дар як модда пешбинӣ намудаанд. Бемориҳои СПИД-ро бошад, дар қисмҳои алоҳидаи модда ҳамчун ҳолати вазнинкунанда муқаррар намудаанд;

3. Қонунгузории ҷиноятии қисме аз давлатҳо (Ҷумҳуриҳои Арманистон ва Гурҷистон) содир кардани ин ҷиноятро нисбати занони ҳомила махсус ҳолати вазнинкунанда муқаррар кардаанд;

4. Дар КҶ баъзе аз давлатҳо, масалан Ҷумҳурии Қирғизистон дар фарқият аз КҶ ҶТ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсонро аз бемориҳои сироятӣ ба таври васеътар зери ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор додааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо барои Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ, балки барои зери хавфи сироят гузоштан ё сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар беморӣи сироятии табобатнашаванда ба вуҷуд меояд.

5. Дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо ВНМО вобаса ба шакли гуноҳ дар моддаҳои алоҳида ( Ҷумҳурии Арманистон) ё қисмҳои алоҳида ҳамон як модда (Ҷумҳурии Қирғистон) мустаҳкам шудааст, ки ин бештар ба тафриқасозии ҷавобгарӣ вобаста ба шакли гуноҳ мутобиқ мебошад.

6. Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус бевосита шакли гуноҳ барои ин ҷиноят дар диспозитсияи моддаи номбар шудааст, ки ин тавсифи тарафи субъективии ин ҷиноятро осон мегардонад.

7. Қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо (Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Белоруссия, Қирғизистон ва ФР) дар эзоҳи моддаи муқарраршуда вобаста ба ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО асосҳои озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро низ пешбинӣ намудаанд, ки тибқи он шахси ҷабрдида агар ба ин беморӣ гирифтор шудани худро пеш аз алоқаи ҷинсӣ донад,огоҳ бошад

ва ба гирифторшавӣ ба ин беморӣ розӣ бошад, пас шахси ҷиноятсодиркарда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

8. Ҳангоми ба итмом расонидани таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ бартариятҳое ба мо мушоҳида шуд ва барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли илова ворид карданашон амри зарурист:

1. Ба қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ як банди дигар дар шакли зайл " *нисбати занони ҳомиладор содир шудааст."* илова карда шавад. Зеро содир шудани Сироят кардан бо ВНМО нисбати занони ҳомиладор, якбора ба ҳаёт ва саломатии ду кас (модар ва кӯдак) зиррар мерасонад.

2. Маълум аст, ки БПНМ нисбат ба ВНМО хавфнокии зиёд дорад. Ин беморӣ табобатнашаванда буда, оқибати маргро ба миён меорад. Бинобар ин, дар м.125 КҶ ҶТ қисми махсус (қисми 4) дар ин шакл пешбинӣ карда шавад: "4. Таҳти хатари гирифтор шудан ба БПНМ гузоштан ё гирифтор кардан ба он"

Моддаи 125 дар умум ба таври зайл бояд дар КҶ ҶТ ҷой дода шавад:

**Моддаи 125. Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё бемории пайдоиши норасоии масуният**

1) Дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар,

бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, ки:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) нисбати шахси баръало ноболиғ,

в) нисбати занони ҳомиладор содир шудааст.

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

4) Таҳти хатари гирифтор шудан ба БПНМ гузоштан ё гирифтор кардан ба он, -

*бо ... ҷазо дода мешавад.*

## БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

### 2.1. Объект ва предмети сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам

Тавре маълум аст, хусусияти ҷиноят ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят, пеш аз ҳама, аз рӯйи объекте муайян карда мешавад, ки ба он таҷовуз содир мешавад.

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «дуруст муайян намудани объекти ҷиноят имкон медиҳад, ки табиати ҳуқуқии кирдор ошкор шуда, мазмун ва шакли он муайян ва доираи субъектон муқаррар гардад, инчунин ин кирдорҳо аз дигар ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ фарқ карда шаванд» [104, с. 105-106].

М.Д. Шаргородский қайд менамояд, ки «Масоили объекти ҷиноят нисбат ба проблемаи гуноҳ ва расонидани зарар камаҳаммият набуда, балки аз лиҳози фалсафӣ масоили амиқтар мебошад, вале он дар адабиёти ҳуқуқӣ кам таҳқиқу коркард гардидааст» [162, с. 189].

Ба андешаи Б.С. Никифоров “Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз проблемаи объекти умумии ҷиноят дида ягон проблемаи мубрамтар ва муаммоталаб ёфтан мушкил аст” [65, с. 6].

Олимони тоҷик Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода ва дигарон ба он ақидаанд, ки объекти ҷиноят аҳаммияти сегонаро соҳиб аст:

“1) объекти ҷиноят асоси созмон додани қисми махсуси КҶ ва ба фаслҳо, бобҳо ҷудо кардани он мебошад;

2) ҳангоми бандубасти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад;

3) таъминкунандаи ҷудо кардани як ҷиноят аз ҷинояти дигар мебошад” [115, с. 57-58].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро вобаста ба самти амудӣ ба чор гурӯҳ тасниф мекунад (Аз мазмуни меъёрҳои Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин ҳолат бармеояд):

– **объекти умумӣ** – маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар маҷмуъ бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳофизат мешаванд;
– **объекти хелӣ** – бо фаслҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ алоқаманд мебошад;
– **объекти намудӣ** – бо номи бобҳои Кодекси ҷиноятӣ мувофиқат мекунад;
– **объекти бевосита** – дар асоси моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ муайян мешавад.

Объекти умумии ҷиноят гуфта он гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки қонунгузории ҷиноятӣ муҳофизати онҳоро кафолат додааст. Умуман, чунин муносибатҳо дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ дарҷ гардидаанд ва ҳамчун объекти умумии ҳамаи ҷиноятҳо шинохта мешаванд.

Ба андешаи ҳуқуқшинос А.И. Чучаев, мафҳуми «объекти умумии ҷиноят» ба он муносибатҳои ҷамъиятие дахл дорад, ки дар маҷмуъ аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ муҳофизат мешаванд. Ин гуна муносибатҳо метавонанд ҳам хусусияти дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ дошта бошанд. Ба ақидаи мазкур, ҳамаи кирдорҳое, ки ба ҷамъият хатари ҷиноятӣ доранд, ба ин муносибатҳо зарар расонида, аз доираи он берун нестанд ва маҳз ҳамин муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти асосии муҳофизати ҳуқуқии ҷиноятиро ташкил медиҳанд [114, с. 85].

Ба андешаи А.В. Наумов назарияи муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят дар ин замон ҷавобгӯи талабот нест. Аз ин лиҳоз, бояд дар баробари муносибатҳои ҷамъиятӣ манфиатҳо ё арзишҳо низ чун объектҳои мустақил эътироф намуд [63, с. 303-304].

А.И. Сафарзода объекти ҷиноятро ба сифати объекти асосӣ номгузорӣ кардааст, ки ба сифати он “муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки моҳияти ҷинояти мушаххасро ифода намуда, барои ҳифзи он дар қисми махсуси КҶ моддаи муайян муқаррар карда шудааст” [155, с. 114-123].

Ин ҷо масъалаи асосӣ объекти Сироят кардан бо ВНМО мебошад. Бинобар ин, мо сари масъалаи асосӣ рӯ меорем.

Албатта, ҷиноятҳо вобаста ба Сироят кардан бо ВНМО низ дорои объекти худ мебошад.

Сироят кардан бо ВНМО боиси расонидани зарари вазнин ё ба вуҷуд овардани хавфу хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон мебошад, вале бо вуҷуди ин, набояд миёни Сироят кардан бо ВНМО ва расонидани зарар ба саломатӣ ва ҳаёти шаҳрванд алоқамандии бевосита мансуб дониста шавад. Зеро роҳҳои дигар барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон ва шаҳрвандон ҷой дорад, ки оқибат ба объекти ҳифзшавандаи қонунгузории ҷиноятӣ зарар расонида мешавад.

Сарфи назар аз он, ки ҳамасола дар ҶТ ҳодисаҳои зиёди сироятшавӣ ба ВНМО ба қайд гирифта мешавад, аммо дар бораи ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахсони гунаҳгор амалан маълумот мавҷуд нест. Ин ба фикри мо, на танҳо бо дараҷаи баланди латентӣ доштани ҷинояти таҳқиқшаванда, балки бо номукаммалии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва масъалаҳои татбиқи амалии меъёри қонунгузории ҷиноятӣ низ муайян карда мешавад.

Маҷмуи объектҳои ҷиноятҳо вобаста ба Сироят кардан бо ВНМО-ро аз рӯйи иерархияи онҳо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Объекти хелӣ;

Объекти намудӣ;

Объекти бевосита;

Агар объекти умумии ҷиноятро дар м.125 КҶ ҶТ баҳо диҳем, фақат сухан оид ба он масъалае пайдо мешавад, ки муқаррароти умумии қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба дигар моддаҳои КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ки дар боло ин масъаларо мо баррасӣ намудем. Бинобар ин, зарурати баррасии объекти умумӣ вобаста ба ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО ҷой надорад.

Объекти хелии ҷиноят аз муносибатҳои ҷамъиятии якхела иборат буда, он дар номи фасли Қисми махсуси КҶ вобаста аз арзиши объект нишон дода шудааст [115, с. 62].

Дар муқоиса бо ин қоида агар назар кунем, пас объекти хелии Сироят

кардан бо ВНМО ин фасли 7 КҶ ҶТ (Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият) дар назар дошта мешавад, ки аз панҷ боб иборат аст:

– Боби 16. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ (м.104-129 КҶ ҶТ);

– Боби 17. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии обрӯ ва эътибори шахсият м.130-137[1] КҶ ҶТ);

– Боби 18. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ(м.138-142[1] КҶ ҶТ);

– Боби 19. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон(м.143-164 КҶ ҶТ);

– Боби 20. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон (м. 165-178 КҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии м.125 КҶ ҶТ метавон ба хулоса омад, ки ба сифати объекти хелии он муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзкунандаи шахсият баромад менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба объекти хелии ин ҷиноят андешаҳои гуногун баён шудааст. Масалан, Н. И. Медведева объекти хелии ин гурӯҳи ҷиноятҳоро муносибатҳои ҷамъиятие медонад, ки бо таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шахсият алоқаманд мебошанд [186, с. 19]. А.Н. Бурдинская бошад, ақидаи ба ин монанро пешниҳод карда, чунин мешуморад, ки объекти хелии ҷинояти баррасишаванда шахсият мебошад, чунки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объектҳои хелиро бо дарназардошти самти таҷовуз, ки дар номи фаслҳои қонуни ҷиноятӣ ифода ёфтааст, ном мебаранд.

“Шахсият ҳамчун объекти хелӣ аз муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ҳангоми таҷовузи бевосита ба онҳо зарар мумкин аст ба объектҳои намудӣ: ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ё (ва) обруву эътибори инсон, дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон, инчунин ба манфиатҳои оила ва ноболиғон расонида шаванд, ки

онҳо бо шахсият дар муносибати ҷуз ва том ё ҳамчун намуд бо хел қарор доранд” [173, с. 67].

Объекти хелии ҳама ҷиноятҳои ба фасли VII КҶ ФР (фасли VII КҶ ҶТ) дохил шуда – шахсият баромад менамояд, ки зери он инсон дар низоми нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад [70, с. 28].

Вобаста ба объекти хелии ҷинояти м.125 КҶ ҶТ дар амалия мушкилоте ҷой надорад. Бинобар ин, ба таври муфассал онро зери таҳлил қарор намедиҳем.

Масъалаи дигаре, ки дар параграфи мазкур бояд мавриди баррасӣ қарор гирад, ин объекти намудии ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО мебошад.

“Объекти намудии ҷиноят намудҳои мушаххаси муносибати ҷамъиятие дониста шудаанд, ки дар Боби Қисми махсуси КҶ муқаррар шудаанд [115, с. 62]. Объекти намуди чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхели онҳо мебошад” [115, с.62]. Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (м.125 КҶ ҶТ) дар боби 16 “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ” ҷойгир шудааст. Бинобар он объекти намудии ин ҷиноятҳо одатан муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида мешаванд, ки бехатарии ҳаёт ва саломатии инсонро таъмин мекунанд. Дар баробари ин, ҳаёт ва саломатӣ ҳамчун ҳолати ба истилоҳ табиии бадан фаҳмида мешавад, ки бо мавҷуд набудани ягон тағйироти дардовар хос аст [138, с. 50].

Ҳамзамон бо ин, дар адабиёти  илмӣ объекти намудии ҷиноятҳои баррасишаванда аз тарафи олимон ба таври гуногун муайян карда мешавад, ки дар умум онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Якум нуқтаи назар ин аст, ки объекти намудии ҷинояти таҳлилшаванда саломатии ҷабрдида мебошад. Ин нуқтаи назарро масалан, С.И. Никулин, С.В. Расторопов ва дигарон ҷонибдорӣ менамоянд [77, с. 24-25], [97, с. 302], [77, с. 24-25], [184, с. 19], [151, с. 36]. Дар робита ба ин, зарур дониста мешавад, ки дар атрофи мафҳуми саломатӣ ҳамчун объекти

таҷовузи ҷиноятӣ мухтасар истода гузарем, зеро он дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад.

Мафҳуми саломатӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XX мавзуи таҳқиқоти олимон қарор гирифта буд ва таърифҳои гуногуни ин мафҳум пешниҳод мешуданд. Масалан, А.А. Пионтковский қоидаи зерини мафҳуми мазкурро пешниҳод менамояд: «... саломатӣ – томияти ҷисмонӣ ва фаъолияти муътадили узвҳои бадани инсон» мебошад” [71, с. 36], [197, с. 8], [163, с. 36].

Л.И. Гуревич дар таҳқиқоти илмии худ таҳлилоти ба ин монандро пешниҳод мекунад, ки тибқи он «... саломатии инсон дар фаъолияти муътадили тамоми организм ифода меёбад, бинобар ин, он бояд аз нуқтаи назари анатомопатологӣ баррасӣ карда шавад» [183, с. 7-8].

Қобили зикр аст, ки мафҳуми пешниҳоднамудаи Л.И. Гуревич аз рӯйи мазмун бо мафҳуми пешниҳодкардаи А.С. Никофоров шабеҳ мебошад, ки таҳти саломатӣ «вазъияти муътадили организми инсонро дар маҷмуъ, ки дар фаъолияти дурусти он ифода меёбад» [64, с. 12] мефаҳмид.

Доир ба ин мафҳум П.А. Дубоветс нуқтаи назари дигар дорад. Ӯ қайд менамояд, ки мафҳуми пешниҳоднамудаи А.С. Никифоров нисбатан маҳдуд мебошад, чунки ба андешаи ӯ, «ҳама гуна бофтаи организми инсон функсияҳои муайянро иҷро менамояд, бинобар ин, гарчанде, ки он боиси вайроншавии вазъияти муътадили организми инсон дар маҷмуъ нагардад ҳам вайрон кардани фаъолияти муътадили бофтаҳо ба саломатии инсон зарар мерасонад» [33, с. 14].

Бо сабаби он ки ин объекти таҳқиқотии илми тиб мебошад, мафҳуми мазкурро бе ягон тағйирот дар илми ҳуқуқ аз илми тиб қабул карданд. Дар ин замон машҳуртарин олими тиб, ки мафҳуми саломатиро ба таври пурра пешниҳод карда буд, М.И. Авдеев буд. Ба ақидаи ӯ саломатӣ ин «ҳолати мукаммали функсияҳои тамоми узвҳои организм мебошад, ки ҳангоми фаъолияти он ҳеҷ гуна тағйироти беморӣ ҷой надорад» [22, с. 130].

Баъдан миёни олимон оид ба мафҳуми саломатӣ ақидаҳои гуногун низ ба вуҷуд омад, ки дар тамоми давраҳо, дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ҷаҳон ба таври гуногун ин қоида истифода шуда истодааст. Олим П.И. Калю дар таҳқиқоти худ вобаста ба ин масъала менависад, ки дар илми тиб зиёда аз 79 мафҳуми саломатӣ пешниҳод шудааст [40, с. 53].

Мутобиқи Оинномаи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ «саломатӣ на танҳо ҷой надоштани бемори ва нуқсони ҷисмонӣ, балки ҳолати солимии комили ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ мебошад» [9]. Аммо мафҳуми мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ васеъ истифода бурда намешавад.

Бо дарназардошти ҷой доштани мафҳумҳои зиёд оид ба мафҳуми саломатӣ [81, с. 29], [113, с. 29], ба хулосае омадан мумкин аст, ки мафҳуми умумиэътирофншуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи Н.И. Загородников мебошад, ки тибқи он, «саломатӣ – чунин ҳолати организми инсон мебошад, ки ҳангоми фаъолияти он тамоми қисмҳо, узвҳо ва системаи организм муътадил фаъолият мекунад» [34, с. 16].

**Дуюм, ба сифати** объекти намудии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки бехатарии саломатии шахсони дигарро таъмин менамоянд [106, с. 19]. Мафҳуми мазкур ба таври маҳдуд истифода шудааст. Зеро ҳаёт истисно шудааст. Сироят кардан бо ВНМО метавонад оқибати маргро низ ба вуҷуд орад.

**Сеюм, як қатор** муҳаққиқон сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одамро ба гурӯҳи ҷиноятҳое мансуб медонанд, ки на танҳо барои саломатӣ, балки барои ҳаёт хатар эҷод мекунанд [49, с. 131], [127, с. 35], [84, с. 131].

Масалан, А.Н. Бурдинская чунин баён медорад: “объекти намудии таҷовузҳои ба ҷамъият хавфноки зикршуда маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсони мушаххас ба саломатӣ, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти инсони мушаххас

ҳамчун арзиши асосӣ ва такрорнашавандаи ҳар як инсон фаҳмида мешавад” [173, с. 70-71].

Бо дарназардошти мавқеи болозикр ба хулосае омадан мумкин аст, ки объекти намудии ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон мебошад, чунки сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба саломатии ҷабрдида зарар расонида, ҳангоми душворшавӣ ба марг оварда мерасонад. Аз ин сабаб ин ҷиноят дар боби 16 КҶ ҶТ “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ” мустаҳкам гардидааст.

Бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани объекти бевоситаи м.125 КҶ ҶТ баҳснок ба ҳисоб меравад. Зеро ҳалли як қатор масъалаҳо, минҷумла танзими ҳуқуқи ҷиноятии ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (созмон додани аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, муқаррар кардани аломатҳои вазнинкунандаи он), инчунин ҷудо намудани ҷинояти зикршуда аз дигар таркибҳои ба он муҷовир аз ҳалли дурусти муқаррар намудани объекти бевоситаи чунин як ҷиноят, вобастагии бевосита дорад.

Объекти бевосита – “ин арзишҳои мушаххаси шахсӣ, ҷамъияьтӣ ва давлатии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошанд, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба онҳо зарар расонида мешавад ва ё таҳти расонидани зарар қарор мегиранд” [116, с. 79].

Объекти бевоситаи ҷиноят ин муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб меравад, ки ба он ҷинояти мушаххас таҷовуз меоварад. Ин намуди объект инъикоси худро дар моддаҳои қонунгузории ҷиноятӣ пайдо намудаанд [86, с. 214].

Дар робита ба ин, ҷавоб додан ба чунин саволи барои ин таҳқиқот муҳим аҳаммияти калон дорад, ки маҳз кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари қонунгузор ҳангоми таҳти хавфи сироят бо ВНМО қарор додан тағйир меёбанд ва ба сифати объекти ин таркибҳои ҷиноят чӣ эътироф карда мешавад?

А.Н. Бурдинская қайд мекунад, ки “ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур инҳо баромад мекунанд: маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки нигоҳдории ҳаёт ва саломатии инсонро аз таҷовузи ҷиноятӣ таъмин менамоянд ва ин таҷовуз дар сироят кардан бо ВНМО ё ин ки зери хатари сирояткунии он қарор додан ифода меёбад” [173, с. 70-71]. Ақидаи олим то андозае қобили ҷонибдрист, вале ба таври васеъ истифода мешавад. Дар масъалаи он, ки маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки таъминкунандаи ҳаёт ва саломатии инсон мебошанд, ҳаминро бояд дар назар дошт, ки на танҳо Сироят кардан бо ВНМО (мутобиқ ба м.125 КҶ ҶТ), балкӣ аксарияти ҷиноятҳои қонунгузории ҷиноятӣ пешбиникарда ба ҳаёт ва саломатӣ таъсир расонида метавонанд. Дигар ин, ки қонунгузории ҷиноятӣ кирдорҳои дигарро (таҷовус ба номус (м.138), аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ (м.129), муқаррар кардааст, ки дар натиҷаи содиршавии онҳо шахс мункин аст ба сирояти ВНМО гирифтор мешавад. Ба андешаи мо, муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби олими мазкур ба сифати объекти бевоситаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам муайяншаванда бештар ба объекти намудии ин гурӯҳи ҷиноятҳо хос мебошад.

Олими дигар Л.А. Можайская ин ҷиноятҳоро баҳо дода, ба он ақида аст, ки “дар ин ҷиноятҳо ду объект (объекти асосӣ ва иловагӣ) ҷой дорад. Ба сифати объекти асосӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсони муайян ба саломатӣ ва объекти иловагӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти инсони муайян ҳамчун арзиши асосӣ ва ивазнашавандаи ҳар як инсон баромад мекунад” [187, с. 6].

Ба назари мо, азбаски саломатии инсон дар ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо ҳаёти ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҷудо намудани онҳо ҳамчун ду объекти асосӣ ва иловагӣ мувофиқи мақсад намебошад. Ҳам ҳаёт ва ҳам саломатӣ ба сифати объекти асосӣ баромад мекунанд. Чи тавре дар боло қайд кардем, дар дунё аксари инсонҳо аз ин беморӣ ҳаёти худро аз даст дода истодаанд.

Д.М. Адилин низ ҷонибдорӣ он аст, ки объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо танҳо саломатии инсон ба ҳисоб меравад [119, с. 140]. Муаллиф м.122 КҶ ФР (м.125 КҶ ҶТ)-ро таҳлил карда, чунин ақидаи худро асоснок мекунад, ки ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ ҷой дода шудааст. Баъдан, таркиби ин ҷиноят расмӣ мебошад. Ин пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки таркиби ҷиноят тавре тарҳрезӣ шудааст, ки ҷиноят аз лаҳзаи гирифтор шудан ба ВНМО анҷомёфта ҳисобида мешавад ва ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли марги ҷабрдида дар назар нест.

Дар масалаи он, ки Д.М. Адилин бисёртар ба таркиби ҷиноят такя кардааст, мо розӣ ҳастем, аммо новобаста аз он, ки оқибати марг дар муқаррароти қонунгузрии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст ё не, он маънои танҳо ба ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро намедиҳад. Асос ин аст, ки ин беморӣ оқибати маргро низ бавуҷуд меорад. Бинобар ин, ба фикри мо олим ақидаи асоснокро пешниҳод накардааст.

М.И. Галюкова низ чунин мешуморад, ки ба сифати объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо на танҳо саломатӣ, балки инчунин ҳаёт низ баромад карда метавонад [127, с. 34-37]. Олим фикри худро бо он асоснок мекунад, ки шахси ба ВНМО сироятшуда якчанд марҳилаҳои бемории мазкурро аз сар мегузаронад, ки дар ҳар яки он вазъи саломатии ӯ бадтар мешавад. Ҳаёт аз он сабаб ба сифати объекти ин ҷиноят ҳисоб мешавад, ки бемории мазкур марговар буда, оқибати он марги инсон мебошад. Бинобари он объекти бевоситаи ин ҷиноят дар баробари саломатӣ, инчунин ҳаёти инсон низ эътироф мегардад.

Нуқтаи назари ба ин монанд ва пурратарро В.И. Зубкова ва А.С. Никифоров ифода менамоянд. Ба андешаи онҳо объекти ҷинояти сироят кардан бо ВНМО – ҳаёт ва саломатии инсон мебошанд [39, с. 151], [64, с. 7-9]. Ин ҷо олимон ҳаётро истисно намекунанд. Ақидаи худро бо он асоснок мекунанд, ки аз сирояти ВНМО, ки оқибат боиси инкишофи бемории табобатнашавандаи БПНМ мегардад, то кунун ваксина ихтироъ

нашудааст ва инсонҳо фавтида истодаанд. .М.М. Ватанов бо дарназардошти таҳлили м. 125 КҶ ҶТ чунин мешуморад, ки объекти бевоситаи ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО ин бехатарии ҳаёт ва саломати шахсони дигар мебошад [90, с. 151].

Ҳамин тавр, объекти бевоситаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҳаёт ва саломатии шахси мушаххас ҳисоб мешавад.

“Барои бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят ҷудо намудани объекти бевосита ба объекти асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ низ аҳаммияти калон дорад, ки чунин тасниф вобаста ба самти горизонталӣ анҷом дода мешавад” [86, с. 215].

Хусусияти фарққунандаи объекти асосӣ дар он мебошад, ки барои таркиби ҷиноят ҳатмӣ буда, ҷой надоштани он ҷавобгариро аз рӯйи моддаи мазкури КҶ ҶТ истисно менамояд. Чунин ҳисобида мешавад, ки маҳз объекти асосӣ моҳияти ба ҷамъият хавфнокии таҷовузро инъикос намуда, қонунгузор ҳангоми сохтани таркиби ҷинояти мушаххас, пеш аз ҳама, ҳифз намудани чунин муносибатҳоро дар назар дорад.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо объекти асосии Сироят кардан бо ВНМО маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки нигоҳдории ҳаёт ва саломатии инсонро аз таҷовузи ҷиноятӣ таъмин менамоянд ва ин таҷовуз дар сироят кардан бо ВНМО ё ин ки зери хатари сирояткунии он қарор додан, ифода меёбад, ҳисоб мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин объекти иловагии ҷинояти мазкурро низ фарқ мекунанд. Дар навбати худ, объекти иловагиро ба объекти иловагии ҳатмӣ ва объекти иловагии факултативӣ ҷудо менамоянд [105, с. 108]. Объекти иловагии ҳатмӣ дар баробарӣ объекти асосӣ барои таркиби ҷинояти мушаххас ҳатмӣ мебошад, дар баробари объекти асосӣ ба он низ зарар расонида мешавад. Объекти иловагии факултативӣ бошад барои таркиби ҷиноят хусусияти ҳатмӣ надошта ҳангоми содир шудани ҷиноят ба он на ҳама вақт зарар расонида мешавад.

Ба андешаи Л.А. Можайский “объекти иловагӣ ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам – муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи ҳаёти инсони муайян ҳамчун арзиши асосӣ ва ивазнашавандаи ҳар як инсон баромад мекунад”[187, с. 6]. Ба сифати объекти иловагии факултативӣ инчунин саломатии аҳолӣ нишон дода мешавад, зеро бемории мазкур барои шаҳрвандони дигар низ хавфи сироятшуданро ба вуҷуд меорад [159, с. 127].

Ба андешаи мо ба сифати объекти иловагии факултативии ҷинояти мазкур метавон инчунин обрӯ, эътибори шахсият, ҳуқуқ ба барпо намудани оила, ҳуқуқи соҳиб шудан ба фарзанддорӣ ва ғайрарро шомил намуд, ки метавонанд ҳангоми сироят ёфтан ба ВНМО халалдор шаванд.

Масъалаи дигар, ки дар адабиёти илмӣ дар баробари объекти ҷиноят баррасӣ мегардад, ин предмети ҷиноят мебошад, ки аломати факултативӣ (иловагӣ) ба ҳисоб меравад.

Предмети ҷиноят он чизе муайяни мавҷуда аст, ки бо бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад [109, с. 99], ин ашёҳои моддии олами беруна мебошанд, ки ба онҳо ҷинояткор бевосита таъсир расонида, таҷовузи ҷинояткоронаи худро ба объекти дахлдор амалӣ намудааст [110, с. 80].

Аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии предмети ҷиноят аз омилҳои зерин иборат аст:

1) дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноятро баланд ё паст мекунад;

2) ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонанд;

3) меъёри ҷудо кардани як ҷиноят аз дигар ҷиноят мебошад” [115, с. 63].

Вобаста ба масъалаи предмети Сироят кардан бо ВНМО мисли таҳлили объекти ин ҷиноят мо бояд нуқтаи назари олимон, таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунандаро мавриди назар қарор диҳем.

Чунин ба назар мерасад, ки муайян кардани предмет дар ҷинояти сироят кардан бо ВНМО мушкилиҳои назариявии дида мешавад. То имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи предмети ҷинояти мазкур мавқеи ягона ҷой надорад.

Як қатор олимон, ба сифати предмети ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам саломатиро баҳо медиҳанд [82, с. 168], [164, с. 168].

Ба андешаи мо саломатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад карда наметавонад. Зеро предмети ҷиноят бояд ашёи олами моддӣ бошад. Чи тавр саломатиро предмет шуморидан мумкин аст. Бинобар ин, нуқтаи назари мазкур то андозае баҳснок мебошад.

Гурӯҳи дигари олимон бошанд дар таҳқиқоти илмии худ вобаста ба ин ҷиноят тамоман предмети ин ҷиноятро баррасӣ накардаанд [101, с. 73-75]. Ҳамзамон, маълум нест, ки бо кадом сабаб муаллифон ин мафҳумро сарфи назар мекунанд ва чӣ тавр бояд чунин мавқеъ тавзеҳ дода шавад, аз баррасии ин масъала худдорӣ карданд ё ба андешаи онҳо, ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҷинояти бе предмет мебошад [173, с. 73].

Ба сифати предмети ҷинояти м.125 КҶ ҶТ вобаста ба андешаи гурӯҳи сеюми олимон худи ҷабрдида мансуб дониста мешавад. Зеро баён мешавад, ки “ба сифати предмети таҷовуз ба шахсият дар баъзе ҳолатҳо одамеро, ки таҷовузи ҷиноятӣ бо роҳи таъсиррасонӣ ба ҷисми он содир мешавад, баррасӣ кардан мумкин аст. Хусусан, ҳангоми банду басти ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, инчунин ҷиноятҳои муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, аломатҳои одам метавонанд дар маънои ҳуқуқии ҷиноятӣ бо аломатҳои предмет монанд бошанд. Дар ин маврид мафҳуми «ҷабрдида» истифода бурда мешавад” [57, с. 217].

Бешубҳа, предмет ашёи олами моддӣ мебошад, вале, ба андешаи мо, ба чунин сифат одамро донистан чандон дуруст нест. Зеро предмети ҷиноят

ва ҷабрдида аз ҷиноят ин ду падидаи алоҳида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

Қонунгузории ҷиноятӣ низ ба предмети ин ҷиноят таваҷҷуҳ накардааст. Зеро он ба бандубаст тамоман таъсир расонида наметавонад.

Амалияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ низ чи дар бандубасти ҷиноят ва чи дар таъини ҷазо дар ягон ҳолат ба предмети ин ҷиноят таваҷҷуҳ зоҳир намекунад.

Ба андешаи мо бошад, дар ин ҷиноятҳо предмет тамоман вуҷуд дошта наметавонад. Зеро тамоми объектҳое, ки дар боло баррасӣ ва зикр шудаанд, хусусияти ғайримоддӣ доранд.

**Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:**

1. Ба сифати объекти хелии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам – шахсият баромад менамояд, ки зери он инсон дар низоми нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.

2. Объекти намудии ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон мебошад, чунки сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба саломатии ҷабрдида зарар расонида, ҳангоми душворшавӣ ба марг оварда мерасонад. Аз ин сабаб ин ҷиноят дар боби 16 КҶ ҶТ "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ" мустаҳкам гардидааст.

3. Ба назари мо, азбаски саломатии инсон дар ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам бо ҳаёти ӯ алоқамандии ногусастанӣ дорад, ҷудо намудани онҳо ҳамчун объекти асосӣ ва иловагӣ мувофиқи мақсад намебошад. Ҳам ҳаёт ва ҳам саломатӣ ба сифати объекти асосӣ баромад мекунанд.

4. Объекти бевоситаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҳаёт ва саломатии шахси мушаххас ҳисоб мешавад.

5. Объекти асосии Сироят кардан бо ВНМО маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешавад, ки нигоҳдории ҳаёт ва саломатии инсонро аз

таҷовузи ҷиноятӣ таъмин менамоянд ва ин таҷовуз дар сироят кардан бо ВНМО ё ин ки зери хавфи сирояткунии он қарор додан, ифода меёбад.

6. Ба андешаи мо, ба сифати объекти иловагии факултативии ҷинояти мазкур метавон инчунин обрӯ, эътибори шахсият, ҳуқуқ ба барпо намудани оила, ҳуқуқи соҳиб шудан ба фарзанддорӣ ва ғайрарро шомил намуд, ки метавонанд ҳангоми сироят ёфтан ба ВНМО халалдор шаванд.

**2.2. Тарафи объективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам.**

“Асоси ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо кирдоре ташкил медиҳад, ки дар он тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят дида шаванд. Ин муқаррарот бевосита аз м. 11 КҶ ҶТ сарчашма мегирад” [3]. Яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят тарафи объективии он мебошад. Унсури мазкури таркиби ҷиноят ҳамчун “муносибати зоҳирии шахс (кирдори барои ҷамъият хавфнок), ки ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда таҷовуз карда, дар натиҷа ба он зарар мерасонад” [109, с. 102] таъриф дода мешавад.Тарафи объективии ҷиноят, инчунин ба таври оддӣ ҳамчун тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок, кирдори дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ки ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзкунанда зарар мерасонад ё чунин таҳдидро ба миён меорад” [112, с. 127] тавсиф мегардад. Тарафи объективии ҷиноят ба монанди дигар унсурҳои таркиби ҷиноят аломатҳои ҳатмӣ ва иловагии ба худ хосро дорад. Кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати кирдор ва робитаи сабабӣ – аломатҳои ҳатмӣ ва тарз, ҷой, вақт, шароит, восита ва олоти содиршавии ҷиноят- аломатҳои иловагӣ ҳисоб мешаванд.

Тарафи объективии ҷиноят – яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят мебошад, ки ҳамчун «ҷараёни таҷовузи ба ҷамъият хавфнок ва зиддиҳуқуқӣ ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда, ки аз лиҳози тарафи зоҳирии он, аз нуқтаи назари амалишавии пайдарпайи ин ё он ҳодисаҳо, ки аз ҳаракати (беҳаракатии) ҷиноятии субъект оғоз ва бо фаро расидани

натиҷаи ҷиноятӣ хотима меёбад, баррасӣ мегардад» [53, с. 9], тавсиф карда мешавад.

Барои муайян кардани мазмуни ҳама гуна ҷиноят дар маҷмуъ таҳлили тарафи объективии ҷиноят аҳаммияти хосса дорад. Сироят кардан бо ВНМО низ аз ин аҳаммият холӣ нест. Аз нуқтаи назари илм омӯзиши тарафи объективии ин ҷиноят зери таҳлилҳои гуногун қарор дорад, чунки тайи солҳои охир дар ин соҳа баҳсҳои гуногун ба миён меоянд.

Дар қ.1 м. 125 КҶ ҶТ қонунгузор таркиби ҷинояти мазкурро ҳамчун дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар муқаррар намудааст.

Бинобар ин, тарафи объективии дидаю дониста, таҳти хавфи Сироят кардан бо ВНМО гузоштани шахси дигар (мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ) дар содир намудани кирдорҳое ифода ёфта метавонад, ки хавфи воқеии сироятёбии ҷабрдидаро бо ВНМО ба вуҷуд меорад. Бояд қайд намуд, ки қонунгузор номгӯйи чунин кирдорҳоро пешбинӣ намекунад. Ҳангоми бандубаст ин ҳолат боиси ба миён омадани баҳсҳо мегардад.

Баъзе олимон (А. Плешаков, С. Шерба, М.С. Толмачева ва ғ.) тарафи объективии ин ҷиноятро дидаву дониста таҳти хатари гирифтор шудан ба сирояти ВНМО гузоштани шахси дигарро **ҳам дар ҳаракат ва ҳам дар беҳаракатӣ медон**анд [151, с. 423], [93, с. 223]. Масалан ба андешаи А.Н. Бурдинская барои бандубасти ҷинояти таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар шарти зарурӣ ва ягона бояд кирдор эътироф шавад, ки он мумкин аст ҳам тавассути ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ содир гардад [173, с. 81].

Дар ин замина ишора мешавад, ки сирояти ВНМО метавонад бо роҳи беҳаракатӣ низ ба амал ояд. Масалан, ки шахси ҷабрдида, ки гирифтори ВНМО мебошад, мавриди таҷовуз ба номус қарор мегирад [81, с. 291].

Ба андешаи Власенко доираи чунин мисолҳо мумкин аст аз аз ҳисоби дигар ҳолатҳои гуногун васеъ карда шавад. Аз ҷумла, шарт нест, ки бояд

таҷовуз ба номус ҷой дошта бошад. Кофӣ аст, ки шахси мубталои бемории ВНМО дар вақти алоқаи ҷинсӣ мавқеи ғайрифаъолро ишғол намуда, барои пешгирии эҳтимоли сирояти шарики ҷинсии солимаш ягон чорае наандешад [176, с. 67].

Гурӯҳи дигари олимон ба монанди Г.Н. Борзенкова, В.С. Комиссаров ба он ақидаанд, ки тарафи объективии ин ҷиноятҳо **дар шакли ҳаракат** дида мешавад, "яъне беҳаракатӣ дар ин ҷиноят ҷой надорад, зеро усулҳое, ки тавассути онҳо вирус гузаронида мешавад, ҷой доштани беҳаракатиро истисно месозанд Вируси ВНМО метавонад дар натиҷаи алоқаи ҷинсӣ, тавассути хуни дорои чунин вирус буда, ҳангоми ворид кардани хуни донорӣ ба организм, дар мавриди истифодаи сӯзандоруҳои безараргардонида нашуда, асбобҳо, инчунин тавассути шири модар гузаронида шавад" [58, с. 27]. Чунин тарзҳои ниҳоии Сироят кардан бо вируси ВНМО ба хулоса меорад, ки шахси дигарро танҳо тавассути муносибати оддӣ зери хавфи сироят гузоштан ғайриимкон аст [58, с. 27].

Э.Л. Сидоренко низ  чунин қайд менамояд: "танҳо ҳаракатҳои фаъол, ки қасдан ба сирояткунии бемор равона шудаанд, таркиби ин ҷиноятро ба вуҷуд оварда метавонанд. Дар айни замон, суд ва мақомоти тафтиши пешакиро зарур меояд, ки тарзи таҳти хавф қарор доданро муқаррар кунанд ва тавассути таъини ташхиси дахлдор ҷой доштани хавфи воқеӣ ва бевоситаи сироятёбиро исбот намоянд" [156, с. 59].

Кирдори пешбининамудаи қ.1 м.122 КҶ ФР (қ.1 м.125 КҶ ҶТ) аз содир намудани ҳаракатҳое иборат аст, ки барои шахси дигар таҳдиди воқеӣ ва бевоситаи сироятёбӣ ба ВНМО-ро ба вуҷуд меоранд, аммо беморӣ бинобар ҳолатҳои аз иродаи гунаҳгор вобастанабуда (масалан, паст будани дараҷаи сироятнокии вирус дар ҳолати мушаххас ё гузаронидани чораҳои профилактикии зидди ВНМО аз тарафи ҷабрдида баъди тамос) ба вуҷуд намеояд [122, с. 116].

Андешаҳо дар бораи имконияти ба сифати **беҳаракатӣ** арзёбӣ намудани кирдори пешбинишуда дар қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ бештар ба он

вобаста мешавад, ки шаҳрвандони гирифтори ВНМО уҳдадории ҳуқуқӣ доранд, то шарикони ҷинсии худро дар бораи доштани чунин беморӣ огоҳ намоянд [153, с. 87-97]. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки чунин уҳдадорӣ дар қонунгузорӣ ба таври бевосита пешбинӣ нашудааст. Аз ин рӯ, хомӯш будани шахс дар бораи ҳолати мусбати ВНМО-и худ ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ бо тамоми оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба он баррасӣ шуда наметавонад.

Ҳамин тавр, тасаввур намудани кирдори барои ҷомеа хавфнок дар шакли беҳаракатӣ, ки дар дидаву дониста таҳдиди сирояти шахси дигар ба ВНМО ифода ёфта бошад, ба мантиқи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мутобиқат намекунад. бо дарназардошти роҳҳои сирояти ВНМО маълум мегардад, ки чунин кирдор танҳо тавассути ҳаракатҳои фаъолонае имконпазир аст, ки бевосита хавфро эҷод мекунанд (масалан, муносибати ҷинсии муҳофизатнашуда ё истифодаи муштараки воситаҳои нашъадорӣ бо асбобҳои безарар гардонида нашуда).

**Олимон доир ба сохтори тарафи объективии таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан низ баҳсу мунозираҳо доранд.** Таркиби мазкур аз тарафи қонунгузор дар намуди таркиби расмӣ ифода ёфтааст. Барои бандубаст намудани кирдори содиршуда шарти зарурӣ ва ягона бояд кирдоре бошад, ки метавонад ҳам бо роҳи ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ содир карда шавад.

Ҳангоми таҳлили назариявии мафҳуми «зери хавф гузоштан» бояд қайд кард, ки аз рӯйи мазмуни худ ин кирдорҳо ба гурӯҳи бо истилоҳ «кирдорҳои таҳдидкунанда» дохил мешаванд, ки шахсро дар вазъияти хавфи расонидани зарар қарор медиҳанд.

Дар мавриди хусусияти ҳуқуқии чунин ҷиноятҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун иброз шудаанд. Як гурӯҳи олимон эҷоди таҳдиди расонидани зарарро ҳамчун оқибати кирдори ҷинояткорона арзёбӣ мекунанд ва бар он ақидаанд, ки таҳдид худи кирдор нест ва бо он яксон дониста намешавад. Масалан, А. К. Теохаров чунин баён медорад, ки "дар сурати қабули чунин муносибат, аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломати

мавриди назар аз байн меравад, ки дар натиҷа мушкилоти ҷиддӣ дар фарқ кардани ҳолати хатарноки сироятёбӣ аз ҳаракатҳое, ки ба эҷоди чунин хавф мусоидат менамоянд, ба вуҷуд меояд. Дар диспозитсияи қ. 1 м. 122 КҶ ФР (қ.1 м.125 КҶ ҶТ) мафҳуми «таҳти хавфи сироят гузоштан» истифода шудааст, ки бо ин қонунгузор бевосита ишора мекунад, ки маҳз ҳаракатҳои муайяншуда хавфи сироятёбиро ба вуҷуд меоранд, яъне иҷрои ин кирдорҳо барои фароҳам овардани оқибатҳои манфӣ мусоидат менамояд” [197, с. 54].

Дар идома муаллифи мазкур зикр месозад, ки шомил намудани таҳдиди сирояти ВНМО ба аломатҳои ҷиноят аксаран боиси васеъшавии беасоси ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсони мубталои вирус мегардад. Аз ин рӯ, ба таври назариявӣ ҳар гуна тамос бо шахси гирифтори ВНМО метавонад хавфи  сироятёбиро ба вуҷуд орад. Бо вуҷуди ин, дар сурати баррасии хавфи сироятёбӣ аз ВНМО ҳамчун оқибати барои ҷомеа хавфнок, зарурати таҳқиқи иловагии ин аломат бо мақсади муайян кардани робитаи сабабии байни кирдори ҷиноятӣ ва оқибати баамаломада пеш меояд [197, с 54].

Ҳамзамон, як қатор муаллифони дигар низ хавфи зарар (сироят ёфтан)-ро оқибати ба ҷамъияти хавфноки мустақили ин ҷиноят эътироф мекунанд [161, с. 49-53], [54, с. 179], [50, с. 136,], [76, с. 170], [135, с. 49-53].

Ҳамчунин, мавқеи ба истилоҳ «омехта»-и илмӣ низ маъмул аст, ки тибқи он эҷод намудани хавфи  расонидани оқибатҳои зараровар марҳилаи муайяни ташаккулёбии кирдори ҷинояткорона ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин назария, вобаста ба шароити мушаххас ва хусусиятҳои ҷиноятҳо дар баъзе мавридҳо имконияти расонидани зарар ҳамчун оқибати барои ҷомеа хавфнок арзёбӣ мегардад [56, с. 149-150], [69, с. 105]. Дар айни замон таъкид мешавад, ки вазъияти эҷодшудаи хавфнок наметавонад давоми муддати тулонӣ вуҷуд дошта бошад, зеро он, мисли худи кирдор, дорои ҳудудҳои маҳдуди замонӣ ва маконӣ мебошад. Илова бар ин, тарафдорони чунин мавқеъ зимни тавсифи умумии «кирдорҳои

таҳдидкунанда» бевосита эътироф менамоянд, ки эҷод намудани ҳолати хавфнок хусусияти худи кирдор маҳсуб мегардад.

Дар айни замон, чуноне ки М.А. И. Панов ва В.П. Тихое ишора мекунанд, имконияти ба вуҷуд омадани оқибатҳои хавфнок ҳолати воқеии объективие мебошад, ки бар асари кирдори ҷинояткорона пайдо мегардад. Ин ҳолат бо мавҷудияти шароитҳо, нерӯҳо ва тамоюлҳои мушаххас ва воқеӣ тавсиф мешавад, ки дар сурати пешрафти минбаъдаи бемонеаи худ ҳатман ба оқибатҳои бевосита зараровар табдил меёбанд [32, с. 109].

Бо вуҷуди ин, дурусттар ба назар мерасад, ки зери хавф гузоштан ҳамчун як марҳилаи муайяни инкишофи робитаи сababӣ эътироф намуда, худи «гузоштан ба ҳолати хавфи сироятёбӣ»-ро танҳо ҳамчун ҳаракати ҷинояткорона арзёбӣ кунем. Бо такя ба чунин фарзияи илмӣ, метавон хулоса кард, ки ҷинояти пешбининамудаи қ. 1 м.125 КҶ ба ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ мансуб мебошад.

Барои чунин хулосбарории олимон худи қонунгузор низ тавассути дар диспозитсияи модда истифодаи ибораи «таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштан» мусоидат намудааст.

Агар бо чунин мулоҳизаи мантиқӣ амал кунем, ҳаракатҳои муайян ба хавфи сироятёбӣ меоваранд, яъне кирдор боиси ба миён омадани оқибатҳо мегарданд. Аммо чунин ҳолат боиси беасос васеъ гардонидани таъқиби ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахсони мубталои ВНМО мегардад. Чунончи дар адабиёти махсус мисолҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан дар ҳолатҳои содир намудани кирдорҳои бачабозӣ ва дигар ҳаракатҳои ҷинсӣ бо истифода аз рифолаҳои монеавиро мушоҳида намудан мумкин аст [182, с. 36].

Қонуни ҷиноятӣ тарзи сироятёбӣ бо ВНМО-ро ба сифати аломати муҳимми таркиби ҷиноят пешбинӣ намекунад. Бинобар ин, барои бандубасти ин ҷиноят тарзи содир шудани он аҳаммият надорад. Роҳҳои гузаштани бемориро дар боло дуруст баррасӣ намудем. Агар сироятёбӣ бо бемориҳои зуҳравӣ ҳам тариқи ҷинсӣ ва ғайриҷинсӣ (иртиботи маишӣ –

тавассути ашёҳои истифодаи умумӣ; дар оғӯш гирифтан; бӯса кардан; тавассути хун аз модар ба кӯдак; аз модар ба кӯдаки навзод ҳангоми таваллуд ё ширмаконӣ; тавассути сӯзандору – бевосита ба хун; дигар роҳҳо – тавассути оби даҳон, пешоб, оби манӣ, оби чашм, хун ва бештари узвҳои даруни) [206] имконпазир бошад, пас ВНМО ба таври нисбатан дигар мегузарад.

Дар илми тиб се роҳи сироятёбии ин бемориро олимон пешбинӣ намудаанд:

– “ҳангоми омехташавии хун бо хун. Ин сироятёбӣ ҳангоми истифодаи таҷҳизотҳои тиббии безарар гарадониданашуда, ҳангоми рехтани хуни санҷиданашуда ва инчунин бисёртар ҳангоми истеъмоли моддаҳои нашъадор тавассути сӯзандоруи аз ҷониби шахси сироятшуда истифодашуда ба амал меояд”. Хавфи сироятёбӣ бо ВНМО, инчунин ҳангоми истифодаи ашёҳои шахсии инсони дигар (теғи риштарошӣ, чӯткаи дандоншӯйӣ, таҷҳизоти нохунорой, гарчанде чунин ҳолатҳо дар таҷриба хеле каманд) ҷой дорад.

– тавассути алоқаи ҷинсӣ бидуни воситаҳои муҳофизатӣ (рифола) мебошад. Вирус ба организм тавассути пардаҳои луобин ва кӯшодаи пуст дохил мешавад. Қобили зикр аст, ки вирус тавассути пӯсти солим дохили организм шуда наметавонад.

– “аз модар ба кӯдак ҳангоми таваллудкунӣ ва ё дар давраи ширмаконӣ мебошад, вале ҳато аз модари сироятёфта фарзандони солим таваллуд шуда метавонад. Ҳангоми табобати дурусти модар хавфи гузариши вирус ба кӯдак на зиёда аз 2-3% мебошад” [213].

Қобили қайд аст, ки дигар моеъҳои организми инсон, аз ҷумла оби даҳон, арақи бадан, оби чашм хавфнок нестанд. Вирус дар он ҷой мавҷуд буда, метавонад, вале ба миқдори хело кам. Масалан, барои гузаштани вирус аз як шахс ба шахси дигар тавассути оби даҳон, он бояд ба миқдори се литр, арақи бадан сесад литр ва оби чашм – як ҳавз бошад. Илова бар

ин, ин вирус тавассути истифодаи сачоқча ва лавозимоти рахти хоби умумӣ намегузарад, инчунин дар ҳавз, ҳамом ва дигар ҷойҳои бехавф сироят карда наметавонад ва дар олами берунӣ зуд нобуд мешавад.

Қариб тамоми олимон дар масъалаи зарурати ҳангоми банду басти кирдор муқаррар намудани худи ҳолати мавҷудияти ВНМО дар организми ҷабрдида мавқеи якхела доранд.

Ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои проблеманоки баҳодиҳии таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО қарор додан, таваҷҷуҳи махсус бояд ба мушкилиҳои бандубасти ҷинояти мазкур, ки дар таҷриба ба миён меоянд, зоҳир карда шавад.

Чунончи, “ба эҳтимолияти гузариши ВНМО тавассути организми зани ҳомила нигоҳ накарда, зани сироятёфтаро, ки ҳомиладор шудааст ё таваллуд кардааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест, чунки қонунгузорӣ ВНМО-ро ба сифати нишондиҳандаҳои тиббӣ ё иҷтимоии ба таври сунъӣ қатъ намудани ҳомиладорӣ муқаррар накардааст” [207].

Истисно аз ин қоида ҳолатеро ҳисобидан мумкин аст, ки занони зоянда нисбати тавсияҳои табибон дар хусуси зарурати гузаштан аз курси табобатии дахлдор, таввалудкунии кӯдак тавассути ҷароҳии тиббӣ, инчунин манъи синамаконии навзод хунукназарӣ мекунанд. Ҳаракатҳои ишорашуда, албатта, тифли навзодро таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО қарор медиҳанд. Мақсадҳои чунин рафтори занон ба мо маълум намебошанд. Масалан моҳи июли соли 2020 дар н.И.Сомонии ш.Душанбе маҳз чунин ҳолат ба амал омада буд, вақте ки тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ нисбати зан сокини ин шаҳр, ки пас аз ошкор гардидани ВНМО дар организми ӯ аз истеъмоли доруҳои пешгирикунанда саркашӣ намуд, парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда буд [239].

Дар натиҷаи тафтиши ин ҷиноят муқаррар карда шуд, ки пеш аз таваллудкунӣ ин зан бо дасти худ насаби худ ва натиҷаҳои ташхиси ВНМО дар ҳамаи саҳифаҳои дафтарчаи тиббӣ тағйир додааст. Ҳангоми ба

таваллудхона дохил шудан ӯ бемории худро пинҳон мекунад, ки дар натиҷа таваллудкунӣ ба таври табиӣ анҷом дода мешавад, гарчанде дар чунин шароит бояд таваллудкунӣ ба таври сунъӣ бо роҳи ҷарроҳӣ гузаронида мешуд. Илова бар ин, дар тамоми давраи қарор доштан дар шуъбаи баъди таваллуд, инчунин дар вақти гузаштани навзод аз курси профилактикӣ, ин зан ба кӯдак сина макондааст, дар ҳоле, ки синамаконӣ яке аз роҳҳои гузариши ВНМО мебошад. бо дарназардошти хавфнокии ҷамъиятии ҳаракатҳои гунаҳгор, ӯ тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ айбдор дониста шудааст, чунки ҳолати ба ВНМО сироят ёфтани кӯдак муқаррар нашудааст.

Ҳамин тавр, ба ҳаракатҳое, ки тарафи объективии таркиби ҷинояти сироят кардан бо ВНМО-ро ташкил медиҳанд, на танҳо ширмаконии кӯдак аз тарафи модари мубталои ВНМО, агар кӯдак ба ин беморӣ гирифтор набошад, ҳолатҳои алоқаи ҷинсӣ, балки истифодаи чандинкаратаи сӯзандоруҳо аз тарафи сироятёфтагон, инчунин супоридани хуни донорӣ аз тарафи шахсе, ки аз чунин бемории худ огоҳ аст [219], мансуб дониста мешаванд.

Масалан, шаҳрванд З.Ҳ., мувофиқи мактуби «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО» дар Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО-и шаҳри Душанбе ҳамчун сироятёфтаи ВНМО ба қайд гирифта шудааст. Ӯ дидаву дониста бо вируси норасии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморй будани худро медонист бо шаҳрванд Т.Ф. шиносоӣ пайдо карда, барқасдона бо як сӯзандору маводи мухадирро ба бадани худ гузаронида, бо ин роҳ, Т.Ф.С.-ро гирифтори бемории ВНМО намудааст, ки мувофиқи маълумотномаи Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО-и шаҳри Душанбе ҳамчун сироятёфтаи вируси норасоии масунияти одам ба қайд гирифта шудааст [237].

Саволи дигаре, ки ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳалли худро наёфтааст – оё риоя накардани чораҳои пешгирии сироятёбӣ бо ВНМО аз тарафи

шахси гирифтори чунин бемор̣ӣ, ҳамчун тарзи содир кардани ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО (қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ) ҳисоб карда мешавад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ин савол чунин посухи мусбӣ дода мешавад, ки содир кардани ҷиноят дар шакли беҳаракатӣ вақте ҷой дошта метавонад, ки «субъект бевосита ба тартиби муайян таҷовуз менамояд ва уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташударо иҷро намекунад» [91, с. 48].

Қонунгузор се уҳдадории ҳуқуқии шахси мубталои ВНМО-ро муайян намудааст: а) гузаштан аз муоина ва муолиҷаи тиббӣ; б) хабардор намудани ҳамсари оянда дар хусуси бо ВНМО мубтало будани худ; в) ҳангоми муроҷиат кардан ба муассисаҳои тиббӣ хабардор кардани кормандони тиб оид ба бемории худ.

Бинобар ин, вайрон намудани ин уҳдадориҳо мумкин аст кирдорҳоеро ташкил диҳад, ки ба таҳти хавфи сироятёбӣ гузоштани шахси дигар равона гардидаанд.

Аммо бояд дар назар дошт, ки таҳти хавф гузоштан бояд воқеӣ бошад, на ин ки тахаюлӣ, ки дар хаёли шахси гунаҳгор ҷой дорад [176, с. 61]. Саркашӣ аз табобати ВНМО (аниқтараш нагузаштани муоинаи тиббӣ ва нагирифтани табобати муқарраршуда) ва хабар надодан дар хусуси чунин беморӣ, бинобар ҷой надоштани робитаи сабабӣ миёни онҳо ва оқибатҳои хавфноки эҳтимолӣ худ аз худ ҳолати хавфи воқеиро ба вуҷуд намеорад. Дар ин маврид, хавф тавассути ҳаракатҳои мушаххаси шахси гунаҳгор (гузаронидани хун, анҷом додани алоқаи ҷинсӣ ва ғ.), на ин ки аз беҳаракатии қаблии содирнамудани ӯ ба вуҷуд меояд.

Бояд зикр намуд, ки маводҳои таҷрибаи судӣ, ки аз ҷониби мо мавриди омӯзиш қарор дода шуд (омӯзиши зиёда аз 100 парвандаи ҷиноятӣ), нишон медиҳад, ки дар тамоми ҷиноятҳои бо қ.1 м.125 КҶ ҶТ оғозшуда тавассути ҳаракат содир шудаанд.

Барои мисол, аз тарафи суди н.Синои ш. Душанбе нисбати шаҳрванд К. ҳукми айбдорӣ бароварда шуд, ки дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи қ.1 м.125 КҶ ҶТ гунаҳгор эътироф шуда, нисбати ӯ ҷазо

дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати шаш моҳ таъин карда шуд. Таҳти хавфи сироятёбӣ гузоштан дар чунин шароит ба амал омад: «Шаҳрванд К. ҳангоми дар муассисаи ислоҳӣ қарор доштан аз тарафи мақомоти тандурустӣ дар хусуси дар организми ӯ мавҷуд будани ВНМО хабардор карда шуд ва ҳамзамон дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО гузоштани шахси дигар огоҳонида шуд». Ба ин нигоҳ накарда, ӯ бидуни истифодаи воситаҳои муҳофизатӣ бо ҳамсари худ ҳангоми мулоқот алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳад, ки дар натиҷа ӯро таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО мегузорад [229].

Дар ҳолати дигар судшаванда Д. Г. гирифтори беморции ВНМО буда, дар қайди муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО- и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ба қайд гирифта шуда, зери табобат қарор дошта, ки ӯ аз ҳолати ин беморӣ гирифтор буданаш огоҳ буда, ба ин нигоҳ накарда, дидаю дониста, шаҳрванд М.К.-ро огоҳ накарда, бо охирин се маротиба бе истифодаи рифола алоқаи ҷинсӣ намудааст. Дар натиҷа, Д. Г. ба ин кирдори қасдонааш шаҳрванд М. К.-ро таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштааст. Мутобиқи ташхиси натиҷаи таҳлилии Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ хулосаи ташхиси шаҳрванд М. К. манфӣ мебошад.

Д. Г. дар содир намудани ҷиноят бо моддаи 125 қисми 1 КҶ ҶТ гунахгор дониста шуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯхлати 1 (як) сол бо адо намудани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ таъин карда шудааст [236].

Қайд намудан муҳим аст, ки масъалаҳои марбут ба фарқгузории ҷавобгарӣ барои ҷинояти пешбинишуда дар қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки ҳалли дурусти он барои таъмини принсипи адолат аҳаммияти калон дорад. Вобаста ба ин масъала В.Ф. Лапшин қайд мекунад, ки “баҳсҳо атрофи мавзӯи фарқгузории ҷавобгарӣ дар илми

ҳуқуқи ҷиноятии муосир дубора фаъол шудаанд. Ба андешаи ӯ, роҳи аз ҳама самараноки ҳалли ин масъала метавонад хориҷ кардани шумораи зиёди моддаҳое бошад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна пешбинӣ менамоянд. Ҳамзамон, чунин кирдорҳоро ба категорияи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дохил кардан мувофиқи мақсад мебошад"[142, с. 329-333], [123, с. 7-11], [124, с. 329-333].

Лекин мо ба ин розӣ шуда наметавонем, зеро барои ҷамъият хавфнокии зиёд дорад. Аввал ин, ки хусусияти латентӣ дорад ва зудпаҳншаванда мебошад. Дигар ин, ки оқибати маргро ба вуҷуд оварданаш мумкин аст. Ҳаёт ва саломатии инсон арзиши волотарин дар назди қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Бинобар ин, нисбати он ҷазо бояд вазнинтар пешниҳод шавад, на декриминализатсия шавад.

Ғайр аз ин, таҳлили маводҳои таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҳолатҳои таҳти хавфи сироят ба ВНМО гузоштани шахсони дигар аз ҷониби қонунгузор ба таври дахлдор фарқгузорӣ карда нашудааст. Зеро таҳти хавфи сироят ба ВНМО гузоштани як шахс ва шумораи зиёди шахсон танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Масалан, шаҳрванд Т. О. дар ҳолати мубталои вируси норасоии масунияти одам-ВНМО карор доштанаш, ки аз 19 июли соли 2014 то инҷониб дар МП "Марказн пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВМНО" дар шаҳри Душанбе бо ташхиси "ВНМО-сироят" қарор дошта, табобати зиддирстровируси қабул мснамояд. Ӯ дидаю дониста моҳи январи соли 2018 бо шаҳрванд Б. З., як маротиба бе истифодаи рифола (презерватив) алоқаи ҷинсӣ намуда, бо ин роҳ шахрванд Б.З.-ро зери хавфи сирояти бемории вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) гузоштааст.

Ба ҳамин монанд дар вақтҳои гуногун 12 нафаро зери хафи сирояти бемории вируси норасоии масунияти одам гузоштааст. Аз ин шумора 9 нафарашон бе истифодаи рифола сурат гирифтааст.

Суд кирдорҳои Т. О.-ро бо қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст намуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлатӣ 8 (ҳашт) моҳ, ба адо намудани ҷазо дар калонияи ислоҳи дорои низомаш умуми таъин намудааст [238].

Дар мисоли дигар шаҳрванд Х. Ш. дар холатҳои зерин даст ба содир намудани ҷиноятӣ касдона задааст. Чунончи: ӯ дар кайди "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО" мебошад, охирҳои мохи декабри соли 2019 бо шахрванд Р.Ҷ. шинос шуда, охиронро оид ба бемориаш огох накарда, тавассути рифола ду маротиба бо ӯ алоқаи ҷинсӣ мекунад, ки Х. Ш.., бо ин амалаш охиринро тахти хавфи сироят бо вируси норасоии масъулияти одам гузоштааст Бо ин ҳаракатҳои қасдонаи худ Х. Ш. аломатҳои таркиби ҷинояти дар м.125 к.1-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шударо, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои дидаю дониста таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масъунияти одам гузоштани шахси дигарро мукаррар менамояд, содир кардааст. Ба ҳамин монанд дар вақтҳои гуногун ӯ 10 нафаро зери хафи сирояти бемории вируси норасоии масунияти одам гузоштааст.

Суд шаҳрванд Х. Ш.-ро дар содир кардани ҷинояти бо қ.1 м. 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 (ду) сол, ба адо намудани ҷазо дар калонияи ислоҳи дорои низомаш умуми таъин намудааст [235].

Ҳамин тариқ, дар таҷрибаи судӣ зери хавфи сироят ба бемории ВНМО гузоштани як нафар ва зиёда аз он танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳол он ки ба андешаи мо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳо, ки **нисбати шумораи зиёди ҷабрдидагон содир шудааст, баландтар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки дар м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани ду ва ё зиёда шахсон мустаҳкам карда шавад.**

**Тарафи объективии қ.2 м.125 КҶ ҶТ-ро қонунгузор дар шакли "бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар" муқаррар**

**намудааст.** Яъне тарафи объективии ин ҷиноят аз якчанд аломатҳо иборат мебошад: 1) кирдор; 2) оқибат дар намудаи бо ВНМО сироят шудани шахси дигар; 3) робитаи сабаби байни кирдор ва оқибат.

Ҳамин тавр, бояд исбот карда шавад, ки маҳз ҳаракат ё беҳаракатии гунаҳгор сабаби фаро расидани оқибатҳои мушаххаси барои ҷамъият хавфнок гардидааст. Агар муайян кардан номумкин бошад, ки ҷабрдида маҳз аз кирдори ҳамин шахс сироят ёфтааст, пас дар чунин ҳолат ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба қ.2 м.125 КҶ ҶТ истисно мегардад.

Пас, душвории ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгор барои сироят кардани ВНМО (ВИЧ) дар чист? Ин мушкилӣ бо хусусияти ҷараёни клиникии ин сироят дар организми инсон алоқаманд аст. ВНМО, ҳангоми ба организми инсон ворид шудан, хусусияте дорад, ки нишонаҳояш фавран зоҳир намешаванд, балки танҳо пас аз гузаштани муддати муайян пайдо мешаванд. Дар ин муддат шахс метавонад вирусро дар худ дошта бошад, вале ягон аломати бемориӣ мушоҳида нашавад. Ин давраи ниҳонӣ (инкубатсионӣ) метавонад аз якчанд моҳ то 5-15 сол идома ёбад. Сироят шудан ба ВНМО ҳанӯз маънои бемории СПИД доштанро надорад, вале интиқоли вирус имконпазир аст, ҳатто агар шахс танҳо дорандаи вирус бошад ва ҳоло ба СПИД гирифтор нашуда бошад [29, с. 53].

Ин фосилаҳои тулонӣ мушкилоти муайян кардани робитаи сабабиро байни ҳаракат ё беҳаракатии пешбинишуда дар қ.2 м. 125 КҶ ҶТ ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меоранд. Яъне, сухан дар бораи сироят шудани шахс бо ВНМО меравад, ки гунаҳгор медонист, ки ӯ дорандаи ин вирус аст.

Ҳангоми баррасии масъала аҳаммият надорад, ки шахси зарардида воқеан ба бемории СПИД гирифтор шудааст (аломатҳои клиникии беморӣ пайдо шудаанд) ё дар лаҳзаи баҳо додан ба кирдор фақат сироят ёфтааст.

**Қонунгузор, пеш аз ҳама барои тавсиф намудани аломатҳои тарафи объективии ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ** истилоҳи «сироят

кардан»-ро истифода бурдааст, ки дар тафсири он, олимон андешаҳои мухталиф иброз намудаанд.

Баъзе муаллифон дар тафсири ин истилоҳ ба муқаррароти коркарднамудаи илми тиб дар робита ба касалиҳои зуҳравӣ такя карданд. Чунончи, С.В. Расторопов сироят бо ҳама гуна касали зуҳравиро чунин шарҳ медиҳад: «гузаронидани барангезандагони ... бемориҳои сироятӣ, токсинҳо, вирусҳо ва микробҳои касалиовар, ки ҳангоми дохил шудан организми ҷабрдида ҳомили онҳо мегардад» [81, с. 238], [93, с 423]. Мавқеи ифрознамудаи олимро чунин тавзеҳ додан мумкин аст, ки сироятёбӣ ҳамчун интиқоли воқеии барангезандаи беморӣ ба дигар инсон новобаста аз оқибатҳои эҳтимолӣ фаҳмида мешавад.

Муҳаққиқ Е.А. Иерусалимская бар он назар аст, ки “истифодаи мафҳуми «сироят кардан» танҳо ба воридшавии вирус ба организм ишора менамояд ва ин ҳолат ҳатман боиси беморӣ намегардад. Ба ақидаи ӯ, истифодаи истилоҳи «сироят кардан» ба таври дақиқ ифода намешавад ва бояд ба истилоҳи дақиқтари «сироятёбӣ», ки ҳолати воқеии тағйироти патологиро дар организм нишон медиҳад, иваз карда шавад” [184, с. 8].

Муаллифони муосир дар шарҳи мафҳуми мазкур зикр мекунанд, ки “тибби муосир мафҳуми «сирояткунӣ» (infectio)-ро на танҳо ҳамчун ҳолати ба организми инсон ворид шудани вирус ё барангезандаи беморӣ, балки ҳамчун раванди сироятёбӣ низ мефаҳмад, ки дар натиҷаи ин воридшавӣ ба вуҷуд омада, метавонад ба шаклҳои гуногун, аз ҷумла ҳолати беморӣ ва ё ҳомили вирус будан, зоҳир шавад” [204].

Чунончи, А.К. Теохаров сирояткуниро чунин шарҳ медиҳад: «... қасдан ё аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба инсон, ки барои ҳаёт ва саломатии ӯ хавфнок мебошад ва бо роҳи гузаронидани вирус ба организм ва ҷараёни инкишофи бемории сироятии дар натиҷаи чунин гузариш инкишофёбанда, сурат мегирад» [197, с. 12].

Ба андешаи Власенко сироят кардан бояд дар як вақт ҳам ҳамчун ҳаракат ва ҳам оқибати чунин ҳаракат баҳо дода шавад [176, с. 65].

Ю.С. Норвартян мафҳуми «сирояткунӣ»-ро мушаххасан шарҳ надода, бо чунин мазмун маҳдуд шудааст: «... он бояд тавассути ҷараёни патогенез ... ба организми инсон ... тавзеҳ дода шавад, яъне тавассути механизми тавлид ва инкишофи беморӣ ва зуҳуроти алоҳидаи он» [66, с. 136-137]. Лекин, тавре маълум аст, категорияи «механизм» ҳамчун «маҷмуи ҳолатҳо ва ҷараёнҳо, ки аз онҳо ягон падидаи ҷисмонӣ, химиявӣ, физиологӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд» [87, с. 316], фаҳмида мешавад. Ва тавре худи муаллиф тавзеҳ медиҳад, ҷараёни патогенез «... аз якчанд марҳила иборат аст – латентӣ (пинҳонӣ), пайдошавии нишонаҳои беморӣ, ифодаёбии аломатҳои клиникӣ, натиҷа» [66, с. 316]. Истилоҳи «сирояткунӣ», ки моҳиятан кирдорро ифода мекунад, таввасути категорияи «механизм» тафсир шуда наметавонад. Ҷараёни патогенезро на ҳангоми муайян кардани категорияи «сирояткунӣ», балки ҳангоми таҳқиқи проблемаи лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти пешбининамудаи м. 125 КҶ ҶТ ба кор бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Новобаста аз он ки олимон вобаста ба бемориҳои сироятии хавфнок, аз ҷумла бемориҳои зуҳравӣ, мафҳуми «сирояткунӣ»-ро бо истилоҳҳои гуногун (аз қабили «гузаштан», «интиқол додан» ва ғайра) шарҳ медиҳанд, моҳияти аслии ин мафҳумҳо ба ҳам хеле наздик буда, фарқи онҳо асосан дар тарзи ифодаи забонӣ зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти хусусияти хоси вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ҳамчун бемории сироятии хатарнок, зарур мешуморем, ки чунин таърифи мушаххас ва дақиқтар пешниҳод карда шавад: «Сироят кардани шахс бо бемории хавфноки сироятӣ гуфта ҳолатеро меноманд, ки барангезандаи беморӣ аз ҷониби шахси сироятёфта ё дигар шахси ҳомили вирус ба таври қасдан ё дар натиҷаи беэҳтиётӣ ба организми инсон ворид гардида, дар он реша давонида, сababи пайдоиши ҳолатҳои патологӣ мегардад».

**Решадавонии вируси чунин беморӣ на танҳо маънои дар организми инсони дигар ба таври устувор ҷой гирифтани хосиятҳои касалиовари он, ки**

**ба барангезанда имконияти зоҳир кардани хосиятҳои касалиовари онро медиҳад,** дорад, балки инчунин ба вуҷуд омадани натиҷаи чунин решадавонӣ, дар шакли бемории хавфноки сироятӣ, аз ҷумла ВНМО-ро ифода менамояд».

Дар назария доир ба шакли ифодаи кирдор ҳангоми сироят кардан бо ВНМО ихтилофи назар ҷой дорад.

Баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки сироятёбӣ бо ВНМО ба таври беҳаракатӣ содир шуда наметавонад [39, с. 151-152]. Як қатор муаллифони дигар низ нуқтаи назари ба ин монандро ҷонибдорӣ менамоянд [28, с. 62], [55, с. 186].

Мавқеи дигарро М.И. Галюкова ва С.С. Власенко ишғол менамоянд. Онҳо чунин мешуморанд, ки кирдор метавонад ҳам бо ҳаракат ва ҳам аз беҳаракатӣ содир карда шавад [127, с. 67]. Мо андешаи мазкурро дуруст мешуморем, зеро дар амалия ҳолатҳои сироят ёфтан бо ВНМО на танҳо дар натиҷаи амали фаъолонаи шахс, балки аз рӯйи беамалӣ низ сурат гирифта метавонанд. Ба сифати мисол метавон чунин ҳолатҳоро овард: “вақте ки шахс ба таври ҳатмӣ таҷҳизот ё олоти тиббиро тамйиз (безарар) намекунад; шахси гирифтори ВНМО ҳангоми хунравӣ ё доштани захми кушода аз чораҳои зарурии бехатарӣ истифода намекунад ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд, ки боиси сирояти шахсони дигар мегарданд” [173, с. 91].

Тарафи объективии сироят бо ВНМО на танҳо содир намудани кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), балки ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро, ки м. 125 КҶ ҶТ дар намуди сироят бо ВНМО пешбинӣ намудааст, талаб менамояд: бо ВНМО сироят кардани як шахс (қ. 2); бо ВНМО сироят кардани ду ва зиёда шахсон (қ. 3), бо ВНМО сироят кардани шахси баръало ноболиғ (қ. 3). Бинобар ин, таркиби ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 2-3 м. 125 моддӣ мебошад.

Баҳси дигаре, ки дар масъалаи сироят намудан бо ВНМО ҷой дорад, муайян намудани замони дақиқи сироятёбии ҷабрдида мебошад. Ин

масъала барои муайян кардани лаҳзаи анҷоми ҷинояти пешбининамудаи қ.қ. 2 ва 3 м. 125 КҶ ҶТ аҳаммияти махсус дорад. Зеро маҳз дар ҳолате, ки шахси дигар ба таври воқеӣ ба ВНМО гирифтор мегардад, ҷиноят ҳамчун анҷомёфта ҳисобида мешавад ва маҳз ин ҳолат ба ҳайси оқибати асосии зараровар, ки анҷоми ҷиноятро нишон медиҳад, баромад мекунад.

Ҳангоми таҳлили масъалаҳои бандубасти ҷиноятҳое, ки бо сироят намудани инсон бо бемориҳои сироятӣ алоқамананд, қайд мегардад, ки барои чунин бемориҳо мавҷудияти давраи ниҳонӣ (инкубатсионӣ) хос аст, ки ин давра аз лаҳзаи ворид шудани ангезандаи сироят ба организми инсон оғоз гардида, то лаҳзаи пайдо шудани аломатҳои воқеии беморӣ идома меёбад. Аз ин рӯ, аз ҷумла сироят кардан бо ВНМО аз лаҳзаи ворид шудани вируси бемории сироятии табобатнашаванда ва барои ҳаёти инсон хавфнок ба организми шахси дигар анҷомёфта ҳисобида мешаванд [24, с. 95].

Бояд қайд намуд, ки истифодаи истилоҳи «ворид намудан» чандон муваффақ набуда, бештар барои ҳолатҳои сироят кардани инсон бо истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ (масалан, сӯзандору) мувофиқ аст. Бо вуҷуди ин, бо хулосаи асосии зикршуда розӣ шудан мумкин аст. Дар ҳақиқат, дуруст аст, ки маҳз мавҷуд будани (ё ошкор шудани) микроорганизмҳои патогенӣ дар организми шахси дигар ба анҷомёфта ҳисобидани ҷинояти мазкур рабт дода мешавад.

Инчунин дар адабиётҳо лаҳзаи хотимаёбии сироят бо ВНМО вобаста ба давраҳои чунин сиоятёбӣ муайян карда мешавад. Масалан, рушди ВНМО аз чанд марҳила иборат аст: марҳилаи ниҳонӣ (инкубатсионӣ), зуҳуроти ибтидоӣ, марҳилаи субклиникӣ ва марҳилаи бемории дуюмдараҷа. Ошкор гардидани рушди вирус дар организми ҷабрдида дар ҳар яке аз марҳилаҳои номбаршуда бояд ҳамчун сироятёбӣ эътироф гардад ва кирдори гунаҳгор тибқи қ.2 м. 122 КҶ ФР (қ.2 м.125 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад. Аммо, агар дар организми шахс танҳо мавҷудияти

ангезандагони ВНМО ошкор карда шаванд, ки барои инкишофи беморӣ ба таври возеҳ нокифоя мебошанд, пас гунаҳгор танҳо дар сурати мавҷудияти қасди бевосита тибқи қ. 1 м. 122 КҶ ФР (қ.1 м.125 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [125, с. 115].

Лаҳзаи анҷомёбии ҷинояти пешбинишуда дар қ. 2 м.122 КҶ ФР (қ.2 м.125 КҶ ҶТ) бояд ҳамон лаҳзае эътироф шавад, ки ангезандаи сироятии бемории дахлдор ба организми ҷабрдида ворид мегардад, масалан, худи факти интиқоли вируси норасоии масуният (ВНМО) аз шахси вирусдор ба шахси солим [132, с. 49].

Муайян кардани лаҳзаи дақиқи сироят ёфтани шахс бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) яке аз масъалаҳои мураккаби ҳуқуқию тиббӣ мебошад. Ин мушкилот асосан ба хусусиятҳои ташхиси лаборатории вирус алоқаманд аст, зеро "давраи инкубатсионӣ ё ниҳонии вирус метавонад аз 2-3 ҳафта то шаш моҳ ва дар баъзе мавридҳо ҳатто то як солро дар бар гирад. Усули асосии ташхис дар ин ҳолат муайян кардани антителаҳо ба вирус мебошад, ки аз рӯи нишонаҳои норасоии масуният гузаронида мешавад" [66, с. 137-138].

Бино ба маълумоти тиббӣ, пас аз гузаштани 3 моҳ аз лаҳзаи эҳтимолии сироят, дар аксари шахсон (90-95%) антителаҳо дар хун пайдо мегарданд. Аммо дар баъзе шахсон ин раванд метавонад то як сол тӯл кашад [62, с. 356].

Ҳангоми ташхисгузорӣ зарур аст, ки «давраи равзана» (муҳлати ноаёнии вирус дар ташхисҳо) ба назар гирифта шавад. Барои ба таври дақиқ тасдиқ кардани сироятёбӣ шахс бояд на кам аз ду маротиба аз ташхиси лабораторӣ гузарад ва натиҷаҳои ҳарду ташхис мусбат бошанд. Танҳо пас аз иҷро шудани ин шарт шахс гирифтори ВНМО ҳисобида мешавад.

Надоштани маълумоти кофӣ дар бораи ин хусусиятҳои вирус метавонад дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилӣ ба вуҷуд орад. Аз ҷумла, эҳтимоли иштибоҳан баробар шумурдани лаҳзаи воқеии сироятёбӣ

(масалан, тавассути алоқаи ҷинсӣ) бо лаҳзаи расман ошкор шудани беморӣ (лаҳзаи ба қайдгирии ҳолати мусбати ташхис) вуҷуд дорад.

Доираи вақти ошкоркунии вирус дар организми ҷабрдида ба сифати сироятёбии алакай содиршуда ба инобат гирифта намешавад, ки хато ба назар мерасад. Ҷиноят на аз лаҳзаи ошкор кардани вирус дар организми ҷабрдида ва қайди минбаъдаи мурофиавии он, балки аз лаҳзаи гузаштани вирус аз бемор ба ҷабрдида хотима меёбад. Қайд менамоем, ки агар ташхиси норасоии масуният натиҷаи манфӣ нишон диҳад, пас дар ин маврид, кирдор бояд ҳамчун таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан (қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад.

Ҳамин тариқ, таркиби ҷинояти дар қ.2 м. 125 КҶ ҶТ пешбинишуда моддӣ буда, он аз лаҳзаи ба организми ҷабрдида ворид шудани ВНМО хотимаёфта ҳисобида мешавад. Раванди минбаъдаи беморӣ, суръати афзоиши он ва ё фаро расидани дигар оқибатҳои вазнин барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад [223].

Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки яке аз камбудиҳои маъмули судҳо дар ҳукмҳо мавҷуд набудани тавсифи лаҳзаи ошкоршавии ВНМО дар ҷабрдида, инчунин шумораи ташхисҳои гузаронидашуда мебошад. Дар робита ба ин, ду саволи махсусан муҳим бе ҷавоб мемонад, ки ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд.

Аввал ин, ки оё ҷабрдида то лаҳзаи содир шудани ҷиноят мубталои ВНМО буд ё не? Ҳатто агар ин ҳолат муқаррар нашуда бошад ҳам, дар таҷриба вазъияте ҷой дошта метавонад, ки ҷабрдида то лаҳзаи содири ҷиноят алакай мубталои ВНМО мебошад, ки дар навбати худ, ин ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд, чунки ду маротиба бо ин вирус сироят кардан номумкин аст.

Дигар ин ки оё ҷабрдида чанд маротиба аз ташхиси ВНМО гузаштааст ва натиҷаҳои он (онҳо) чӣ гуна аст? Хусусиятҳои хоси ошкоркунии ВНМО-ро ба инобат гирифта, мо дақиқу аниқ гуфта наметавонем, ки ҷабрдида бо ВНМО сироят ёфтааст, агар ташхиси ин вирус як маротиба гузаронида

шуда бошад. Илова бар ин, ҳатто дар он ҳолате, ки ҷабрдида ин ташхисро ду маротиба супорида бошад, вале натиҷаҳо мухталифанд (якум – мусбӣ, дуюм – манфӣ ё баръакс) – ин асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ ҷалб намудани шахси гунаҳгор намебошад. Бояд як бори дигар ташхис гузаронида шавад.

Гуфтаҳои болоро дар мисоли зерин ифода намудан мумкин аст. Моҳи декабри соли 2021 суди ноҳияи Синои ш.Душанбе нисбати шаҳрванд А. тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ ҳукми айбдорӣ бароварда, шартан ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодиро бо вогузории уҳдадории зерин таъин намуд: а) тағйир надодани ҷойи истиқомат ва кор бе хабардор кардани мақоми давлатии ваколатдор, ки ислоҳи маҳкумшударо амалӣ менамояд; б) сари вақт дар қайди мақомоти зикршуда истодан ва давра ба давра дар рӯзҳои муқарраршуда барои бақайдгирӣ ҳозир шудан ба ин мақомот.

Ҷиноят таҳти шароитҳои зерин содир шуда буд. Шаҳрванд А., ки мубталои ВНМО будани худро медонист, ҳангоми дар давраи аз миёнаҳои моҳи октиябри соли 2020 то аввалҳои моҳи октябри соли 2021 бо шаҳрванд Б. дар хонаи иҷора якҷоя зиндагӣ кардан бо вуҷуди он ки хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои ҷиноятии худро дарк ва эҳтимолияти ба вуҷуд омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ карда метавонист, бо ӯ бидуни истифодаи воситаҳои ҳимоявӣ дар шакли табиӣ алоқаи ҷинсӣ анҷом медиҳад ва ӯро бо ВНМО сироят намудааст. [228].

Дар ҳукм пешбинӣ нашудааст, ки ҷабрдида чанд маротиба аз ташхиси хун гузаштааст ва оё ӯ то содири ҷиноят мубталои ВНМО буд ё не. Аммо, дар он санаи ошкор кардани ВНМО дар ҷабрдида зикр шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар амалия ҳангоми баҳогузории ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдори шахсони мубталои ВНМО, ки дар ҳолати содир кардани таҷовуз ба номус ё дигар кирдорҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ ба ҷабрдида сироят меёбанд, баъзе мушкилоти муайян ба вуҷуд меоянд. Ба ин масъала муҳаққиқони дигар низ диққат додаанд, вале асосан

масъалаи сироят кардани ҷабрдидаро бо бемориҳои зуҳравӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд [160, с. 44].

Дар ин замина бояд қайд кард, ки қонунгузор мавқеи худро нисбат ба ин гуна ҳолатҳо равшан муайян намудааст. Агар таҷовуз ба номус боиси сироят ёфтани ҷабрдида бо ВНМО гардад, ҷавобгарии шахси гунаҳгор мувофиқи банди «г» қ. 3 м.138 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Агар сироятёбӣ ҳангоми содир намудани амалҳои дигари дорои хусусияти шаҳвонӣ ба вуҷуд ояд, ҷавобгарӣ тибқи б. «б» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ татбиқ мегардад.

Аммо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии судҳо ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ин талабот пурра ва дуруст риоя намешаванд. Яъне дар баъзе ҳолатҳо судҳо на ҳама вақт ҳолати гирифтор будани шахси гунаҳгор ба ВНМО-ро ҳангоми содир намудани таҷовуз ё дигар амалҳои шаҳвонӣ баҳои ҳуқуқии дуруст медиҳанд, ки ин боиси нодурустиҳо дар татбиқи қонун мегардад.

Чунончи, дар ҷабрдида Х. пас содир шудани таҷовуз ба номус аз тарафи М., ки гирифтори ВНМО мебошад, диагнози ин бемории хавфнок муқаррар карда нашуд. Аммо, тавре мутахассиси пурсидаи суд шарҳ дод, «ҳолатҳое ҷой дошта метавонанд, ки ВНМО ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бе воситаҳои ҳимоявӣ намегузарад ва ин аз масунияти инсон, касалиоварии микробҳо вобастагӣ дорад». Шаҳрванд М. барои ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ тибқи қ. 4 м. 139 КҶ ҶТ маҳкум карда шуд [227]. Ба назари мо, судро мебоист дар ҳолатҳои ишорашуда, масъалаи самти қасд ба содиркардани ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки боиси сироятёбии ҷабрдида бо ВНМО гардидааст, таҳқиқ менамуд ва ҳангоми муқаррар кардани тамоми аломатҳои чунин ҷиноят онро ҳамчун ҷинояти нотамом, яъне суиқасд тибқи қ. 3 м. 32 ва б. «б» қ. 4 м. 139 КҶ ҶТ бандубаст мекард.

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи баҳснок, ки дар назария ва амалияи бандубасти сироят кардан бо ВНМО пайдо мешаванд, нишон медиҳад, ки дар фаҳмиши м. 125 КҶ ҶТ тафовути муҳим ҷой дорад.

Қаблан дар илми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ як проблемаи дигар низ мавҷуд буд – проблемаи «розигии ҷабрдида» барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан. Ин ҳолатро қонунгузории ҷиноятии давлати мо ба назар намегирад. Чи тавре дар боло қайд кардем, оид ба розигии ҷабрдида пеш аз сироятёбӣ дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо махсус эзоҳи модда пешбинӣ шудааст, ки боиси аз ҷавобгарӣ озод шудани шахси ҷиноятсодиркарда мегардад.

Агар чанде, ки чунин муқаррарот дар КҶ ҶТ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, мо онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Чунончи, А.Н. Красиков розигиро ҳамчун «ифодаи озодонаи иродаи шахс барои вайрон гардидани неъматҳои худ ё таҳти хавф ҳамчун тарзи ноил гардидан ба манфиати шахсӣ гузоштани онҳо» муайян намуда буд [51, с. 58-59].

Ба андешаи ӯ, розигӣ бояд дорои аломатҳои зерин бошад:

а) ба он ҳуқуқ ва манфиатҳое паҳн гардад, ки таҳти ихтиёрдории озоди шахс қарор доранд;

б) розигӣ бояд дар доираи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсии таҳти ихтиёрдорӣ қарордошта дода шавад;

в) он набояд мақсадҳои ба ҷамъият хавфнокро пайгирӣ намояд;

г) воқеӣ, ихтиёрӣ ва саривақтӣ бошад [51, с. 65].

Мавқеи дигарро доир ба муайян намудани истилоҳи «розигии ҷабрдида» С.В. Познишев ҷонибдорӣ менамояд. Тибқи он олим изҳори иродаеро мефаҳмад, ки ба таври ҷиддӣ дода шуда, қарори андешидашудаи субъектро ифода менамояд, ки на таҳти маҷбурсозӣ, балки ихтиёрӣ дода шудааст, на таҳти фиреб, балки бо дарназардошти фаҳмиши оқибатҳои кирдоре, ки ба он розигӣ дода мешавад, дода шудааст, аз тарафи шахси мукаллаф на пас, балки қабл аз содири кирдор дода шудааст [51, с. 160].

Ба мо мавқеи Е.К. Газданова писанд омад, ки ба андешаи ӯ «розигии ҷабрдида» бояд бо аломатҳои зерин тавсиф карда шавад: аломатҳои

субъективӣ (ихтиёрӣ ва воқеӣ будани ифодаи он); аломатҳои объективӣ (мушаххас, дастрас ва саривақтӣ) [178, с. 10].

Доир ба масъалаи «розигии ҷабрдида» барои таҳти хавфи сироят (ва худи сироят) бо ВНМО гузоштан ду нуқтаи назари муқобил мавҷуд буд.

Якум, аз сабаби он ки таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар (қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ) ба ҷиноятҳои начандон вазнин мансуб мебошад, бинобар ин, проблемаи баррасишавандаро бо истифодаи қоидаҳои институти ошти шудан бо ҷабрдида ҳал намудан мумкин аст. Танҳо дар ҳолате, ки ҷабрдидаро пурра табобат карда, заррари ба саломатии он расонидашударо пурра талофи намояд [173, с. 97].

Мо андешаи олимонро дар он хусус, ки маҳрум сохтани одамони бо ВНМО зиндагикунанда аз имконияти доштани оилаи комил ва фарзанд аз рӯйи инсондӯстӣ намебошад, ҷонибдорӣ мекунем, ба шарте, ки шарикони онҳо дар бораи хавфи онҳоро интизорбуда донанд ва онро дидаву дониста қабул намоянд. Ба сифати мисоли равшани ин гуфтаҳо ҳолатҳое баромад карда метавонанд, ки яке аз ҳамсарон мубталои ВНМО аст ва якҷоя бо ҳамсари дигар дар давоми тамоми умр чораҳои пешгирикунандаро, ки ба сироят накардани охирин равона гардидаанд, риоя мекунанд. Дар таҷриба чунин ҳолатҳо кам нестанд.

Дуюм, нуқтаи назари дигарро С.П. Шерба ҷонибдорӣ мекунад. Ӯ чунин мешуморад, ки розигии ихтиёрии ҷабрдида барои барқарор намудани ҳама гуна алоқа бо шахси мубталои ВНМО, ки дар ҷараёни он хавфи сироятёбӣ бо ин ворус ба вуҷуд меояд, асос барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан намебошад. Мавқеи худро ӯ бо он асоснок менамояд, ки ҳама гуна намуди воситаҳои ҳимоявӣ (механикӣ ё химиявӣ) кафолати 100% сироят наёфтанро бо ВНМО намедиҳанд [163, с. 37].

Таҷрибаи судӣ дар хусуси ҷой доштани ҳолатҳои шабеҳ гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, суди ноҳияи Фирдавсии дар соли 2023 шаҳрванд М.-ро, ки мубталои ВНМО мебошад, гунаҳгор эътироф карда, ӯро ба маҳрум

сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол маҳкум намуд, гарчанде ҷабрдида С. дар хусуси бемории М. медонист ва дидаю дониста бо ӯ алоқаи ҷинсӣ карда буд [225].

Бо мақсади дар доираи қонунгузорӣ ҳал намудани ин баҳсҳо дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо ҳангоми ҷой доштани розигии ҷабрдида шахси сирояткунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Масалан, дар м.122 КҶ ФР чунин эзоҳ муқаррар шудааст:

«Шахсе, ки кирдори пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкурро содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузошташуда ё сироятёфта сари вақт дар хусуси мавҷудияти чунин бемори дар шахси сирояткунанда огоҳ карда шуда бошад». Ворид намудани чунин тағйирот ба баҳсҳои назариявию амалӣ хотима мегузорад.

Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба аломати саривақтӣ ва ихтиёрӣ будани розигӣ баҳсу мунозираҳо бурда мешавад.

Чунончи, яке аз баҳсҳо дар атрофи масъалаи лаҳзаи изҳори хоҳиши ҷабрдида ба расонидани зарар ба манфиатҳои ӯ, ҷой дорад. Розигӣ барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё сирояткунӣ бо ин вирус бояд пешакӣ гуфта шуда бошад.

Аммо, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба ин масъала андешаҳои мухталиф мавҷуд аст. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки «розигӣ бояд на дар ҷараёни содиркунӣ, балки то содири кирдор дода шуда бошад, чунки тибқи маҳаки мазкур, лаҳзае муҳим мебошад, ки дар он субъект тасмими содир намудани кирдорро гирифтаст ва ба содири он шуруъ кардааст, муҳим он аст, ки оё ӯ бо таҷовузкорона будани ҳаракатҳояш нисбати шахси дигар ба қарор омадааст ва оё ҳаракатҳои ӯ ба иродаи шахси дигар мувофиқат мекунанд» [72, с. 160].

Дигар олимон чунин мешуморанд, ки розигӣ бояд то ё дар ҷараёни содири ҳаракатҳо дода шуда бошад.  Гурӯҳи сеюм қайд менамоянд, ки «розигӣ бояд то оғози содиркунии ҳаракатҳои зараровар дода шуда бошад.

Он қувваи бозгашт надорад... Муҳлати амали розигӣ махсус қайду шарт мешавад ё аз шароити додани он вобастагӣ дорад. Розигии бекоршуда содир намудани ҳаракатҳои дар аввал шартшударо манъ менамояд» [148, с. 67].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, маҳз мавқеи гурӯҳи охирини олимон оид ба лаҳзаи ифодаи розигии ҷабрдида барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО қарор гирифтан, дурустар мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки барои интихоби тарзи рафтор ба ҷабрдида вақти кофӣ лозим аст. Муҳлати вақте, ки барои қабули ин ё он қарор зарур аст, – ин категорияи баҳодиҳӣ мебошад, ки бо дарназардошти шароити содир намудани кирдор муайян карда мешавад.

Қайд менамоем, ки огоҳкунии саривақтӣ, ҳамчун шарти зарурии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё сироят кардан бо он, дар худ хабарномаеро мемонад, ки ҷабрдидаро пешакӣ дар хусуси хавфи сироятёбӣ бо ВНМО аз шахси гунаҳгор то лаҳзаи содир гардидани ҳаракатҳое, ки ӯро таҳти хавфи сироятёбӣ ё сироятёбӣ бо ВНМО мегузоранд, огоҳ менамояд.

Тавре аксарияти олимон иброз медоранд, дараҷаи кофии маълумотнокӣ метавон худи хабар оид ба мавҷудияти ВНМО-ро ҳисобид, дар ин ҳол, шахси гунаҳгор уҳдадор нест, ки моҳияти бемории худ ва тарзҳои кам кардани хавфи сироятёбиро тавзеҳ диҳад [147, с. 162], [45, с. 208-209].

Баҳсҳои муайян миёни олимон дар масъалаи шакли ифодаи розигии ҷабрдида, инчунин шакли огоҳкунӣ барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан, ҷой доранд. Ин гуфтаҳо барои сироят кардан бо ВНМО низ пурра дахл дорад.

Э.Л. Сидоренко бар он назар аст, ки "барои тасдиқ намудани ҳолати огоҳ будани шахс аз сироятёбӣ бо бемории хавфнок, ҳатман мавҷудияти огоҳиномаи хаттӣ зарур мебошад, зеро маҳз ҳамин шакли огоҳӣ ҳамчун далели муҳимми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад" [156, с. 58-59].

Дар навбати худ, Р.Г. Камнев назареро пешниҳод мекунад, ки "шакли огоҳкунӣ барои тасдиқи ҳолати мазкур аҳаммияти ҳалкунанда надорад. Ба ақидаи ӯ, набояд масъалаҳои ҳуқуқии моддиро бо масъалаҳои марбут ба исботкунӣ омехта кард, зеро огоҳиномаи хаттӣ ягона воситаи исботи огоҳ будани шахс нест" [136, с. 42]. Ба андешаи мо, низ, нуқтаи назари дуюм бештар асоснок ва воқеӣ ба назар мерасад.

Дар робита ба масъалаи ихтиёрӣ будани ризоияти ҷабрдида, Е.К. Газданова таҳқиқоти муфассал анҷом дода, ба чунин хулоса меояд, ки "ихтиёрӣ будани розигӣ маънои онро дорад, ки нисбати ҷабрдида ҳеҷ гуна маҷбуркунӣ ё фиреб аз тарафи шахси сирояткунанда ва ё шахсони дигар сурат нагирифта бошад. Ба андешаи ӯ, маҷбуркунӣ метавонад ҳамчун истифодаи усулҳои ғайриқонунии таъсиррасонии ҷисмонӣ ё руҳӣ зоҳир гардад, ки дар шакли зӯроварӣ, таҳдид, лату кӯб, маҳрум сохтан аз озодӣ, истифодаи шиканҷа ва дигар усулҳои таъсири манфӣ ифода меёбад.

Зоҳиран, рафторҳои беэҳтиётӣ, ки ҷабрдидаро барои додани розигӣ водор намудаанд, ба андешаи муҳаққиқ, набояд ҳамчун маҷбурсозӣ ба розигӣ баррасӣ карда шаванд "[178, с. 61], [157, с. 61].

А.Н. Бурдинская низ вобаста ба эзоҳи м.122 КҶ ФР баён медорад, ки розигии ҷабрдида метавонад дар натиҷаи фиреб додани ӯ гирифта шавад: қасдан ба гумроҳӣ бурдани ҷабрдида вобаста ба ҳолатҳое, ки дар ба вуҷуд омадани хоҳиши ҷабрдида ҷиҳати розигӣ додан барои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё сироятёбӣ бо ин вирус мусоидат намудаанд. Дар ин маврид, розигии ҷабрдида бояд беэътибор эътироф карда шавад ва шахси гунаҳгор тибқи қ. 1 м. 122 КҶ ФР ё қ. 2 м. 122 КҶ ФР ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад [173, с. 101].

Баъзе олимон ихтиёрӣ будани розигии ҷабрдидаро бо чунин мафҳум, ба монанди қобилияти пурраи амалкунии шахс, яъне ба синни 18 солагӣ расидани ӯ алоқаманд менамоянд [89, с. 110-111]. Дигарон бар он ақидаанд, ки изҳори иродаи шахси аз синни 16 сола боло ба эътибор гирифта шавад.

Аммо, дар ин маврид бояд ҳолати донистани синни ҷабрдида аз тарфи шахси гунаҳгор муқаррар карда шавад [156, с. 58-59].

**Ҳамин тавр, дар масъалаҳои имконияти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо бемории ВНМО ва шартҳои чунин озоднамоӣ то ҳол дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсҳо идома доранд.**

Бояд зикр намуд, ки мутобиқи қонунгузории ҶТ имконияти аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудани гунаҳгор барои ҷинояти қ.1 м.125 КҶ ҶТ мумкин аст танҳо тибқи муқаррароти КМҶ ҶТ сурат гирад. Зеро мувофиқи муқаррароти қ. 3 м. 24 КМҶ ҶТ парвандаҳо оид ба ҷинояти дар қ. 1 м.125 КҶ ҶТ пешбинишуда ба парвандаҳои хусусӣ-умумӣ мансуб буда, танҳо бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида ва ё намояндаи қонунии ӯ оғоз карда шуда, тибқи талаботи қ. 3 м. 24 ва м. 147 КМҶ ҶТ дар сурати оштӣ шудани шахси аз ҷиноят ҷабрдида бо айбдоршаванда (судшаванда) ва барқарор намудани товони зарари ба ӯ расонидашуда, пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкур бо тартиби пешбининамудаи КМҶ қатъ карда мешавад [223].

**Қобили зикр аст, ки дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ низ қисми муайяни парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида бинобар оштӣ шудан бо ҷабрдида қатъ карда мешаванд. Ба сабабҳое, ки ҷабрдидаро ба қабули** чунин қарор водор мекунанд, инҳо мансубанд: муносибатҳои хайрхоҳонаи байни гунаҳгор ва ҷабрдида; ҷуброни зарари маънавӣ ва моддии бо ин ҷиноят расонидашуда аз тарафи гунаҳгор. Ин бо натиҷаҳои таҳлили маводҳои таҷрибаи тафтишотии судӣ низ тасдиқ карда мешавад.

Чунончи, аз тарафи суди н. Синои ш. Душанбе парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд С., ки дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ айбдор дониста мешуд, бинобар оштӣ шудани тарафҳо тибқи м. 30 КМҶ қатъ карда шуд [240]. Тавре ба тафтишот маълум гардид, шаҳрванд С. моҳи апрели соли 2018 бо вуҷуди он ки мубталои ВНМО будани худро медонист ва ба ҷамъият хавфнокии таҳти хавфи сироят бо

ВНМО гузоштани шахси дигарро дарк мекард, ҳангоми дар манзили ошиқаш – шаҳрванд Б. қарор доштан, дидаю дониста бидуни воситаҳои ҳимоявӣ бо ӯ алоқаи ҷинсӣ анҷом дод ва бо ин амалаш қоидаҳои пешгирикуниро вайрон намуд, дар ҳоле, ки эҳтимолияти бо ВНМО сироят ёфтани шаҳрванд Б.-ро хуб медонист. Дар натиҷа, тибқи натиҷаҳои ташхиси хунӣ, ки аз тарафи яке аз марказҳои ташхиси шаҳри Душанбе гузаронида шудааст, дар хуни шаҳрванд Б. бемории ВНМО ошкор гардид. Аммо, тавре ҷабрдида арз намуд, судшаванда зарари маънавӣ ва моддии аз ин ҷиноят ба ӯ расонидаро пурра ҷуброн кардааст. Аз ин лиҳоз, нисбати ӯ ҳеҷ гуна шикоят надорад ва дар хусуси қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд С. дар аризааш қайд намудааст.

Аммо талаботи қ. 6 м. 24 КМҶ ҶТ, ба ҷинояти қ.2 м.125 КҶ ҶТ ҳамчун парвандаи дорои хусусияти умумӣ паҳн намегардад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назари ҳолибе мавҷуд аст, ки мувофиқи он, табиати иҷтимоии ризоияти сироят шудан бо ВНМО-ро метавон ҳамчун як навъ шакли «муросо бо ҷабрдида» арзёбӣ намуд. Яъне, «ҷабрдида», бо огоҳӣ аз сирояти ВНМО доштани гунаҳгор, огоҳона ба хавфи сироят шудан розӣ мешавад ва онро ҳамчун як навъ «мукофот барои лаззат» қабул мекунад. Дар чорчӯби ин қарордоди шартӣ, чунин мувофиқаи тарафҳо нисбат ба қ. 1 м.122 КҶ ФР (қ.1 м.125 КҶ ҶТ) бояд тибқи қоидаҳои институти оштӣ шудан бо ҷабрдида баррасӣ гардад, зеро кирдори мазкур ҷинояти начандон вазнин маҳсуб мешавад [74, с. 367-368].

Аммо, ба назари мо, чунин мавқеъ ҷиддан баҳснок мебошад. Аввалан, дар ин ҷо қоидаҳои мантиқи расмӣ риоя нашудааст. Зеро дуруст нест, ки оштӣ шудан бо ҷабрдида танҳо нисбат ба қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ татбиқ шуда, чунин имконият нисбат ба қ.2-и ҳамин модда истисно гардад. Дар асл, сироят намудани шахси дигар бо ВНМО аз ҷониби шахсе, ки аз сирояти худ бо ин вирус огоҳ аст, ҷинояти дараҷаи миёна мебошад ва аз ин рӯ низ метавонад таҳти амали м.73 КҶ ҶТ қарор бигирад.

Аз дигар тараф, оштишавӣ бо ҷабрдида ҳамеша рафтори баъдиҷиноятии гунаҳгорро ифода мекунад, ҳол он ки огоҳии саривақтӣ пеш аз дар хатар гузоштани сироят амалӣ мешавад. Ба ибораи дигар, пешакӣ оштӣ шудан бо ҷабрдида, дар ҳолате ки ҳанӯз ягон кирдоре содир нагардидааст, номумкин аст.

Ғайр аз ин, дар м. 73 КҶ ҶТ зикр шудааст, ки гунаҳгор зарари ба ҷабрдида расонидаашро талофӣ карда бошад. Дар ҳолати дидаю дониста дар хатар гузоштани сироят, яъне ҳангоми комилан огоҳ будани шахси сироятшуда аз эҳтимоли баланди фаро расидани оқибатҳои манфӣ барои саломатӣ ва ҳаёт, гунаҳгор дигар наметавонад ба ҷабрдида кумак кунад. Дар чунин вазъият ҷуброни зарари расонидашуда ба таври воқеӣ имконнопазир мегардад.

Бинобар ин, новобаста аз муқаррароти дар қ.3 м.24 КМҶ ҷой дошта дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида роҳи аз ҳама дурусти ҳалли ин масъала бо мақсади таъмини принсипи қонуният ба таври алоҳида илова намудани эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад, ки дар он имконияти озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои мазкур муқаррар карда мешуд. Вобаста ба ин зарур мешуморем, ки эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: “Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад”.

Ба андешаи мо, дар м.125 КҶ ҶТ қонунгузор ду таркиби мустақили ҷиноятро мустаҳкам намудааст (қ.1 м.125 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ). Дар баробари таркиби мустақили ҷиноят дар қ.2 м.125 КҶ ҶТ қонунгузор таркиби вазнинкунандаи онро дар қ.3 моддаи мазкур бо роҳи илова

намудани аломатҳои иловагӣ ва муқаррар намудани ҷазои нисбатан вазнинтар дар муқоиса бо санксияи қ.2 м.125 КҶ ҶТ созмон додааст.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, ҳолатҳои муҳимми зеринро қайд намудан мумкин аст:

1. Тарафи объективии қ.1 м.125 КҶ ҶТ бо дарназардошти роҳҳои сирояти ВНМО танҳо тавассути ҳаракатҳои фаъолонае имконпазир аст, ки бевосита хавфро эҷод мекунанд. Тасаввур намудани кирдори барои ҷомеа хавфнок дар шакли беҳаракатӣ, ки дар дидаву дониста таҳдиди сирояти шахси дигар ба ВНМО ифода ёфта бошад, ба мантиқи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мутобиқат намекунад.

2. Дар таҷрибаи судӣ зери хавфи сироят ба бемории ВНМО гузоштани як нафар ва зиёда аз он танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳол он ки ба андешаи мо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳо, ки **нисбати шумораи зиёди ҷабрдидагон содир шудааст, баландтар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки дар м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани ду ва ё зиёда шахсон мустаҳкам карда шавад.**

3. Тарафи объективии сироят бо ВНМО на танҳо содир намудани кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), балки ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро, ки м. 125 КҶ ҶТ дар намуди сироят бо ВНМО пешбинӣ намудааст, талаб менамояд: бо ВНМО сироят кардани як шахс (қ. 2); бо ВНМО сироят кардани ду ва зиёда шахсон (қ. 3), бо ВНМО сироят кардани шахси баръало ноболиғ (қ. 3). Бинобар ин, таркиби ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 2-3 м. 125 моддӣ мебошад.

4. Новобаста аз муқаррароти дар қ.3 м.24 КМҶ ҷой дошта дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида роҳи аз ҳама дурусти ҳалли ин масъала бо мақсади таъмини принсипи қонуният ба таври алоҳида илова намудани эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад, ки дар он имконияти озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

кирдорҳои мазкур муқаррар карда шавад. Вобаста ба ин зарур мешуморем, ки эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: “Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад”.

### 2.3. Субъекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам

Яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят эътироф мешавад. “Субъекти ҷиноят ин шахси воқеии мукаллаф мебошад, ки ба синни муқарраркардаи қонуни ҷиноятӣ расида, дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор мебошад” [112, с. 201]. Субъекти ҷиноят ва аломатҳои он дар м.м. 22-26 боби 4 КҶ ҶТ ва як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ муайян карда шудааст.

Аломатҳое, ки дар моддаҳои зикршудаи КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, барои тамоми субъектони ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошад. Набудани аломате, ки дар моддаҳои 22-26 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, боиси истисно гардидани субъекти ҷиноят ва таркиби ҷиноят дар маҷмуъ мегардад.

Аз меъёрҳои КҶ ҶТ (м.22) бармеояд, ки субъекти умумии ҷиноят дорои се аломати ҳатмӣ мебошад:

1. Субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ, яъне шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ шуда метавонад(м. 14, 15 КҶ ҶТ).

2. Субъекти ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки қобилияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданро дорад. Ин маънои онро дорад, ки шахс бояд дорои қобилияти зеҳнӣ ва иродавӣ бошад, то тавонад хусусияти воқеӣ ва барои ҷамъият хавфнок будани кирдори худро пурра дарк карда, амалҳои худро идора намояд (м.м. 28,29 КҶ ҶТ).

3. Синну сол – шарти дигари ҳатмӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мебошад, ки бо фаро расидани он қонунгузории ҷиноятӣ шахсро барои кирдори содиркардааш ба ҷавобгарӣ мекашад.

Дар баробари ин, қонунгузор дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар як қатор ҳолатҳо аломатҳои иловагии субъекти ҷиноятро низ пешбинӣ намудааст. Чунин аломатҳо, маъмулан, барои тавсифи шахсоне истифода мешаванд, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти махсусро содир менамоянд, масалан, ҷиноятҳои мансабӣ, ҳарбӣ ё дигар ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои хос. Дар ин ҳолатҳо ҷавобгарӣ танҳо ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои махсуси пешбинишуда, ки барои таркиби умумии ҷиноят аломати иловагӣ ба ҳисоб меравранд, ба миён меояд.

Масъалаи асосии дар зербоби мазкур пешбинишуда, ки бояд баррасӣ гардад ин субъекти ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО мебошад.

Аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки масъалаи баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё сироят кардан бо ин вирус дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳеҷ мушкилӣ надорад, аммо ин тавр нест.

Қонунгузор диспозитсияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ-ро ба тавре таҳия намудааст, ки ин боиси пайдо шудани саволҳои зиёде гардидааст. Зеро дар қ.1 м.125 КҶ ҶТ танҳо сухан дар бораи дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар меравад ва ҳеҷ чиз дар бораи он, ки шахси гунаҳгор ҳатман бояд сироятёфта ба чунин вирус бошад, гуфта намешавад.

Вобаста ба ин доираи доираи субъекти ҷинояти мазкур то ҳол дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Андешаҳои олимонро вобаста ба субъекти қ.1 м.125 КҶ ҶТ мутавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд.

Ба андешаи гурӯҳи аввали олимон субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан танҳо шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни 16-солагӣ расидааст ва гирифтори ВНМО ё бемории СПИД мебошад [131, с. 43], [58,

с. 672], [107, с. 82] ба ҳисоб меравад, яъне он дорои субъекти махсус мебошад.

Олимони дигар бошанд, чунин мешуморанд, барои субъекти ин ҷиноят эътироф намудани шахс ҳатмӣ нест, ки ӯ мубталои ВНМО ё СПИД бошад [182, с. 139], [66, с. 83].

Андешаи аввали олимон доираи субъекти ҷинояти мазкурро каме маҳдуд менамояд, чунки дар диспозитсияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ қонунгузор бевосита ба мубталои ВНМО будани гумонбаршаванда ишора намекунад.

Дар ин асно А.И. Коробеев дуруст қайд менамояд, ки "барои субъекти ҷинояти қ.1 м.122 КҶ ФР (қ.1 м.125 КҶ ҶТ) эътироф гардидани шахс ҳатмӣ нест, ки шахси гунаҳгор гирифтори ВНМО ё бемории СПИД бошад. Мавқеи худро олим бо он асоснок менамояд, ки шахси нашъамандӣ мубталои ВНМО дидаю донистани бо сӯзандории сироятёфта ба шиносони худ дору мегузаронад, вале тасодуфан сироятёбӣ бо ВНМО ба амал намеояд. Яқин аст, ки чунин ҳаракатҳо бояд ҳамчун таҳти сироят бо ВНМО гузоштан бандубаст карда шаванд" [74, с. 378], [140, с. 39].

А.Н. Бурдинская низ тарафдорӣ умумӣ будани субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар буда, аз ҷумла ба шумораи чунин шахсон ғайр аз шахси сироятёфта бо ВНМО шахсони зеринро мансуб медонад:

"а) кормандони тиб (духтурон, ҳамшираҳои шафқат) – кормандони дахлдори ташкилотҳои давлатии махсусгардонидашудаи низоми тандурустӣ, ки ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам сироятшуда ё беморони мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният кумаки тиббӣ ё дигар кумакҳо мерасонанд ва ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бо истифодаи маводи сироятёфта, истеҳсоли дорувории биологӣ барои ташхис машғул мебошанд (м. 171 КТ ҶТ);

б) шахсоне, ки ба уҳдадориҳои вазифавии онҳо кор бо моеъҳои биологӣ, узв ва бофтаҳои организми инсон дохил мешавад (косметологҳо, кормандони озмоишгоҳҳо);

в) дигар мутахассисоне, ки қоидаҳои пешгирии сироят бо вируси норасоии масунияти одамро вайрон мекунанд (сардорони колонияҳо ва дигарон)” [173, с. 121-122].

Муаллиф субъекти ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО-ро умумӣ медонад. Омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ-судии ҷиноятҳои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан нишон медиҳад, ки дар бештари мавридҳо субъекти ҷиноят инсони мубталои ВНМО мебошад. Лекин ин маънои онро надорад, ки танҳо субъекти ҷиноят шахси ба ин сироят мубталобуда мебошад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан аз тарафи кормандони тиб бениҳоят қайднашаванда (латентӣ) буда, дар давраи аз соли 2001 то имрӯз чунин ҳолатҳо ба қайд гирифта нашудаанд.

Ба андешаи мо, кормандони соҳаи тиб танҳо дар ҳолатҳое ба сифати субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО баромад карда метавонанд, ки агар кирдори худро қасдона содир намуда бошанд.

Ҳамин тавр, субъекти ҷиноят тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида эътироф мешавад, ки дар бештари мавридҳои муталои ВНМО ё гирифтори бемории СПИД мебошад.

Вале эътироф намудани он ки субъекти қ.1 м.125 КҶ ҶТ махсус мебошад, асоснок ба назар намерасад. Зеро чи тавре дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ тавзеҳ дода шудааст: “Субъекти ҷинояти қ. 1 м.125 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне, шахси воқеии мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ расида, ки бо кирдори худ дидаю дониста шахси дигарро таҳти хавфи сироят бо ВНМО мегузорад. Қонуни ҷиноятӣ нишонаҳои субъекти махсусро ҳангоми содир намудани ҷинояти мазкур ба таври мушаххас нишон намедиҳад, аз ин рӯ, субъекти қисми якуми моддаи мазкур ҳам шахси бо ВНМО зиндагикунанда ва ҳам дигар шахсон шуда метавонанд” [223].

Ба андешаи аксарияти олимон субъекти ҷинояти дар қ.қ. 2, 3 м.125 КҶ ҶТ муқарраршуда махсус мебошад. Бояд зикр намуд, ки зери мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд [115, с. 77]. Дар ҷинояти сироят кардан бо ВНМО ба чунин сифат танҳо шахси барандаи вируси мазкур баромад карда метавонад [131, с. 43], [158, с. 20-21].

Дар баробари ин, андешаи дигар низ иброз мешавад, ки мувофиқи он чунин муносибат дар муайян намудани субъекти ҷинояти мазкур қобили қабул шуморида намешавад. Зеро он доираи гунаҳгорон дар содир намудани чунин кирдорҳоро маҳдуд месозад. Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки ба шахси дилхоҳе, ки қасдан ба робитаи байни предметҳои бо ВНМО сироятёфта ва ҷабрдида роҳ додааст, бояд аз рӯйи ҷинояти мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд [126, с. 36].

А.А. Жинкина низ тарафдорӣ чунин андеша буда, баён медорад, ки “сирояти шахс ба ВНМО метавонад тавассути шахси дуюм бо истифода аз маводи биологии шахси сеюм амалӣ гардад. Бинобар ин, комилан мантиқӣ менамояд, ки мафҳуми субъекти ҷиноят дар қ. 2 м.122 КҶ ФР (қ.2 м.125 КҶ ҶТ) васеъ карда шавад. Субъект дар ин ҳолат метавонад ҳар шахсе бошад, ки ё қасдан шахси дигарро бо истифода аз ашё ё маводи биологии олудаи ВНМО сироят кардааст, ё шахсе, ки, бо огоҳӣ аз доштани вируси мазкур, шахси ҷабрдидаро сироят кардааст” [132, с. 49].

Субъекти махсус доштани қ. 2 ва 3 м. 125 КҶ ҶТ аз он бармеояд, ки дар он қонунгузор бевосита ба он ҳолат ишора менамояд, ки шахси содиркардаи кирдори ба сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО равонагардида, дар баробари аломатҳои умумии субъекти ҷиноят бояд тавсифи иловагиро доро бошад: 1) шахс бояд мубталои бемории ВНМО бошад; 2) мубталои чунин беморӣ будани худро донад; 3) ба таври расмӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор огоҳ карда шуда бошад [173, с. 123-124].

Тавре С.В. Расторопов қайд намуда буд, чунин субъекти ҷиноят аз рӯйи аломати вазъи саломатӣ махсус мебошад [81, с. 317]. Ин субъектҳоро дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи махсуси «шахсони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфта» ном мебарад [2].

Мутобиқи м.1 Кодекси тандурустии ҶТ “шахси сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам – шахсе, эътироф мешавад, ки гирифтори вируси норасоии масунияти одам шудааст (шахсони ҳомили вируси норасоии масунияти одам ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният)” [2].

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи қ. 2, 3 м. 125 КҶ ҶТ кашидани субъекти мубталои ВНМО бояд он ҳолате муқаррар карда шавад, ки “шахс пешакӣ ва боэътимод медонист, ки мубталои ВНМО мебошад, яъне ба ӯ иттилоъ дода шуда буд, ки дар организми ӯ ВНМО вуҷуд дорад ва ин ҳолат дар натиҷаи муоинаи тиббӣ тасдиқ шудааст. Чунин иттилоот ба шахси сироятёфта бо роҳи огоҳии расмӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳти хавфи сироят гузоштани шахси дигар ё сироят кардан бо ВНМО, инчунин шинос кардан бо қоидаҳои муҳофизат бо мақсади роҳ надодан ба паҳншавии сирояти ВНМО пешниҳод карда мешаванд” (б.17) [223].

Хабардор шудан тавассути азназаргузаронии тиббии дахлдор тасдиқ карда мешавад.

“Азназаргузаронии тиббӣ дар ташкилотҳои давлатии тандурустӣ, инчунин дар муассисаҳои хусусии тиббӣ, ки ба онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома дода шудааст, сурат мегирад” [2] (м.161 Кодекси тандурустии ҶТ).

Бо мақсади пешгирӣ намудани ВНМО бо қарори Ҳукумати ҶТ “Тартиби азназаргузаронии тиббӣ бо мақсади ошкор сохтани сирояти вируси норасоии масунияти одам, баҳисобгирӣ, муоинаи тиббии сироятшавӣ ба ВНМО ва муоинаи пешгирии онҳо” аз 1 апрели соли 2008, № 171 тасдиқ шудааст. Мутобиқи Қарори мазкур азназаргузаронии тиббӣ

барои ошкор намудани вируси норасоии масунияти одам мумкин аст ба таври ҳатмӣ ва ихтиёрӣ амалӣ гардад.

Дар ҳолатҳои зерин азназаргузаронӣ ба таврӣ ҳатмӣ анҷом дода мешавад:

– донорҳои хун, моеъҳои биологӣ, узвҳо ва бофтаҳо - ҳангоми ҳар дафъаи гирифтани маводи донорӣ;

– шахсоне, ки дорои аломатҳои ВНМО ё БПНМ, ё бемориҳои бо БПНМ иртиботдошта мебошанд;

– шахсони алоҳида аз рӯи нишондодҳои эпидемиологӣ ва дар вақти қабул шудан ба кор, инчунин ҳангоми гузаштан аз муоинаҳои давравии тиббӣ;

– ҳангоми ошкор кардани сирояти вируси норасоии масунияти одам дар кормандони ихтисосҳои алоҳида ва вазифаҳо ба кори дигар, ки хавфи интиқоли сирояти ВНМО-ро ба дигар шахсон надоранд.

Додани хулосаи расмӣ (маълумотнома) оид ба натиҷаҳои азназаргузаронии тиббӣ ба ошкор намудани вируси норасоии масунияти одам аз ҷониби марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и амалӣ мешавад" [218].

Вале ба андешаи мо, вобаста намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахс иловатан бо аломати огоҳии расмии ӯ чандон асоснок ба назар намерасад.

Дар қ. 2 м.125 КҶ ҶТ гуфта мешавад, ки шахс мубталои ин бемори будани худро медонист. Дар аксари маврид манбаи хабардор шудан дар бораи сироят – ин хулосаи тиббӣ мебошад, ки бар пояи натиҷаи ташхиси дахлдор дода мешавад. Аммо бояд эътироф кард, ки чунин ташхиси тиббӣ метавонад ғайрирасмӣ бошад ва шахси сироятёфта, ки масалан, дар бораи сирояти ВНМО огоҳӣ ёфтаасту намехоҳад ин маълумотро ошкор кунад, метавонад зиндагии муқаррариро идома диҳад ва дигаронро ба хатар гузорад.

Ба андешаи мо, шахсеро, ки расман огоҳ карда нашудааст, вале дорои дониши воқеӣ дар бораи сирояти худ ва манъи муқарраргардида аз рӯи

қонунгузорӣ мебошад, метавон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 125 КҶ ҶТ ҷалб кард. Вале барои дуруст баҳо додани кирдори ӯ тибқи қ. 2 ё 3 моддаи мазкур, лозим аст, ки хабардор будани ӯ дар бораи мавҷудияти манъ ё талаботҳои пешгирикунандаи муқарраршуда исбот гардад.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳаи тиб, вируси ВНМО пас аз ворид шудан ба организм хусусиятҳои махсуси худро дорад. Масалан, "антителаҳо дар аксарияти гирифторон (90-95%) баъди гузаштани се моҳ пас аз сироятёбӣ пайдо мешаванд, аммо дар баъзе ҳолатҳо ин раванд метавонад то як сол давом кунад" [62, с. 356].

Аз сабаби мавҷуд будани ин давраи гуногун, дақиқ муайян намудани замони сироятёбии шахс бидуни донистани манбаи сироят хеле мушкил ё қариб ғайриимкон мегардад. Дар чунин ҳолатҳо, агар шахсе мавҷудияти эҳтимолии ВНМО-ро дар организми худ танҳо тахмин кунад ва барои пешгирии сирояти дигарон чораҳои лозимиро амалӣ насозад, кирдори ӯ ҳамчун ҷинояти сироят кардани шахсони дигар бо ВНМО бандубаст карда намешавад.

**Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст:**

1. Субъекти ҷиноят тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси мукаллафи ба синни 16- солагӣ расида. Зеро дар диспозитсияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ қонунгузор, дар фарқият аз қ.2 моддаи мазкур ягон аломати иловагии тавсифдиҳандаи субъектро муқаррар накардааст.

2. Ба сифати субъекти ҷиноят тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ дар баробари шахси мубталои ВНМО шахсони зерин низ баромад карда метавонанд:

а) **кормандони тиббӣ** – табибон, ҳамшираҳои тиббӣ ва дигар мутахассисони муассисаҳои давлатии тандурустӣ, ки вазифаи онҳо аз хизматрасонии тиббӣ ё дигар намуди кумак ба шахсони мубталои ВНМО иборат мебошад. Ба вазифаҳои онҳо инчунин гузаронидани таҳқиқоти

илмӣ бо маводи сироятёфта ва истеҳсоли доруҳои биологӣ ё ташхисӣ низ дохил мешавад (м. 171 КТ ҶТ).

б) **мутахассисоне**, ки вазифаи онҳо бо истифода ва коркарди моеъҳои биологӣ, узвҳо ва бофтаҳои организми инсон алоқаманд мебошад, аз қабили кормандони косметология ва озмоишгоҳҳои тиббӣ.

в) **шахсони дигаре**, ки дар фаъолияти худ талаботи ҳатмии пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одамро риоя накарда, боиси сирояти дигарон мегарданд, масалан, роҳбарони муассисаҳои ислоҳӣ (колонияҳо) ва шахсони дигаре, ки ба ин масъала масъулияти мустақим доранд.

3. Субъекти ҷиноят тибқи қ. 2 ё қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллафе эътироф мешавад, ки ба синни 16-солагӣ расидааст ва мубталои ВНМО будани худро медонад.

4. Дар аксари маврид манбаи хабардор шудан дар бораи сироят - ин хулосаи тиббӣ мебошад, ки бар пояи натиҷаи ташхиси дахлдор дода мешавад. Аммо чунин ташхиси тиббӣ метавонад ғайрирасмӣ бошад. Бинобар ин, шахсеро, ки расман огоҳ карда нашудааст, вале дорои дониши воқеӣ дар бораи сирояти худ ва манъи муқаррааргардида аз рӯи қонунгузорӣ мебошад, метавон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 125 КҶ ҶТ ҷалб кард. Вале барои дуруст баҳо додани кирдори ӯ тибқи қ. 2 ё 3 моддаи мазкур, лозим аст, ки хабардор будани ӯ дар бораи мавҷудияти манъ ё талаботҳои пешгирикунандаи муқарраршуда исбот гардад.

**2.4. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам.**

Мувофиқи моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад” [1] Аз муқарароти моддаи мазкур чунин бармеояд, ки уҳдадории давлатро оид ба ҳифзи саломатӣ ва таъмини муҳити зисти солим пешбинӣ менамояд. Зеро ҳаёт ва саломатии инсон дар назди давлат арзиши олӣ маҳсуб меёбанд.

Саломатӣ неъмати олӣ ва ҷудонопазири ҳар инсон мебошад, ки бе он дигар неъматҳои зиндагӣ барои инсон аҳамияти худро гум мекунанд. Ҳар

кас бояд барои саломатии худ ғамхорӣ намояд. Ҳеҷ кас набояд ба саломати дигарон зарар расонад [35, с. 175].

Яке аз масъалаҳоие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии мо бояд таҳлил гарад, ин тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тарафи субъективии ҷиноят ҳамчун муносибати рӯҳии шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содирнамудааш, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят пешбинӣ шудааст [112, с. 417], ҳамчун сифати дохилии ҷиноят, ки ҷараёни рӯҳии (фикркунӣ, иродавӣ, эмотсионалӣ) субъекти ҷиноятро дар лаҳзаи содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷинояти манъ шуда, тавсиф диҳанда [116, с. 105], ҳамчун муносибати руҳӣ, субъективии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он, ки тавассути шакли мушаххаси гуноҳ, ангеза ва мақсад тавсиф мегарданд, муайян карда мешавад [95, с. 239].

Тарафи субъективии ҷиноят ин маҷмуи аломатҳои дохила (руҳӣ) мебошад, ки тарафи таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд.

Аҳаммияти тарафи субъективии ҷиноятро як қатор омилҳо муайян месозанд:

3. Тарафи субъективӣ барои асоснокнамоии гунаҳкоркунии субъективӣ хизмат менамоянд, ки он дар фарқият аз гунаҳкории объективӣ ҷавобгариро ҳангоми ҷой доштани гуноҳи субъект пешбинӣ мекунад.

4. Аломатҳои тарафи объективӣ ҳангоми бандубасти ҷиноят истифода гардида, барои фарқгузории кирдорҳои вобаста ба тарафи объективиашон монанд имконият медиҳад.

5. Аломатҳои субъективӣ ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят таъсир расонида, ҳангоми таъини ҷазо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба сифати аломатҳои дохила дар тарафи субъективии ҷиноят инҳо баромад мекунанд [115, с. 80]. гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷони субъект.

Гуноҳ ин муносибати руҳии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок содиркардааш ва оқибатҳои он мебошад, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода шудааст [59, с. 12].

Ангеза ва мақсад ҳамчун аломатҳои факултативӣ (иловагӣ)-и тарафи субъективии баромад намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ тавсиф дода мешавад.

Мавқеи махсусро дар тарафи субъективии ҷиноят ҳаяҷони субъект дар вақти содирнамоии кирдори ҷиноятӣ ишғол менамоянд. Қонунгузор ба таркиби ҷиноят танҳо он ҳаяҷонеро дохил менамоянд, ки онҳо ҳамчун аломати сабуккунанда баромад мекунанд. Ин ҳаяҷонҳо аз ҳолатҳои хароби руҳӣ (м. 106 КҶ) ё рафтори зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида (м. 106, 113 КҶ) ба вуҷуд меоянд [50, с. 133].

Дар ин ҷо мо ба масъалаи асосӣ тарафи субъективии ҷинояти сироят кардан бо ВНМО мегузарем. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд [61, с. 94].

Баъзе олимон (С.Д. Пинкертон, П.Р. Абрамсон, А.,Дж. Родгер, В. Камбиано ва ғ.) гуноҳро дар таркиби таҳти хавфи сироят гузоштан тавсиф намуда, ба он андешае ҳастанд, ки ҷинояти мазкур танҳо бо **қасди бевосита** содир карда мешавад. Зеро шахси мубталои ВНМО бо донистани он ки ӯ бояд қоидаҳои муайяни санитарию гигиениро риоя кунад, дидаву диниста ин қоидаҳоро вайрон мекунад ва дарк мекунад, ки бо ин ҷабрдидаро зери хатари сироят қарор медиҳад ва содир намудани чунин кирдорро мехоҳад [167, p. 1303], [220].

Дар ин асно, М.А. Горбатова низ пешниҳод дорад, ки шахси гунаҳгор хавфнокии ҷамъиятии кирдори худ, яъне он ҳолатеро, ки бо ҳаракат ё беҳаракатии худ шахси дигарро таҳти хавфи сироят бо ВНМО мегузорад, дарк менамояд. Дар робита ба ин, ӯ ногузирӣ ё имконияти ба вуҷуд омадани оқибати кирдори худро дар намуди вайрон кардани шароити бехатарии ҳаёт ва ё саломатӣ – ба вуҷуд овардани хавфи воқеии сирояткуниро пешбинӣ менамояд. Унсури иродавӣ дар хоҳиши шахси

гунаҳгор вобаста ба расонидани оқибати ба ҷамъият хавфнок, яъне талоши вайрон намудани шароити бехатари ҳаёт ва саломатӣ тавассути ба вуҷуд овардани хавфи сироят бо ВНМО тавсиф меёбад [182, с. 130-131]. Бинобар ба андешаи олим низ дар ин ҷиноят тарафи субъективӣ танҳо бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита ҷой дошта метавонад.

Дигар олимон андеша доранд, ки тарафи субъективии дидаву дониста таҳти хавфи сироят бо инфексияи ВНМО гузоштани шахс мумкин аст дар намуди **қасди бевосита, қасди бавосита ё худбоварӣ** тавсиф гардад [41, с. 699]. Ю.А.Красиков низ ҷонибдори он андеша ҳаст, ки тарафи субъективии дидаву дониста таҳти хавфи сироят бо инфексияи ВНМО гузоштани шахс бо қасди бавосита ё худбоварӣ тавсиф мегардад [44, с. 331].

Гурӯҳи дигари олимон тарафи субъективии дидаву дониста таҳти хавфи сироят бо инфексияи ВНМО гузоштани шахси дигарро бо гуноҳ дар намуди **қасди бевосита ё бавосита** [191, с. 43], тавассути **қасди бавосита** низ баҳогузорӣ менамояд [166, с. 47-49].

Ба андешаи мо, имконияти бо қасди бавосита ё аз беэҳтиётӣ тавсиф намудани қ.1 м.125 КҶ ҶТ қобили қабул намебошад. Зеро қасди бавосита дар ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ ҷой дошта метавонад, қ.1 м.125 КҶ ҶТ бошад дорои таркиби расмӣ мебошад, яъне ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани худи кирдоре, ки шахси дигарро зери хавфи сироят бо ВНМО мегузорад хотимаёфта ҳисоб мешавад, ки ҷой доштани қасди бавоситаро дар чунин маврид истисно месозад.

Ин ҷо боз нуқтаи назари дигар ҷой дорад, ки тибқи он таҳти хавфи сироят гузоштан пурра дар шакли қасд (ҳам бо қасди бевосита ва ҳам бавосита) содир шуда метавонад [177, с. 18], [131, с. 40-43], [144, с. 35-36]. Қасди бевосита талаб менамояд, ки “шахс барои ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатӣ)-и худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад” [3] (қ. 2 м.28 КҶ ҶТ).

Дар сурати қасди бавосита бошад, “шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат карда бошад” [3] (қ.3 м. 28 КҶ ҶТ).

Дар масалаи он ки қонунгузор ҳангоми муқаррар кардани таркиби таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан, истилоҳи «дидаю дониста»-ро истифода мебарад, қасд ҳамеша ҷой дорад. Субъекти ҷиноят, ки маъмулан мубталои ВНМО мебошад, бо вуҷуди доштани маълумот доир ба уҳдадории риоя кардани қоидаҳои зарурии санитарию гигиенӣ, дидаю дониста мамнуниятҳои муқарраршударо вайрон менамояд, дар ҳоле, ки медонад, ки бо чунин ҳаракатҳо ӯ ҷабрдидаро таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО қарор медиҳад ва содир намудани чунин ҳаракатҳоро мехоҳад.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ зикр шудааст, ки “тарафи субъективии ҷинояти дар қ.1 м.125 КҶ ҶТ муқарраршуда вобаста ба он ки таркиби ҷинояти мазкур расмӣ мебошад танҳо бо қасди бевосита тавсиф мегардад. Зеро дар таркибҳои расмӣ гунаҳгорӣ дар шакли қасди бавосита ва бепарвоии ҷинояткорона ҷой дошта наметавонад” [223]. Вале ҳангоми тавзеҳ додани қасди бевосита нисбати ҷиноятӣ қ.1 м.125 КҶ ҶТ Пленуми Суди Олӣ ба иштибоҳ роҳ дода, онро чунин муайян намудааст: “субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фарорасии он мебошад”. Чи тавре ба назар мерасад, аз як тарафа Пленуми Суди Олӣ таркиби ҷинояти мазкурро ба таври асоснок ҳамчун таркиби расмӣ муайян намудааст, вале дар тавзеҳи қасди бевосита нисбати ин ҷиноят ба муносибати руҳии шахс нисбат оқибат ишора намудааст, ки ин хоси таркибҳои моддӣ мебошад.

**Аз ин рӯ,  барои ислоҳи чунин ҳолат пешниҳод менамоем, ки б.18 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ бо мазмуни зайл муқаррар карда шавад: "субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад ва хоҳони содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад".**

Агар шахси гунаҳгор қасди сироят кардан бо ВНМО-ро дошта бошад, вале ин вирус бинобар ҳолатҳои аз ӯ вобастанабуда нагузарад, пас ҷавобгарӣ бояд на барои таҳти хавфи сироятёбӣ бо ВНМО гузоштан, балки барои суиқасд ба вуҷуд ояд, яъне қ.3 м.32 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ.

Ҳамин тавр, бо шуури шахс ду унсур фаро гирифта мешавад: якум, он ки ӯ гирифтори ВНМО мебошад ё ин ки БПНМ дорад ва дуюм, он ки на бо сабаби гирифтор ё бемор буданаш, балки танҳо дар робита ба содир намудани ҳаракатҳои аз тарафи мутахассисони тиб муайян ва манъгардида, хавфи сироят кардани дигар одамонро дорад.

Вобаста ба **тарафи субъективии қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ низ** дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаи ягона ҷой надорад.

Ба адешаи як гурӯҳ олимон гуноҳ дар таркиби ҷинояти қ.2 м. 122 КҶ ФР (қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ) танҳо **бо шакли беэҳтиётӣ** тавсиф мегардад. Онҳо баён медоранд, ки ҳангоми қасдан бо инфексияи ВНМО сироят намудани шахси дигар гунаҳгор бояд аз рӯйи м. 111 КҶ ФР (м. 110 КҶ ҶТ) ҷавобгар карда шавад [25, с. 64].

Тибқи андешаи дигари олимон ҷиноятҳои Сироят кардан бо ВНМО дар шакли **қасд (қасди бевосита ё бавосита) ва беэҳтиётӣ (дар шакли худбоварӣ)** содир карда мешавад [43, с. 270], [46, с. 610].

Масалан, А.Н. Бурдинская чунин баён медорад, ки "комилан мантиқӣ мебошад, ки сироят кардани шахси дигар бо ВНМО аз ҷониби шахсе, ки ба ин беморӣ гирифтор будани худро медонад, метавонад ҳам бо қасди бевосита ё ин ки бавосита ва ҳам дар натиҷаи худбоварӣ содир карда шавад.

Кирдор дар он ҳолат бо қасди бевосита содир мешавад, агар шахси гунаҳгор гирифтории худро бо ВНМО донад, эҳтимолият ё ногузирии сирояти ҷабрдидаро бо ин беморӣ пешбинӣ намояд ва хоҳони ба вуҷуд омадани ин оқибатҳо бошад.

Қасди бавосита бошад, дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар шахси гунаҳгор гирифтории худро бо ВНМО донад, эҳтимолияти сироят кардани шахси дигарро пешбинӣ намояд, ба вуҷуд омадани ин оқибатро нахоҳад, вале дидаву дониста ба сироятёбӣ роҳ дода бошад ё ин ки нисбати он бетафовут муносибат карда бошад.

Ҷинояти мазкур аз рӯйи беэҳтиётӣ дар шакли худбоварӣ содир мешавад, агар шахси гунаҳгор гирифтории худро бо ВНМО дарк кунад, эҳтимолияти сироят кардани шахси дигарро пешбинӣ намояд, аммо бе асосҳои ба он кофӣ, худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад (масалан, ҳангоми истифодаи воситаҳои ҳимоявӣ)” [173, с. 111-112].

Тарафи субъективии ҷинояти сироят кардан бо ВНМО метавонад ҳам бо шакли гуноҳи қасдона ва ҳам бо шакли гуноҳи беэҳтиётӣ ифода гардад. Ҳамзамон, бо дарназардошти сохтори таркиби ҷиноят, имконияти вуҷуд доштани ҳам қасди бевосита ва ҳам қасди бавосита пешбинӣ мешавад.

Бо дарназардошти хусусияти кирдори барои ҷамъият хавфнок ва зарурати ҳатмии огоҳӣ ё худ донистани шахс дар бораи сирояти худ ба ВНМО, метавон ба хулоса омад, ки содир кардани ин ҷиноят танҳо дар шакли беэҳтиётии намуди худбоварона имконпазир аст. Дар чунин ҳолат, шахс эҳтимолияти сирояти шахси дигарро дар натиҷаи кирдори худ пешбинӣ менамояд, аммо бо худбоварии беасос ба пешгирии оқибати манфӣ умед мебандад [122, с. 118].

Намунаи маъмул ин аст, ки субъект, ки огоҳ аст аз гирифтории худ ба ВНМО, дар ҷараёни алоқаи ҷинсӣ ё тамоси дигар аз чораҳои муҳофизатӣ (масалан, рифола) истифода мекунад, аммо бо сабаби истифодаи нодуруст

ё пастсифат будани воситаи муҳофизатӣ сироят намудани шахси дигар ба вуқуъ мепайвандад.

Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти таркиби ҷиноят ва талаботи муқарраркардаи қонунгузор, содир шудани ин ҷиноят дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ истисно карда мешавад. Қонунгузор бевосита қайд мекунад, ки субъекти ҷиноят бояд баръало донад, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам мебошад, ки ин ҳолат имкон намедиҳад, ки кирдори шахс ҳамчун беэҳтиётии оддӣ, ки ба сабаби надонистани ҳолатҳои ба ҷамъият хавфнок содир мегардад, баҳогузорӣ карда шавад [134, с. 53].

Ақидае низ иброз мешавад, мутобиқи он дар ҳолате ки субъекти ҷинояти мазкур шахси мубталои ВНМО мебошад, гуноҳи ӯ метавонад танҳо дар шакли **қасди бавосита ё беэҳтиётии худбоварона** зуҳур намояд. Ин ба он сабаб аст, ки диспозитсияи моддаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, ки шахсони гирифтор ба бемории хавфнок бояд ҳатман дар бораи гирифтории худ огоҳ бошанд ва огоҳона ба фарорасии оқибатҳои манфӣ роҳ додаанд ё худбоварона ба пешгирии онҳо умед бастаанд [144, с. 36].

Масалан, тибқи ҳукми суди н.Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 7 июни соли 2017, шаҳрванд А. дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ - бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, гунаҳгор дониста шуд [230].

Тавре аз баррасии парванда маълум гардид, маҳкумшуда, бо вуҷуди мубталои ВНМО будани худро медонист, пас аз шиносоӣ бо шаҳрванд Б. дар моҳи августи соли 2014 бо ӯ якҷоя дар никоҳи бақайдгирифташуда зиндагонӣ карда, дар давраи аз моҳи августи соли 2014 то моҳи феврали соли 2016 ӯро бо ВНМО сироят кардааст. Дар ҳукм муқаррар шудааст, ки ин ҷиноят аз тарафи шаҳрванд А. дар натиҷаи худбоварии ҷиноятӣ содир гардидааст.

Гуноҳи худро эътироф накарда, шаҳрванд А. ба суди зинаи кассатсионӣ – суди ш.Душанбе шикоят кард ва дар шикоят қайд намуд, ки

хулосабарории суди зинаи якум ба ҳолатҳои воқеии кор мувофиқат намекунанд. Тибқи суханони ӯ ҳолати кор чунин аст. Дар соли 2015 ҳангоми табобати бемории «бронхити астма» хуни ӯ барои ташхиси мавҷудияти ВНМО бе розигии ӯ ва бидуни мавҷуд будани нишондиҳандаҳои тиббӣ гирифта шудааст. Ба ӯ ягон кас ҳуҷҷати расмӣ дар хусуси мавҷудияти ВНМО дар организмаш пешниҳод накардааст. Шаҳрванд А. бо ҷабрдида муносибатҳои хуби оилавӣ дошта, дар давраи ҳамзистӣ ва никоҳ дар хусуси мавҷудияти ВНМО дар организмаш намедонистааст ва қасди сироят кардан бо ин бемориро надоштааст. Танҳо моҳи декабри соли 2016 ӯ ба яке аз марказҳои ташхиси шаҳри Душанбе муроҷиат кардааст ва натиҷаҳои мусбии ташхисро дастрас намудааст. Аз ин лаҳза, ӯ дар хусуси мавҷудияти ВНМО дар организми худ хабардор шудааст. Шаҳрванд А. хоҳиш намуд, ки ҳукм бекор ва парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шавад [226].

Аммо коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди шаҳрӣ ҳукми суди зинаи якумро бе тағйир ва шикояти кассатсионии шаҳрванд А.-ро беқонеъ боқӣ гузошт, чунки таҳлили далелҳои таҳқиқнамудаи суд дар маҷмуъ бо ҳолатҳои воқеӣ дар хусуси дурустии хулосаи он вобаста ба гунаҳгории шаҳрванд А. шаҳодат медиҳанд.

Чунончи, аз нишондоди кормандони тиб, шоҳидони шаҳрванд А., ҷабрдида ва ҳуҷҷатҳои тиббӣ бармеояд, ки маҳкумшуда дар хусуси мубталои ВНМО буданашро аз моҳи декабри соли 2014 медонист. Дар робита ба ин, далелҳои дар аризаи кассатсионии маҳкумшуда оид ба бегуноҳии ӯ овардашуда беасос мебошанд. Ваҷҳи овардаи маҳкумшуда дар хусуси бидуни розигии ӯ гузаронида шудани ташхиси хун барои муайян кардани ВНМО, дурустии хулосабарории судро вобаста ба ҳолатҳои воқеии ҷиноят ва гунаҳгории А. дар содир намудани он зери шубҳа қарор намедиҳад. Ҳолатҳои воқеии ҷиноят бо дарназардошти таҳқиқи

ҳаматарафаи далелҳои ҷамъовардашуда ва кофӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Ҳамин тавр, суди зинаи кассатсионӣ хулосаи суди зинаи якумро дар хусуси содиршавии ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ дар натиҷаи худбоварӣ дуруст эътироф намуд [232].

Дар ҳолате ки субъекти содиркунандаи ин кирдор баён медорада М. Малеина “шахси бо ВНМО сироятёфта мебошад, гунаҳгории ӯ метавонад танҳо дар шакли қасди бавосита ё худбоварӣ зоҳир гардад. Ин ҳолат бо он шарҳ дода мешавад, ки диспозитсияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ аз фарзияе бармеояд, ки чунин шахсон аз вуҷуд доштани бемории хавфноки сироятӣ дар худ огоҳанд ва ё бошуурона имконпазирии паёмадҳои зарароварро роҳ медиҳанд, ё бе асоси кофӣ ба пешгирии онҳо умед мебанданд” [144, с. 36].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон иброз медоранд, ки сироят бо ВНМО чунин шакли гуноҳ, ба **монанди беэҳтиётиро** пешбинӣ намекунад. Ба монанди гурӯҳи якум, онҳо қайд менамоянд, ки агар қасди бевоситаи сироят бо бемории барои ҳаёт хавфнок ҷой дошта бошад, вале ба саломатӣ зараре расонида шавад, ки барои ҳаёт хавфнок намебошад, вале оқибатҳои вазнин дорад, пас чунин кирдорҳо бояд ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110 КҶ ҶТ) банду баст карда шаванд [121, с. 94].

Агар мо ин мулоҳизаро ба роҳбарӣ гирем, мо бояд мисоли зеринро аз таҷрибаи тафтишотию судӣ ҳамчун нодуруст бандубастгардида эътироф кунем, гарчанде ба андешаи мо, дар ин ҳолат суд ҳеҷ камбудие дар бандубаст роҳ надодааст.

Моҳи июни соли 2022 сокини н. Шоҳмансури ш. Душанбе – шаҳрванд Г. бо зани 26-солаи ҳамин шаҳр – шаҳрванд Д., ки модари ду кӯдаки ноболиғ мебошад, шиносоӣ пайдо мекунад ва бо вуҷуди он ки шаҳрванд Г. дар хусуси мубталои ВНМО буданашро медонист, бо ин зан алоқаи ҷинсӣ карда, ӯро қасдан бо ин беморӣ сироят мекунад. Дар хусуси ҳолати сироятёбӣ бо ВНМО ҷабрдида моҳи декабри соли 2023 огоҳ мегардад,

вақте ки ӯ дар яке аз марказҳои ташхиси шаҳр хун месупорад. Дар рафти ҳаракатҳои тафтишӣ муайян карда шуд, ки шаҳрванд Г. соли 2014 оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бо ВНМО сироят кардани шахсони дигар огоҳонида шудааст. Он замон ин мард дар қайди махсус қарор дошта, ба ӯ тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ фаҳмонда шуда будааст. Аммо шаҳрванд Г. дар соли 2013 аз гузаштани ҳама намуди муоина ва табобат саркашӣ кардааст. Суд шаҳрванд Г.-ро тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, нисбати ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол бо адои ҷазо дар коллонияи ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин кард [242].

Андешаи гурӯҳи дигари муҳаққиқон вобаста ба муайян кардани гуноҳ дар таркиби сироят кардан бо ВНМО (ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ) дар он ифода меёбад, ки сироят бо ВНМО **танҳо қасдан** содир шуда метавонад [77, с. 153].

Дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ бештар ҷинояти мазкур тавассути шакли гуноҳи қасдона содир мешавад.

Чунончи, бо ҳукми суди н.Фирдавсии ш.Душанбе шаҳрванд Т. дар соли 2021 тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол бо адои ҷазо дар колонияи дорои низоми умумӣ маҳкум шуда буд [241]. Сироятёбии ҷабрдида бо ВНМО дар натиҷаи он ба амал омад, ки шаҳрванд Т., ки муҳлати дароз дар қайди духтури сироятӣ бо бемории ВНМО қарор дошт, нисбати чораҳои бехатарӣ беэътиноӣ зоҳир карда, бо ошиқаш ҳамхобагӣ намуд ва дар натиҷа ӯро бо ин беморӣ гирифтор сохт. Аз маводҳои парвандаи ҷиноятӣ маълум гардид, ки шаҳрванд Т. дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахсони дигар ба ин беморӣ огоҳонида шудааст ва дар ин бора забонхати ӯ гувоҳӣ медиҳад. Маҳз бинобар ҳамин сабаб прокурор дар таъин кардани ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ истидагарӣ кард ва суд низ бо далелҳои овардаи ӯ мувофиқ буд.

Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон дод, ки дар бештари ҳолатҳо сироят бо ВНМО дар натиҷаи беэътиноии шахси гунаҳгор ба амал меояд, вақте ки ӯ мубталои ин вирус будани худро пинҳон намуда, оқибатҳои чунин рафтори худро дуруст баҳо намедиҳад. Мисоли равшани ин гуфтаҳо, дар ҳолати зерин ифода меёбад.

Моҳи июли соли 2021 дар н. Синои шаҳри Душанбе муҳокимаи судӣ нисбати домоде, ки арусро бо ВНМО сироят карда буд, баргузор гардид. Аз ҳолатҳои воқеии парванда маълум гардид, ки мард тули шаш моҳ бо духтар муносибат дошта, дар ин муддат ӯро аз ин бемории худ хабар надодааст. Дар ҳоле, ки ба худи ӯ бемориаш ҳанӯз дар соли 2017 маълум гардидааст. Ғайр аз он, ӯро барои ҳимояи ҳамсари худ аз ин беморӣ ягон чора наандешидааст. Дар хусуси бемории домод духтар аз модари ӯ дарак ёфтааст. Сипас, баъд аз гузаштан аз ташхиси зарурӣ духтар огаҳ шудааст, ки алакай ба ВНМО сироят ёфтааст. Мард бошад, барои сафед кардани худ, қайд намуд, ки аз ин бемориаш фаромӯш кардааст. Дар баробари ин, шахси гунаҳгор қаблан дар хусуси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан сироят кардани шахси дигар ба таври хаттӣ огоҳонида шуда будааст. Ин мард тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ айбдор дониста шуд [234].

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур тавассути гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётии худбоварона ифода меёбад.

Қасд метавонад ҳам бевосита ва ҳам бавосита бошад ва тавассути омилҳои зеҳнӣ ва иродавӣ муайян карда мешавад. Аз ҷиҳати зеҳнӣ, дар ҳарду намуди қасд шахс дарк менамояд, ки кирдори содирнамудаи ӯ барои ҷомеа, махсусан барои саломатии шахси дигар, хавфи ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар ҳолати қасди бевосита, шахс огоҳона фаро расидани оқибати хавфнок – сироят шудани шахси дигар бо ВНМО-ро пешбинӣ намуда, ин оқибатро мехоҳад. Баръакс, дар қасди бавосита шахс эҳтимоли рух додани чунин оқибатро пешбинӣ мекунад, аммо бо вуҷуди ин, ба он бетафовутона муносибат менамояд ё дидаву дониста ба он роҳ медиҳад.

Аз ҷиҳати иродавӣ, қасди бевосита ва бавосита бо хоҳиши шахс нисбат ба оқибат аз ҳам фарқ мекунанд: дар қасди бевосита шахс иродаи фаро расидани оқибати хафнокро дорад, дар ҳоле ки дар қасди бавосита, шахс бо вуҷуди пешбинӣ кардани оқибат, иродаи воқеии ба амал овардани онро надорад, вале ба рух додани он роҳ медиҳад.

Аз ҷиҳати зеҳнӣ, беэҳтиётии худбоварона бо қасди бавосита шабоҳати назаррас дорад: шахс имконияти фаро расидани оқибати зарароварро пешбинӣ менамояд. Аммо фарқи онҳо аз ҷиҳати иродавӣ ошкор мегардад: дар беэҳтиётии худбоварона шахс бо худбоварӣ ва беасоси кофӣ бар он ақида аст, ки метавонад аз рух додани оқибати номатлуб ҷилавгирӣ кунад.

Мисоли маъмулӣ чунин аст: шахсе, ки медонад мубталои ВНМО мебошад, дар ҷараёни алоқаи ҷинсӣ истифодаи рифоларо ба ҳадафи муҳофизат пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, бе асоси кофӣ бовар мекунад, ки истифодаи рифола сироятро пурра пешгирӣ мекунад. Дар натиҷаи истифодаи нодуруст ё сифати пасти рифола (масалан, кафидан ё берун рафтани он), шахси дигар сироят мегардад [111, с. 140].

Ҳамин тавр, ҳам қасди бавосита ва ҳам беэҳтиётии худбоварона бо пешбинии эҳтимолияти оқибати зараровар алоқаманд буда, вале аз ҷиҳати муносибати иродавӣ ба рух додани он фарқ мекунанд.

Масалан, шаҳрванд Ф.Ҳ. ҳамчун шахси мубталои ВНМО дар қайди Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО ба табобати зиддиретровирусӣ гирифта шудааст. Номбурда оид ба имконияти фаро расидани ҷавобгарӣ тибқи м.125 КҶ ҶТ огоҳ карда шуда, ба варақи огоҳӣ имзо гузоштааст. Вале ба ин нигоҳ накарда, бе истифодаи рифола бо шаҳрванд Н.А. алоқаи ҷинсӣ кардааст, ки дар натиҷа охирон ба бемории ВНМО сироят ёфтааст. Шаҳрванд Ф.Ҳ. дар рафти мурофиаи судӣ баён доштааст, ки яквақт ӯ аз санҷиш гузаштааст ва дар вай асари бемори дарёфт нашудааст ва бо ҳамин сабаб дигар доруворихоро истеъмол накардааст. Вируси ӯ паст буда, ба сифр баробар шудааст, дар сурати бо рифола алоқаи ҷинсӣ кардан бемории ӯ ба дигар нафар намегузаштааст.

Суд шаҳрванд Ф.Ҳ.-ро дар содир намудани ҷиноят бо қ.2 м.125 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати ду сол таъин намудааст[222].

Дар мисоли зикршуда гунаҳгор ба назар мерасад, ки гунаҳгор бо қасди бавосита амал намуда, хоҳони фаро расидани оқибат набуда, вале дидаву дониста ба он роҳ додааст.

Таҳлили тарафи субъективии ҷинояти вобаста ба сироят намудани дигарон бо ВНМО дар шароити муосири ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Муайян намудани шаклҳои гуноҳ ва хусусиятҳои онҳо барои тафсири дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи одилонаи онҳо дар амалия зарур аст. Мавқеи шахс нисбат ба кирдори худ ва оқибатҳои он, ки тавассути омилҳои зеҳнӣ ва иродавӣ муайян карда мешавад, асоси таркиби субъективии ин ҷиноятро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти таҳлили анҷомдода, метавон хулоса кард, ки тарафи субъективии ҷинояти сироят намудани дигарон бо ВНМО метавонад ҳам бо шакли қасд ва ҳам бо шакли беэҳтиётии худбоварона зуҳур кунад. Қасди бевосита дар баробари ирода ва хоҳиши шахс нисбат ба оқибати зараровар ифода меёбад, дар ҳоле ки қасди бавосита ва беэҳтиётии худбоварона танҳо бо пешбинӣ кардани эҳтимолияти оқибат ва муносибати бетафовут ё худбоварона фарқ мекунанд. Муайян намудани дурустии шакли гуноҳ дар ҳар ҳолати мушаххас барои таъмини адолати судӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи назария ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дар самти муайянсозии омилҳои субъективии ҷиноятҳои вобаста ба сироят бо ВНМО, махсусан дар робита ба беэҳтиётии худбоварона, зарур мебошад.

Паҳлуи дигар масъалаи баррасишаванда, яъне тарафи субъективии ин **ҷиноятҳо ин мақсад ва ангезаи** ҷиноят мебошад.

Мақсад ва ангезаи ҷиноят аз тарафи қонунгузор дар м. 125 КҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст, бинобар ин, онҳо ба бандубасти кирдор таъсир

намерасонанд ва танҳо ҳангоми тавсифи шахсияти гунаҳгор ва таъини ҷазо ба инобат гирифта шуда метавонанд.

Дар ҷамъбасти зербоби мазкур ба хулосаи ниҳоӣ омадан мумкин аст:

1) Бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятии ҶТ тарафи субъективии таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштанро танҳо гуноҳ дар шакли қасдона тавсиф карда мешавад, чунки қонунгузор дар диспозитсияи модда ба чунин аломат, ба монанди «дидаю дониста» ишора намудааст. Ғайр аз ин ҷинояти қ.1 м.125 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ мебошад, ки ин ҷой доштани шакл ё намуди дигари гуноҳро ба ғайр аз қасди бевосита истисно месозад.

2) Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қ. 2 м.125 КҶ ҶТ тавассути гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётии худбоварона ифода меёбад. Қасд метавонад ҳам бевосита ва ҳам бавосита бошад. Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти таркиби ҷиноят ва талаботи муқарраркардаи қонунгузор, содир шудани ин ҷиноят дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ истисно карда мешавад. Қонунгузор мустақиман таъкид менамояд, ки субъекти ҷиноят бояд ба таври равшан аз гирифтор буданаш ба ВНМО огоҳ бошад. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки кирдори содиршуда ҳамчун беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ арзёбӣ гардад, зеро бепарвоӣ танҳо дар ҳолати надонистани шахс дар бораи хусусияти ба ҷамъият хавфноки кирдор имконпазир мебошад.

3) Ҳангоми тавзеҳ додани қасди бевосита нисбати ҷиноятӣ қ.1 м.125 КҶ ҶТ Пленуми Суди Олӣ ба таври асоснок таркиби ҷинояти мазкурро ҳамчун таркиби расмӣ муайян намудааст, вале дар тавзеҳи қасди бевосита нисбати ин ҷиноят ба иштибоҳ роҳ дода ба муносибати руҳии шахс нисбати оқибат ишора намудааст, ки ин хоси таркибҳои моддӣ мебошад.

**Аз ин рӯ, бароиислоҳи чунин ҳолат пешниҳод менамоем, ки б.18 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам" аз 26 декабри соли 2023 №2 бо мазмуни зайл муқаррар карда шавад: "субъект дарк мекунад, ки бо ҳаракатҳои қасдонаи худ ӯ**

**шахси дигарро таҳти хавфи сирояти ВНМО мегузорад ва хоҳони содир намудани чунин ҳаракатҳо мебошад”.**

# БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ БАНДУБАСТИ ҶИНОЯТИ СИРОЯТ КАРДАН БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ

## 3.1. Аломатҳои вазнинкунандаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам

Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 дар раванди тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои содиршуда фаъолона аз аломатҳои вазнинкунанда, махсусан вазнинкунанда ва сабуккунанда истифода мебарад. Дар муқоиса бо КҶ ҶТ соли 1961 шумораи чунин ҳолатҳо афзудааст, танзими қонунгузории онҳо мукаммалтар гардида, заминаи иҷтимоии онҳо ба назар гирифта шудааст.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршударо нишон медиҳад ва мувофиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, яке аз асосҳои гурӯҳбандии таркиби ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Ба андешаи А.В. Наумов, меъёри асосии гурӯҳбандии таркибҳои ҷиноятҳо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва намуди ҷазо ва андозаи он, ки дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, мебошад [63, с. 296].

Вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин намудҳои таркибҳои ҷиноятҳо ҷудо карда мешаванд:

**Таркиби асосии ҷиноят** маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективие мебошад, ки дар ҳамаи ҳолатҳои содир намудани ҷинояти мазкур вуҷуд доранд, аммо ҳеҷ гуна нишонаҳои иловагӣ, ба монанди ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро дар бар намегирад.

**Таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои сабуккунанда** чунин таркибҳоеро дар бар мегирад, ки ғайр аз аломатҳои таркиби асосии ҷиноят боз дорои аломатҳои иловагие мебошанд, ки бо дарназардошти онҳо қонунгузор дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршударо камтар меҳисобад ва барои он ҷазои нисбатан сабуктарро пешбинӣ мекунад.

Дар таркибҳои ҷиноят **бо ҳолатҳои вазнинкунанда** ва махсусан вазнинкунанда, ғайр аз аломатҳои таркиби асосии ҷиноят, инчунин нишонаҳои иловагӣ, яъне ҳолатҳои вазнинкунанда ё махсусан вазнинкунанда ҷой доранд, ки боиси баланд шудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ин таркиби ҷиноят мегарданд [67, с. 85].

Таркиби вазнинкунандаи ҷиноят аз таркиби асосӣ фарқ дошта, бо аломатҳое пурра карда мешавад, ки хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро баланд мебардоранд. Таркиби махсусан вазнинкунанда дараҷаи боз ҳам баланди хавфнокии ҷамъиятиро дар муқоиса бо таркиби асосӣ ё вазнинкунанда ифода мекунад, ки дар навбати худ дар пурзӯр намуди ҷазо ва андозаи он дар муқоиса бо санксияи маъмулии модда инъикос мегардад. Чунин тарзи муносибат дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ умумпазир буда, бо тағйироти начандон назаррас аз ҷониби аксари олимон дастгирӣ ёфтааст [63, с. 297], [145, с. 47-49], [143, с. 44-48].

А.А. Наумов дар тадқиқотҳои худ се намуди таркиби ҷиноятро ҷудо менамояд, ки дар ин таснифот таркиби оддиро ҳамчун асосӣ номида, таркибҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаро зери мафҳуми умумӣ якҷоя карда, зернамудҳои онҳоро қайд мекунад. Намуди сеюм бошад, ба ақидаи ӯ, таркиби ҷиноят бо ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [63, с. 297]. Ю. Ляпунов ва Л.Л. Родина дар ин замина пешниҳодҳои худро ворид намуда, истилоҳи таркиби асосиро ҳамчун «бунёдӣ» истифода мекунанд [148, с. 44-48]. Дар навбати худ, Ю.А. Кучер таркибҳои ҷиноятро вобаста ба дараҷаи умумияти аломатҳо гурӯҳбандӣ карда, таркиби асосиро «мушаххас» ном мебарад [141, с. 16-21]. Дар баробари ин, Ю.А. Кучер таркибҳои вазнинкунанда, махсусан вазнинкунанда ва имтиёзнокро алоҳида ҷудо накарда, зоҳиран онҳоро дар доираи таркиби мушаххас баррасӣ мекунад.

Андешаҳои зикршуда дорои арзиши муайяни илмӣ мебошанд, зеро ба ташаккули фаҳмиши амиқтари таркиби оддии ҷиноят, ки танҳо дорои

аломатҳои асосӣ буда, аз ҳолатҳои иловагие, ки ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, холӣ мебошад, мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, мафҳуми «таркиби асосӣ» мувофиқтар ба назар мерасад, зеро ба таври равшан хусусияти асосӣ ва набудани ҳолатҳои махсус, ба мисли ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаро нишон медиҳад.

Мавқеи ҷолибро дар ин масъала Ю. Ляпунов ва Л.Л. Родина ишғол мекунанд, ки истилоҳи «ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ»-ро истифода намуда, дақиқ менамоянд, ки сухан маҳз дар бораи вазнинии ҷавобгарӣ меравад, на ба таври оддӣ дар бораи ҳолатҳои вазнинкунанда [143, с. 45]. Чунин тарзи муносибатро метавон пешрафта арзёбӣ кард, зеро он таъсири ҳолатҳои мушаххасро ба дараҷаи ҷазопазирии кирдор таъкид мекунад. Дар чорчӯби қонунгузории ҷиноятии амалкунанда маҳз истилоҳи «вазнинӣ», на «бандубастшаванда» муносибтар ба назар мерасад, ки ин бо таснифи ҷиноятҳо, асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асосҳои умумии таъини ҷазо алоқаманд аст.

Бо дарназардошти робитаи ногусастании мафҳумҳои «ҷиноят» ва «таркиби ҷиноят», истифодаи истилоҳоти ягона ё ҳадди ақал ҳаммаъно барои тавсифи онҳо мақсаднок ба назар мерасад. Истилоҳи «вазнинкунии ҷавобгарӣ» муваффақ аст, зеро новобаста аз модда ё қисми моддае, ки кирдори содиршуда мувофиқи он бандубаст мешавад, ҳамеша сухан аз дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ меравад, ки вобаста ба ҳолатҳои мушаххас метавонад баланд ё паст гардад.

Чунин тарзи муносибат пурра бо муқаррароти моддаҳои 61 ва 62 КҶ, ки ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро танзим менамоянд, мувофиқат дошта, асоси қонунгузории худро дар раванди татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ пайдо мекунад.

Ба андешаи мо дар м.125 КҶ ҶТ қонунгузор ду таркиби мустақили ҷиноятро мустаҳкам намудааст (қ.1 м.125 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ). Дар баробари таркиби мустақили ҷиноят дар қ.2 м.125 КҶ ҶТ қонунгузор таркиби вазнинкунандаи онро дар қ.3 моддаи мазкур бо роҳи илова

намудани аломатҳои иловагӣ ва муқаррар намудани ҷазои нисбатан вазнинтар дар муқоиса бо санксияи қ.2 м.125 КҶ ҶТ созмон додааст.

**Аломатҳои вазнинкунандаи қ.3 м.125 КҶ ҶТ бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист муқаррар шудааст, яъне содир намудани чунин кирдор:**

**а) нисбати ду ё зиёда шахсон;**

**б) нисбати шахси баръало ноболиғ.**

Дар ҳама гуна ҳолат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои мазкур вобаста ба шумораи ҷабрдидагон (ду ё зиёда шахсон) ё синну соли шахси сироятёфта зиёд мегардад.

Таҳлили чунин ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба монанди сироят кардани ду ё зиёда шахсон, бо мавҷудияти на камтар аз ду ҷабрдида тавсиф мегардад, ки саломатии онҳо воқеан зарар дидааст ва онҳоро метавон ҳамчун шахсони сироятшуда эътироф кард. Қонун дар мавриди ҷинси чунин шахсон ё дигар аломатҳои маҳдудкунанда ягон маҳдудияте пешбинӣ накардааст, зеро муҳим нест, ки сироятшавии шахсон якҷинса ё гуногунҷинса сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, бо дарназардошти он, ки ҳолати махсусан вазнинкунандаи минбаъда ба шахси ноболиғ дахл дорад, метавон эътироф намуд, ки ҳолати баррасишаванда метавонад ба ду ё зиёда шахсони ба синни балоғатрасидаи ҳарду ҷинс мансуб бошад. Ба ибораи дигар, сироят кардани ду ё зиёда шахс аз лаҳзае ҷинояти анҷомёфта ҳисоб мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи болиғ ВНМО ошкор мегардад.

Дар ҳолате, ки ҷабрдидагон ду ё зиёда шахсони ноболиғ бошанд ё яке аз ду ҷабрдида ноболиғ бошад, кирдори гунаҳгор бо мавҷудияти ду ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф мегардад, ки ин боиси боз ҳам зиёдтар шудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ва оқибатҳои он мегардад. Дар санадҳои тафтишотию судӣ ҳатман бояд ба ин ҳолатҳо ишора карда шавад. Ҳамчунин, бояд ҳолатҳоеро ба ин тарз

бандубаст намуд, ки дар байни ду шахси сироятшуда як нафар ноболиғ ва дигаре шахси ба синни балоғатрасида бошад.

Ҳангоми баррасии мушкилоти сироят намудани ду ё зиёда шахс ё шахси ноболиғ бо вируси норасоии масунияти одам, наметавон ҳолатҳои дар амалия нисбатан паҳншударо нодида гирифт, ки сироятшавӣ дар доираи муносибатҳои оилавӣ ё муносибатҳои воқеан ташаккулёфта сурат мегирад. Яъне сухан дар бораи ҳолатҳое меравад, ки шахси сироятёфтаи ҷинси мард дар ақди никоҳ буда, мавҷудияти сирояти ВНМО-ро аз зан ё ҳамзисти худ пинҳон медорад, ё ҳатто зарурати пинҳон карданро намебинад ва ба тарзи ошкоро ӯро дар ин бора огоҳ месозад.

Аммо новобаста аз тадбирҳои пешгирикунанда, сироятёбии зан дар амал рух медиҳад ва баъдан кӯдаки сироятшуда низ таваллуд мешавад. Дар ин ҳолат саволи мантиқӣ ба миён меояд: оё дар чунин мавридҳо метавон сухан дар бораи сирояти ду ё зиёда шахс, аз ҷумла шахси ноболиғ равад?

Ба андешаи мо, таваллуд шудани кӯдаки сироятшуда берун аз доираи таркиби ҷинояти мазкур қарор дошта, тибқи қ. 3 м. 125 КҶ бандубаст шуда наметавонад, зеро дар ҳар сурат бордоршавӣ ва таваллуди кӯдак мустақиман натиҷаи дар хатар гузоштани шахс ба сироятшавӣ ба ҳисоб намеравад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии марбут ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам” тавзеҳ дода шудааст, ки “Фосилаи байни лаҳзаҳои сироят намудани ҷабрдидаҳо барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки барои лаҳзаи ҷинояти қаблӣ шахс бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, ё ин ки парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида бошад ва ё муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидангузашта бошад, инчунин бо қонун сазовори ҷазо будани кирдореро, ки шахс қаблан содир намудааст, бартараф шуда бошад. Бояд онро ба инобат гирифт, ки аз сабаби он ки ВНМО табобатнашаванда мебошад, бинобар ин такроран

сироят намудани ҳамон як ҷабрдида барои бандубаст намудани чунин ҳаракатҳо бо аломати нисбати ду ё зиёда шахсонасос шуда наметавонад” (б.14) [223].

Дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, ба он муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи содир кардани ҷиноят, ҷабрдидаи он якчанд шахс баромад мекунад.

Агар  як ҷабрдида зери хавфи сироят бо ВНМО гузошта шуда бошад ва дуюм нафар бо ВНМО сироят гардад кирдор аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо яъне қ.1 м.125 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад [45, с. 83].

Дар чунин ҳолат аён аст, ки қонунгузорро рафтори устувори ғайриахлоқии шахси сироятёфта ва қасди пешакӣ ва ё ногаҳон ва вуҷуд омадаи ӯ, барои сироят кардани шумораи зиёди шахсон, нигарон менамояд.

Вобаста ба ин аломати мазкур ба сифати аломати вазнинкунанда дар б. “а” қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст.

Сироят ёфтани ду ва зиёда шахсон ба бемории баррасишаванда, одатан чунин руҳ медиҳад: шахсе, ки ба ВНМО гирифтор аст, ҳаёти ҷинсии бадахлоқонаро пеш мебарад ва ё сироят ёфтан бо роҳи аз ҷониби гурӯҳи нашъамандон аз як сӯзандорӯ истифода бурдан сурат мегирад.

Сирояти воқеии ду ё зиёда шахс бо ВНМО дар ҳолате ҷой дорад, ки он натиҷаи як кирдори мушаххас буда, дар маҷмуъ таркиби як ҷиноятро ташкил медиҳад. Масалан, дар ҳолати истеъмоли гурӯҳии моводи нашъаовар, шахсе, ки медонад, ки ӯ дорандаи вируси ВНМО аст, сӯзандору ё дигар воситаҳои сироятёфтаро барои истифодаи дигар иштирокчиён пешниҳод мекунад.

Ҳангоми муайян намудани аломати вазнинкунанда дар намуди сироят кардани “ду ва ё зиёда шахсон” мумкин аст масъалаи мушкилоти фосилаи вақт байни ду сироят, ба миён ояд.

Ба ибораи дигар, сироят бояд дар яквақт бошад ё ин, ки фосила байни лаҳзаҳои сироят намудан дида шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ибороз мешавад, ки “мувофиқи муқаррароти қ. 1 м. 17 КҶ ФР сирояти ду ё зиёда шахсон ба ВНМО, ки дар як вақт ё дар вақтҳои гуногун содир шудааст, маҷмуи ҷиноятҳоро ташкил медиҳад ва бояд тибқи қ.3 м.122 КҶ ФР бандубаст гардад, ба шарте ки ҷинояткор қаблан барои ягон яке аз ин сироят кардан маҳкум нашуда бошад» [114, с. 876].

Оё сироят кардани ду шахс бо як қасди ягонаи гунаҳгор фаро гирифта мешавад ё танҳо воқеияти худи сироят, новобаста аз набудани қасди ягона, барои ҷавобгарӣ кофист?

Дар ин масъала мумкин аст тавзеҳоти таҷрибаи судиро оид ба ба масъалаи ҷавобгарии ҷинояти барои куштори ду ё зиёда шахс ба роҳбарӣ гирифт. Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ” аз 26 июни соли 2009, №21 “куштори ду шахс ё бештар аз он дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар ҳаракати гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад” (б.7) [223, с. 680].

Саволи дигаре ба миён омада метавонад, ки оё метавон аломати вазнинкунандаи мазкурро, вақте, ки шахси мубталои ВНМО, як ҷабрдидаро ду маротиб сироят мекунад, татбиқ намуд.

В.И. Ткаченко ақидаеро дастгирӣ мекунад, ки такроран сироят кардани як шахс, барои баҳо додани ин ҷиноят ҳамчун таркиби вазнинкунандаи ин ҷиноят, баромад намекунад [92, с. 99].

Воқеан, қонунгузор ибораи «ду ва зиёда шахсон»-ро истифода намуда, на шумораи умумии ҳолатҳои сироятёбиро, балки якчанд ҷабрдидаро дар назар дорад.

Сироят кардани як шахс ва суиқасд ба сироят кардани шахси дигар, ҳамчун ҷинояти хотимаёфта – сироят кардани ду шахс ба сирояти ВНМО эътироф намегардад. Дар чунин мавридхо, сарфи назар аз пайдарпайии кирдорҳои чиноятӣ, кирдори содиршуда бояд бо қ.қ.2,3 м.125 КҶ ҶТ ва бо қ.3.32 ва қ.3 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Ҳамин тариқ сироят кардани ду ва ё зиёда шахсон ба бемории ВНМО дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар ҳаракатҳои гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад.

Вобаста ба ин бо бандубасти кирдор аз рӯйи б “а” қ.3 м.125 КҶ ҶТ дар мисоли поён аз таҷрибаи судӣ розӣ шудан мушкил аст, ки мутобиқи он:

Шаҳрванд З.Ҳ., мувофиқи мактуби «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО» аз 13.03 соли 2019 дар Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО-и шаҳри Душанбе аз 04.07 соли 2007 ҳамчун сироятёфтаи ВНМО ба қайд гирифта шудааст. Ӯ дидаву дониста бо вируси норасии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемори̇ будани худро медонист бо шахрванд Т.Ф. шиносоӣ пайдо карда, аввалҳои соли 2011 баркасдона бо як сӯзандору маводи мухадирро ба бадани худ гузаронида бо ин рох, Ф.С-ро гирифтори бемории ВНМО намудааст.

Минбаъд низ ӯ бо ҳамин роҳ шаҳрванд З. Д. шиносоӣ пайдо карда, барқасдона бо як сӯзандору якҷоя маводи мухаддирро ба бадани худ гузаронида бо ин роҳ, З.Д-ро гирифтори бемории ВН.МО намудааст.

Суд кирдори З. Ҳ.-ро, бо м. 125 қ. 3 б.«а» КҶ ҶТ бандубаст намуда ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати 5 (панҷ) сол бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш умуми таъин намудааст [237].

Дар чунин ҳолат ба андешаи мо бандубаст намудани кирдор мутобиқи б.«а» қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ асоснок ба ҳисоб намеравад. Зеро шахс ин ду ҷабрдидаро бо қасдҳои алоҳида ва дар вақтҳои гуногун ба бемории ВНМО сироят намудааст.

Аз дигар тараф суд дар чунин ҳолат имконияти дигари пурзӯр намудани ҷавобгариро барои сироят намудани ду ва ё зиёда шахсон надорад, чунки дар м. 125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда ба монанди такроран содир намудани кирдорҳои мазкур муқаррар

нашудааст. Ба андешаи мо, барои тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар қ.3 м. 125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда ба монанди "такроран" содир намудани чунин кирдорҳо муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, онро бояд ба инобат гирифт, ки аз сабаби он ки ВНМО табобатнашаванда мебошад, бинобар ин такроран сироят намудани ҳамон як ҷабрдида барои бандубаст намудани чунин ҳаракатҳо аз рӯйи аломати такрорӣ асос шуда наметавонад.

Аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ин содир намудани кирдорҳои дар қ.2 м.125 КҶ ҶТ муқарраршуда **"нисбати шахси баръало ноболиғ"** (б. "б" қ.3 м.125 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад.

Дар мавриди шахсони ноболиғ бояд қайд кард, ки ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқи оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра таъмин мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон нақши махсусро ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад, ки вазифаи он муҳофизат кардани онҳо аз таҷовузҳои махсусан хатарнок, яъне аз ҷиноятҳо мебошад.

Бояд эътироф намуд, ки КҶ ҶТ дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон пешрафти назаррас кардааст. Аз ҷумла, дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахси ноболиғ бо ВНМО пешбинӣ гардидааст.

"Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба синну соли шахс, бо мақсади аниқ кардани он ташхиси судӣ-тиббӣ таъйин карда мешавад. Ҳангоми тавассути ташхиси судӣ-тиббӣ муайян кардани синну соли судшаванда, санаи таваллуди ӯ рӯзи охирини ҳамон соле ҳисоб мешавад, ки аз ҷониби коршиносон муайян гардидааст. Агар синну сол бо нишон додани ҳадди ақал ва ҳадди аксар муайян карда шавад, суд бояд синни ҳадди ақали пешниҳоднамудаи коршиносонро ба инобат гирад" [90, с. 55].

Бо дарназардошти хусусиятҳои синну соли ҷабрдида, зарурати муайян кардани лаҳзаи аниқи содир гардидани ҷиноят нисбат ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ба миён меояд.

Тибқи қ. 2 м.12 КҶ ҶТ "вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад" [3].

Ин қоида нисбат ба ҳамаи ҷиноятҳо, новобаста аз таркиби расмӣ, кӯтоҳкардашуда ё моддӣ доштанашон, татбиқ мегардад.Бинобари ин лаҳзаи содиршудани ин ҷиноят лаҳзаи содир намудани кирдоре эътироф мешавад, ки боиси бо ВНМО сироят шудани шахси ноболиғ гардидааст.

Дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ, зарур аст, ки хусусият ва дараҷаи дарки синну соли ноболиғи ҷабрдидаро аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳангоми сироят кунондани ӯ ба ВНМО муайян намоянд. Дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ нисбати ин таркиби ҷиноят масъалаи таҳлили дарку огоҳии субъекти ҷиноят дар бораи ноболиғ будани ҷабрдида то ҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ин масъала дар робита ба ҷиноятҳое, ба мисли ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (м.165 КҶ ҶТ) ба таври муфассал баррасӣ мегардад ё дорои тавзеҳоти дахлдор дар бораи бандубасти куштори шахси ноболиғ мебошад. Масалан, К.К. Сперанский қайд менамояд, ки шахсе, ки шахси дигарро ба содир намудани ҷиноят ҷалб менамояд, бояд синну соли шахси ҷалбшавандаро аниқ ва бо боварӣ донад, зеро надонистани ҳолати ноболиғ будан имкони суханронӣ дар бораи кирдори қасдона ва мақсадноки шахси гунаҳгорро аз байн мебарад [88, с. 116]. Бо андешаи олимони мазкур, инчунин Н.П. Шевченко низ мувофиқ аст, ки қайд мекунад, ки ҷалби ноболиғ ба содир кардани ҷиноят кирдори қасдона мебошад ва бинобар ин муносибати шахси гунаҳгор дар чунин ҳолат бо дарки хавфнокии ҷамъиятии ҳаракатҳои анҷомёфтааш нисбат ба шахси ноболиғ маҳдуд мегардад [201, с. 24].

Дар навбати худ, В.Ф. Иванов имконпазирии на танҳо қасд, балки шакли беэҳтиётӣ, яъне бепарвоии ҷинояткоронаро низ таъкид мекунад, ки дар он ҳолат шахси калонсол метавонад синну соли ноболиғро дарк накунад, ҳарчанд бояд ва метавонист онро пешбинӣ кунад [133, с. 85]. Мавқеи наздик ба инро Ю.Е. Пудовочкин низ ишғол менамояд, ки ба андешаи ӯ надонистани синну соли ҷабрдида барои шахси гунаҳгор имконияти дарки хавфи ҷамъиятии кирдори содиршударо истисно намекунад [78, с. 209].

Пленуми Суди Олии ҶТ мавқеи гурӯҳи аввали олимонро ишғол намуда вобаста ба ҳолати мазкури вазнинкунанда чунин тавзеҳ додааст: "Аз рӯйи банди "б" қ.3 м. 125 КҶ ҶТ ҳаракатҳое бандубаст карда мешаванд, ки агар бо ВНМО сироят кардани шахси баръало ноболиғ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемории будани худро медонист, содир шуда бошад. Шахс бо ин банди модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар **бараъло** ноболиғ будани ҷабрдидаро дарк намояд, яъне далели ноболиғ будани ҷабрдида барои гунаҳгор бараъло аён бошад. Бараъло маънои боэътимод воқиф будани гунаҳгорро дар хусуси он ки ҷабрдида ҳанӯз ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст, дорад. Дар сурате ки бо ҳолатҳои воқеии парванда муайян гардад, ки шахси мубталои ВНМО оид ба синну соли воқеии ҷабрдида дар асоси шаклу симо, маълумоти нодурусте, ки худи ҷабрдида дар бораи синну солаш ва ғайра хабар додааст, саҳв карда, чунин ҳисоб кунад, ки ҷабрдида болиғ аст, ҳаракатҳои гунаҳгор аз рӯйи аломатҳои қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои бо ВНМО сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемории будани худро медонист пешбинӣ менамояд, бандубаст карда мешавад" [223].

Дар чунин маврид албатта мо бо чунин тавзеҳоти Пленум розӣ ҳастем. Зеро дар матни қонун, ки дар қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, сухан дар бораи донистани "баръало ноболиғ" будани ҷабрдида меравад. Бинобар ин, дар чунин маврид дарки синну соли ҷабрдида тавассути

қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад. Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

Дар ҳолатҳое, ки субъекти ҷиноят ҳангоми сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО, нисбат ба синну соли воқеии ӯ бовиҷдонона ба иштибоҳ роҳ медиҳад, кирдори содиршуда тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ бандубаст мегардад. Чунин ҳолатҳо, масалан, дар сурате ба вуҷуд меоянд, ки ҷабрдида худро ҳамчун шахси ба синни балоғат расида муаррифӣ намуда, далелҳои ба назар қонеъкунандаеро пешниҳод мекунад, ки гӯё синни 18-солагиро пур кардааст ё намуди зоҳирӣ, рушди ҷисмонӣ ва тарзи рафтори ӯ ба синни наврасӣ мувофиқ набуда, атрофиёнро нисбати синну соли воқеии худ ба гумроҳӣ меандозад.

**Ҳамин тавр ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо ВНМО-ро таҳлил намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:**

1. Сироят кардани ду ё зиёда шахс ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз он лаҳза ҳисобида мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи ба синни балоғат расида вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашавандаи барои ҳаёт хавфнок муайян карда мешавад. Ин ҳолат мустақилона танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки ҳамаи ҷабрдидагон шахсони ба синни балоғат расида бошанд. Агар ду ё зиёда ҷабрдидагон ноболиғ бошанд ё ҳадди ақал яке аз онҳо шахси ноболиғ бошад, кирдорҳои гунаҳгор бо мавҷудияти ду ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бандубаст мешаванд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ва оқибатҳои онро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд. Дар ҳуҷҷатҳои тафтишотӣ ва қарорҳои судӣ бояд ҳатман дар бораи чунин факт нишондод ҷой дошта бошад.

2. Маънидоднамоии аломати ноболиғ будани ҷабрдида дар заминаи м. 125 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки сухан дар бораи донистани “баръало” ноболиғбудани ҷабрдида меравад. Бинобар ин, дар чунин маврид дарки

синну соли ҷабрдида тавассути қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад. Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

## 3.2. Фарқияти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо

Шарти зарурии пешакии бандубасти дурусти ҷиноят дониши амиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва бахусус дарки возеҳи фарқиятҳои байни меъёрҳои алоҳидаи қисми Махсуси Кодекси ҷиноятӣ мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки ҳангоми бандубасти кирдори содиршуда аз якчанд моддаи қонун, одатан бояд танҳо як моддае интихоб шавад, ки ба таври пурратар мазмуну моҳияти кирдори содиршударо инъикос мекунад. Бинобар ин, зарур аст, ки байни таркибҳои гуногуни ҷиноятҳои пешбинишуда дар КҶ ҶТ ба таври саҳеҳ ва бехато фарқият гузошта шавад. Хатогӣ дар бандубасти ҷиноят метавонад боиси таъини ҷазои ноодилона, поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии гунаҳгорон ва ҷабрдидагон, таҳрифи вазъи воқеии ҷинояткорӣ дар давлат ё минтақаи алоҳида ва коста шудани эътибори мақомоти судӣ гардад.

Тавре ки А.И. Рарог қайд менамояд, ҳар як таркиби ҷиноят хусусияти хоси худро дошта, аз дигар таркибҳо ҳадди ақал бо як аломати муҳим ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ назаррас фарқ мекунад. Аз ин рӯ, қонунгузор ҳангоми таҳияи таркибҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, танҳо он аломатҳоеро ҷудо ва мустаҳкам менамояд, ки дар ҳама ҳолатҳои содир кардани ҷинояти мушаххас такроран зоҳир мегарданд [79, с. 23].

Фарқгузории зуҳурот, предметҳо ва равандҳо дорои аҳаммияти гуногунҷанба буда, дар ҷанбаҳои гуногун - гносеологӣ ва методологӣ нақши муҳим дорад. Ҷанбаи гносеологии фарқгузорӣ дар он аст, ки он воситаи муҳими шинохти моҳият ва табиати объектҳои муқоисашаванда мебошад. Ҷанбаи дидактикӣ дар он зоҳир мешавад, ки фарқгузорӣ омӯзиши объектҳои муқоисашавандаро осон намуда, зарурати такрори

маълумоти равшан ва аллакай маъруфро аз байн мебарад. Ғайр аз ин, усули муқоиса ба омӯзанда имкон медиҳад, ки диққати худро маҳз ба унсурҳои асосӣ ва муайянкунандаи моҳияти зуҳурот равона созад. Ҷанбаи амалӣ бошад дар он аст, ки фарқгузорӣ имконият медиҳад дурустии қарорҳои қабулшударо тафтиш намуда, ба пешгирӣ ё ислоҳи саривақтии хатоҳо мусоидат кунад.

Ҳамаи ин дар масъалаи бандубасти ҷиноятҳо пурра татбиқшаванда мебошад. Фарқгузорӣ, ки дар ҷараёни бандубасти ҷиноятҳо гузаронида мешавад, ҷузъи ҷудонашавандаи ин фаъолият маҳсуб меёбад. Вале бояд таъкид кард, ки фарқгузорӣ дар раванди бандубасти ҷиноятҳо танҳо бо ҷудо кардани ҷиноятҳо маҳдуд набуда, балки объектҳои он хеле гуногун ва васеътар мебошанд.

Дар баъзе мавридҳо ҳолатҳои кирдори мушаххас метавонанд ҳамзамон бо аломатҳои ду, се ё зиёда таркибҳои ҷиноят муқоиса карда шаванд. Таркибҳои ҷиноятe, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанд буда, вале ҳадди ақал аз рӯи як аломат фарқ мекунанд, таркибҳои ҳамшафати ҷиноят номида мешаванд.

Дар як қатор мавридҳо худи қонуни ҷиноятӣ вазифадор менамояд, ки байни ҷиноятҳо фарқгузорӣ гузаронида шавад, зеро ҷавобгарӣ тибқи моддаҳои мушаххаси КҶ ҶТ танҳо дар ҳолате пешбинӣ мегардад, ки аломатҳои ҷиноятҳои дигар вуҷуд надошта бошанд. Ҳарчанд баъзе аломатҳои кирдорҳои ба ҷомеа хавфнок аз рӯи шакл метавонанд ба ҳам монанд бошанд, вале аз ҷиҳати мазмун ва моҳият фарқи ҷиддӣ доранд.

Барои бандубасти дурусти ҷиноят ва гузоштани марзи возеҳ байни таркибҳои ҳамшафати ҷиноятҳо, таҳлили ҳамаҷонибаи тамоми аломатҳои таркибҳои дахлдори кирдорҳои ба ҷомеа хавфнок лозим аст. Дар ҷараёни ин таҳлил бояд мазмуни аломатҳо бо дарназардошти маҷмуи нишонаҳои таркибҳои ҷиноят, ки дар моддаҳои қисмҳои Умумӣ ва Махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, инчунин бо истифода аз шарҳу тафсири истилоҳот ва мафҳумҳое, ки қонунгузор истифода намудааст, муайян карда шавад.

Аломатҳои таркиби ҷиноят на танҳо имконият медиҳанд, ки кирдори воқеан содиршуда бо меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ муқоиса карда, татбиқи онро асоснок кунанд, балки инчунин барои фарқгузории ҷиноятҳо байни худ ва муайян кардани марзи байни ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии дахлдор низ кумак мекунанд. Ин фарқгузорӣ тавассути ҷудо кардани аломатҳои фарқкунанда ё тавассути тақсим кардани онҳо ба унсурҳои алоҳида бо муқоисаи минбаъда ва муттаҳидсозии онҳо ба як воҳиди ягона амалӣ мегардад. Бинобар ин, назарияи таркиби ҷиноят асоси муҳим барои гузаронидани фарқгузорӣ байни кирдорҳои ҳамшафати ба ҷомеа хавфнок мебошад.

Тавре В.М. Кудрявтсев қайд намудааст, аз нуқтаи назари назарияи бандубасти ҷиноят муҳим на танҳо ҳалли ҳолатҳои мушаххаси баҳсталаби фарқгузории ҷиноятҳо, балки муайян намудани қоидаҳои умумӣ барои чунин қарорҳо мебошад [52, с. 126].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ алгоритмҳои махсуси фарқгузории ҷиноятҳо таҳия гардидаанд, ки ҳолатҳои маъмултаринро дар бар мегиранд. Фарқгузории таркибҳои ҳамшафати ҷиноят метавонад аз рӯи аломатҳое гузаронида шавад, ки объект, тарафи объективӣ, субъект ё тарафи субъективии ҷиноятро тавсиф менамоянд. Дар амал аксар вақт фарқгузорӣ дар асоси аломатҳои якбора чанд унсури таркиби ҷиноят сурат мегирад, ки онро фарқгузории комплексӣ меноманд.

Барои муайян кардани ҳадди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахс бо ВНМО, инчунин барои ташкили дурусти мубориза бо чунин кирдори ба ҷомеа хавфнок, аҳаммияти принсипиалӣ дорад, ки фарқи байни ин ҷиноят ва ҷиноятҳои ҳамшафати онро, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон равона шудаанд, ба таври дақиқ муайян намоем. Аммо чунин фарқгузорӣ бо сабаби монандии баъзе аломатҳои сироят кардани шахс бо вируси ВНМО бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ мушкил

мегардад. Ин ҳолат боиси хатоҳо ва душвориҳо дар вақти баррасии парвандаҳои ин категория аз ҷониби судҳо мегардад.

Мушкилоти мазкур дар замони ҳозира махсусан актуалӣ гардидаанд, зеро дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва прокурорӣ доимо масъалаҳои баҳсталабе ба вуҷуд меоянд, ки ба фарқгузорӣи сирояткунии шахс бо вируси ВНМО аз ҷиноятҳои ба он наздик алоқаманд мебошанд.

Ҷинояти м.125 КҶ ҶТ дар боби "Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ" муқаррар шудааст. Бинобар ин, зарурати таҳлили намудани алоқамандии ин ҷиноят бо дигар ҷиноятҳои дар боб мустаҳкамшуда ба миён меояд. Пеш аз ҳама м.125 КҶ ҶТ бо м.110 КҶ ҶТ (Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) наздикӣ дорад ва дар адабиётҳо оид ба таносуби моддаҳои мазкур андешаҳои муайян иброз шудааст.

Масалан, Д.А. Никитин таъкид мекунад, бо дарназардошти дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ сироят намудани шахс бо ВНМО аз рӯи оқибатҳои вазнинӣ ба расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон баробар мебошад ва ба ҳамон як объект таҷовуз мекунад [150, с. 17].

Аз нуқтаи назари тиббӣ сироят кардани шахс бо ВНМО воқеан ба ҳолате баробар аст, ки шахсро ба вазъи барои ҳаёт хавфнок мегузорад. Чунин кирдорҳо бояд тибқи м. 110 КҶ ҶТ ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ бандубаст карда шаванд. Ин хулоса ба меъёрҳои тиббии муайян кардани дараҷаи вазнинии зарари расонидашуда ба саломатӣ асос меёбад, ки мувофиқи он ба зарари вазнин зараре дохил мешавад, ки барои ҳаёти одам хавфнок аст ва вобаста ба хусусияташ бевосита ба ҳаёти одам таҳдидовар аст, инчунин зарар ба саломатие, ки ҳолатҳои хатарнокро ба ҳаёти одам эҷод мекунад.

Тавре ки Д.А. Никитин қайд мекунад, роҳи имконпазири ҳалли ин мушкилот ворид намудани аломати иловагӣ ба диспозитсияи қ. 1 м. 111 КҶ ФР (қ.1 м.110 КҶ ҶТ) мебошад, ки имкон медиҳад ба сифати оқибатҳои зарари расонидашуда ба саломатӣ, ғайр аз бемории руҳӣ, нашъамандӣ ва ё

токсикомания, инчунин бемориҳоеро ба монанди ВНМО, гепатити В ва сил тибқи рӯйхати бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим низ дохил намуд [150 с 17-18]. Ба назари мо, хусусияти чунин сироятҳо ҷавобгариро камтар аз ҷавобгарӣ барои зарари вазнин ба саломатӣ расонидашуда талаб намекунад. Бо вуҷуди ин, санксияе, ки дар қ.2 м.125 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, нисбат ба қ.1 м. 110 КҶ ҶТ хеле пасттар аст. Дар баробари ин, ба сифати кирдори тибқи қ.1 м.110 бандубаст намудани кирдори мазкур мушкил аст, зеро меъёри махсуси қ.2 м.125 афзалияти татбиқро дорад ва инчунин нишонаҳои аниқ ва мушаххаси тиббии муайян кардани вазнинии зарар вуҷуд надоранд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки санксияи барои таркиби ҷинояти м.110 КҶ ҶТ бо аломатҳои вазнинкунанда, аз санксияи барои аломатҳои вазнинкунандаи сироят бо ВНМО тибқи м.125 КҶ ҶТ баландтар аст, ки аз лиҳози мантиқӣ ва илмӣ шарҳ додани он мушкил мебошад.

Ба ақидаи мо, мавҷудияти меъёри махсусе, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои сирояти ВНМО пешбинӣ мекунад (м.125 КҶ ҶТ), вазифаи муҳими огоҳкунанда ва пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро иҷро менамояд, зеро барои шахсони эҳтимолии ҷинояткор паёми равшане дар бораи ғайри қобили қабул будани чунин кирдорро медиҳад ва таъсири назарраси профилактикӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти хусусияти кирдори ҷиноятии мазкур, қонунгузор дар м. 125 КҶ ҶТ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ин гуна кирдорҳоро ба таври кофӣ ва пайгирона ба назар нагирифтааст. Ин хулоса аз таҳлили муқоисавии санксияҳои таркибҳои асосӣ ва бандубастшавандаи м.м. 110 ва 125 КҶ ҶТ бармеояд. Чунин муносибати қонунгузор, ба назари мо, ба таври кофӣ асоснок нест ва ба эътирозҳои ҷиддӣ сабаб мегардад.

Бо дарназардошти далелҳои дар боло зикршуда ва баҳсҳои илмии мавҷуда, ба назари мо мақсаднок аст, ки ҳадди болоии санксияҳои пешбинишуда дар қ. қ. 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ баланд карда шуда, ҳадди

поёнӣ бетағйир боқӣ гузошта шавад. Чунин тадбир имкон медиҳад мушкилоти мавҷуда дар фарқгузории ҷавобгарӣ бартараф гардад ва мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда тавонанд хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва шахсияти гунаҳкорро дақиқтар баҳогузорӣ намоянд.

Кирдори дигаре, ки бевосита бо м.125 КҶ ҶТ робитаи бевосита дорад м. **129 КҶ ҶТ («Аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ») ба ҳисоб меравад.**

Тарафи объективии ҷинояти дар қ.2 м.129 КҶ ҶТ пешбинишуда бо маҷмуи се аломати ҳатмӣ тавсиф мегардад:

1) кирдор, ки дар иҷро накардан ё номатлуб ба ҷо овардани вазифаҳои касбӣ аз ҷониби корманди тиб бинобар муносибати бепарвоёна ё беинсофона ифода меёбад;

2) оқибатҳои барои ҷомеа хавфнок, ки дар мубталои вируси норасоии масунияти одам гардидани бемор шуда бошад, зоҳир мегарданд;

3) мавҷуд будани **робитаи сабабӣ** байни кирдори зикршуда ва оқибатҳои ба вуҷудомада.

Аломатҳои объективии ҷинояти дар м. 129 КҶ ҶТ пешбинишуда бо аломатҳои тарафи объективии кирдори ба ҷомеа хавфноки пешбинишуда дар қ. 2 м.125 КҶ ҶТ монанд мебошанд, вале аз ҷиҳати хусусияти худи кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) аз онҳо фарқ мекунанд.

Тибқи қ.2 м. 129 КҶ ҶТ, аз ҷумла, чунин кирдорҳо метавонанд бандубаст карда шаванд:

- истифодаи асбобу анҷоми тиббӣ ва сӯзандоруҳои ғайристерилӣ ё ба таври зарурӣ безарар нагардонидашуда аз ҷониби кормандони тиббӣ;
- интиқоли хун (ё ҷузъҳои он)-и донори сироятёфта бо ВНМО ба ҷабрдида бе ташхиси пешакии лабораторӣ;
- истифодаи дигар моеъҳои биологӣ, ҳуҷайраҳо, узвҳо ва бофтаҳо бе гузаронидани ташхиси лабораторӣ барои мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам;

• таъмин накардани кормандони муассисаи тиббӣ бо воситаҳои зарурии муҳофизати инфиродӣ аз ҷониби роҳбарияти муассиса тибқи меъёру талаботи муқарраргардида [20, с. 302].

Кирдори барои ҷомеа хавфнок, ки бо қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар сироят кардани шахси дигар бо ВНМО зоҳир мегардад, яъне дар анҷом додани чунин ҳаракат ё беҳаракатие, ки дар натиҷаи он вирус бевосита аз шахси гунаҳгор ба организми ҷабрдида ворид мегардад.

Паҳлуи дигаре, ки инҷо бояд баррасӣ гардад ин муайян кардани гуноҳи корманди тиб, ки ҳангоми аз ҷониби ӯ номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ шахс ба сирояти ВНМО гирифтор мешавад (қ.2 м.129 КҶ ҶТ).

Иҷрои номуносиби уҳдадориҳои касбӣ, ки боиси сироят шудани шахси дигар мегардад (қ.2 м. 129 КҶ ҶТ), метавонад ҳам бо роҳи ҳаракат, ҳам бо роҳи беҳаракатӣ содир карда шавад. Он дар иҷро накардани чораҳои пешгирии паҳншавии барангезандагони бемориҳои сироятӣ, риоя накардани талаботи санитарӣ-гигиении тасдиқшудаи меъёрӣ ё ҳатто талаботи расман тасдиқнагардида, вале дар илми тиб таҳиягардида ва барои кормандони соҳавӣ, ки таҳсилоти дахлдор доранд, маълум ва ҳатмӣ мебошад, ифода меёбад. Шахси гунаҳгор дар ин ҳолат шароитҳоеро фароҳам меорад, ки вирус ба организми шахси дигар ворид мегардад ё худаш онро аз муҳити беруна ба организми ҷабрдида интиқол медиҳад.

Ҳолати содиркунии ҷиноят, яъне он ҳолате, ки кирдори барои ҷомеа хавфнок ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбӣ содир шудааст, ҳарчанд дар диспозитсияи қ. 2 моддаи 129 КҶ ҶТ бевосита нишон дода нашуда бошад ҳам, аломати ҳатмии ҷиноят дар ҳолатҳое мебошад, ки сироят шудани ҷабрдида дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тиббӣ сурат мегирад.

Хусусияти хоси моддаи мазкур дар он ифода меёбад, ки қонунгузор дар диспозитсияи он ба аломати «дидаву дониста» ишора намекунад. Дар робита ба ин, андешаи олимон ҳангоми муайян кардани гуноҳ дар ин

ҷиноят ба ҳам мухолиф мебошад. Доир ба ин масъала нуқтаҳои назари алоҳидаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Гурӯҳи аввали муҳаққиқон қайд менамоянд, ки сироят бо ВНМО дар натиҷаи иҷро накардан ё номатлуб ба ҷо овардани вазифаҳои касбӣ аз ҷониби корманди тиб метавонад ҳам бо қасди бевосита ва ҳам бавосита, инчунин аз рӯйи худбоварӣ содир карда шавад [47, с. 60], [197, с. 60]. Ин нуқтаи назарро мо қисман, яъне дар қисми аз беэҳтиётӣ содир шудани ин ҷиноят қабул карда метавонем, чунки бевосита пешбинӣ гардидани «агар он бинобар беэҳтиётӣ боиси мубталои ВНМО гардидани бемор шуда бошад» аз ин шаҳодат медиҳад. Дар қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ низ аз рӯйи беэҳтиётӣ боиси сироят шудани бемор ба ВНМО муқаррар шудааст. Яъне, қонунгузор қасдан содир шудани ин ҷиноятро аз тарафи корманди тиб пешбинӣ ва эътироф накардааст.

Дуюм гурӯҳи олимон сироят бо ВНМО дар натиҷаи иҷро накардан ё номатлуб ба ҷо овардани вазифаҳои касбӣ аз ҷониби корманди тиб ба ҷиноятҳое мансуб медонад, ки бо қасди бавосита содир мешаванд [196, с. 3]. Ин нуқтаи назар ба мафҳуми қасди бавосита (мутобиқ ба қ. 3 м. 28 КҶ ҶТ) мутобиқ намебошад ва ба қонунгузории амалкунанда мухолифат дорад. Зеро муқаррар шудани беэҳтиётӣ дида мешавад. Дигар ин, ки дар ин кирдор корманди тиб барои ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намекунад, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намекунад ва ҳатто дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ намедиҳад. Бинобар ин, қасди бавосита ҷой доштанаш ғайриимкон аст.

Сеюм гурӯҳи олимон пешниҳод менамоянд, ки меъёри қонунгузорӣ бояд айнан тафсир карда шавад. (Агар ба КҶ ҶТ назар кунем, дар диспозитсияи қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ қонунгузор бевосита аз рӯйи «беэҳтиётӣ» содир шудани ҳаракатҳои корманди тиброоо муқаррар кардааст). Бинобар ин, ҷинояти мазкур танҳо аз рӯйи беэҳтиётӣ (дар намуди худбоварӣ ё бепарвоӣ) содир шуда метавонад [106, с. 342]. Дар сурати муқаррар шудани

қасди бевосита ё бавосита, кирдор бояд на аз рӯйи қ.2 м.129 КҶ ҶТ, балки вобаста ба вазнинии зарари ба саломатӣ расонидашуда мутобиқи м.м. 110,111,112 КҶ ҶТ ё ба муқобили ҳаёт м.104 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Як гурӯҳи дигари муҳаққиқон бар он назаранд, ки гуноҳ дар таркиби сироят кардан бо ВНМО дар натиҷаи иҷро накардан ё номатлуб ба ҷо овардани вазифаҳои касбӣ аз ҷониби корманди тиб танҳо дар шакли худбоварӣ содир шуда метавонад, вақте ки кормандони тиб сӯзандору ва дигар асбобҳои тиббии тамизнашударо истифода мебаранд ё ташхиси хуни донориро бе сифат анҷом медиҳанд, оқибат ВНМО бавуҷуд меояд [144, с. 36].

Ба андешаи мо, тарафи субъективии ҷинояти дар қ.2 м.129 КҶ ҶТ муқарраршуда мумкин аст ҳам бо беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ва ҳам аз бепавонӣ тавсиф гардад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки олимон дар масъалаи бандубасти сироят кардан бо ВНМО дар натиҷаи аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ ихтилофи назар доранд.

Чунончи, як қатор муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки кирдори мазкур ҳамчун бепарвоӣ банду баст карда шавад [139, с. 39]. Дигарон бошанд, зарурати дар қисми алоҳида (мутобиқ ба қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ) ҷудо намудани ҷавобгарии шахсони мансабдори муассисаҳои тиббиро намебинанд, зеро ин ҷинояти хунукназарӣ мебошад ва ҷавобгарӣ барои он дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври алоҳида ҷой дорад (мутобиқ ба м.322 КҶ ҶТ). Якум, ин ки аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам гардидани бемор шуда бошад (қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ) ҳамчун меъёри махсус нисбат ба хунукназарии умумӣ (м. 322 КҶ ҶТ) баррасӣ шуда метавонад.

Як гурӯҳ муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки ҳангоми муайян кардани таркиби ҷиноят бояд “мақоми корманди тиббӣ ва доираи уҳдадориҳои вазифавии ӯ аниқ карда шуда, алоҳида нишон дода шавад, ки вайрон

кардани кадом уҳдадориҳои касбӣ ба зарар расонидан ба саломатии беморон оварда расонидааст” [31, с. 97-98].

Дар ҳамин замина, мавқеи баъзе муҳаққиқон, ки субъектҳои ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ-ро фақат ба кормандони соҳаи тиб маҳдуд мекунанд [23, с. 36], чандон дуруст намебошад. Ин андеша бо он асоснок мегардад, ки дар худи меъёри таҳлилшаванда қонунгузор танҳо кормандони тибро ҳамчун субъект нишон надодааст. Аз ин бармеояд, ки дар ин маврид шахсе (новобаста аз мансаб ё вазифааш), ки дар иҷрои вазифаҳои касбии худ беэътиноӣ зоҳир намудааст, метавонад субъект бошад.

Дар адабиёти махсус ба ин масъала то андозае кам таваҷҷуҳ шудааст. Барои мисол, муҳаққиқ Э.Ф. Побегайло мафҳуми «номатлуб иҷро намудани вазифаи касбӣ»-ро ҳамчун ҳолате шарҳ медиҳад, ки «шахс вазифаҳои касбии худро пурра ё қисман бо вайрон кардани муқаррарот ва талаботи махсус иҷро мекунад” [42, с. 249]. Дар амалия бояд ҳар ҳолати мушаххас таҳқиқ ва муайян карда шавад, ки маҳз кадом уҳдадориҳои касбӣ вайрон карда шудаанд.

Дар баробари ин, гурӯҳи дигари олимон чунин меҳисобанд, ки субъекти ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ “шахси воқеии мукаллафест, ки синнаш ба 16 расидааст ва дорои хусусиятҳои махсуси касбӣ мебошад, масалан, мутахассисоне мансуб диниста мешаванд, ки ба онҳо иҷозатномаи махсус барои табобати беморони гирифтори ВНМО дода шудааст, инчунин кормандони тиб ё шахсони дигаре, ки фаъолияти касбии онҳо бо коркарди хун (гирифтан ва нигоҳдории он) алоқаманд аст.

Ин субъектонро муфассалтар баррасӣ мекунем. Яъне субъекти ҷиноят инҷо танҳо корманони тиб, ки вазифаи касбии тиббӣ доранд мебошад. Аломатҳои махсуси ин гурӯҳи субъектонро низ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) аломатҳои махсусе, ки ба хусусияти фаъолияти субъект дахл доранд (кормандони тиб, кормандони муассисаи хунгузаронӣ ва м.и.);

б) аломатҳои махсусе, ки фаъолияти субъект ё хусусияти уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ вогузоршударо тавсиф менамоянд (мутахассисоне, ки азназаргузаронии тиббиро ташкил ё ин ки назорат мекунанд, инчунин шахсоне, ки барои ташкили шароити дахлдор барои зиндагӣ ё расонидани кумаки тиббӣ ба шахсони мубталои ВНМО масъул мебошанд).

Ба гурӯҳи аломатҳои махсус, ки ба хусусияти фаъолият дахл доранд, ин ҷинояти аз ҷониби корманди тиб номатлуб иҷро гардидани вазифаи касбӣ, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам гардидани бемор шуда бошад, дар назар дошта мешавад (мутобиқ ба қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ).

Ба андешаи мо, яке аз хавфноктарин номатлуб иҷро гардидани хизматрасонии тиббӣ ҳамон хизматрасоние, мебошад, ки боиси Сироят кардан бо яке аз бемориҳои табобатнашаванда – вируси норасоии масунияти одам мегардад.

Ҳамин тавр, доираи субъекти ҷинояти пешбининамудаи қ. 2 м. 129 КҶ ҶТ аз он ки бештари олимон меҳисобанд, нисбатан васеъ мебошад.

Иҷрои номуносиби уҳдадориҳои касбӣ, ки боиси сироят шудани шахс бо ВНМО мегардад, дар фарқият аз қ.2 м.125 КҶ ҶТ танҳо бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мегардад.

Аломатҳои фарққунанда байни ҷинояти пешбинишуда бо м.129 ва қ.2 м.125 КҶ ҶТ, инчунин дар хусусиятҳои субъекти ҷиноят зоҳир мегарданд. Агар субъекти ҷинояти қ.2 м.125 КҶ ҶТ танҳо шахсе шуда тавонад, ки мубталои бемории ВНМО будани худро медонист, пас субъекти ҷинояти пешбинишуда бо м.129 КҶ ҶТ корманди тибб мебошад, ки уҳдадориҳои касбии худро иҷро мекунад.

Субъекти ҷиноятҳои пешбинишуда бо қ.2 м.125 КҶ ҶТ бошад, шахси ба синни 16-солагӣ расида мебошад, ки аз доштани вируси дахлдор огоҳ аст.

Сироят кардани шахси дигар бо ВНМО аз ҷониби шахсе, ки медонист вируси мазкурро дорад (қ.2 м.125 КҶ ҶТ), бояд аз ҷинояти пешбинишуда

бо қ. 1 м.126 КҶ ҶТ (Сироят кардан бо касалии зуҳравӣ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемориӣ будани худро медонист) фарқ карда шавад.

Хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти пешбинишуда бо қ. 1 м. 126 КҶ ҶТ дар зарар расонидан ба саломатии инсон, таъсири манфӣ ба саломатии репродуктивии аҳолӣ ва захираи генетикии миллат ифода меёбад. Бемориҳои венерикӣ метавонанд оқибатҳои вазнин, аз ҷумла пайдоиши бемориҳои илтиҳобии низоми пешобу таносул, бемориҳои узвҳои дохилӣ, инчунин безурётиро дар мардону занон ба вуҷуд оранд. Шахсоне, ки дар онҳо бемории венерикӣ ошкор мегардад, аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дар шакли хаттӣ огоҳ карда мешаванд, ки бояд қоидаҳои муайяни рафторро дар ҳаёти рӯзмарра ва ҳангоми алоқаҳои ҷинсӣ дар давраи бемориӣ, инчунин дар давраи назорати баъди табобат риоя кунанд ва дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахсони дигар бо чунин бемориӣ низ огоҳ карда мешаванд [103, с. 64].

Объекти ҷинояти пешбинишуда бо қ. 1 м. 126 КҶ ҶТ муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае ташкил медиҳад, ки дар вақти содир намудани ин ҷиноят ба саломатии шахс зарар расонида мешавад (сироят гардидан бо бемории зӯҳравӣ) [67, с. 140].

Тарафи объективӣ ин ҷиноят 1) аз кирдор дар шакли ҳам ҳаракат ва ҳам дар шакли беҳаракатӣ ифода мегардад – алоқаи ҷинсӣ, риоя накардани гигиенаи шахсӣ ва қоидаҳои муҳофизатӣ. Дар алоқаи ҷинсӣ агар зан ғайрифаъолӣ нишон диҳад – аломати беҳаракатӣ дар он ифода мегардад; 2) Оқибат дар намуди гирифтор шудани ҷабрдида ба сирояти касалии зӯҳравӣ; 3) Робитаи сабабии байни кирдори содиршуда ва оқибат дар намуди мубтало гардидан ба сирояти касалии зӯҳравӣ.

Бемориҳои зуҳравӣ – гурӯҳи бемориҳои сироятие мебошанд,ки асосан бо роҳи алоқаи ҷинсӣ аз шахси дорои сирояти бемории зӯҳравидошта ба шахси дигар мегузаранд. Бемориҳои зӯҳравӣ аз рӯйи меъёрҳои тиббӣ муайян карда мешаванд.

Сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда асосан инҳо эътироф мегарданд: оташак (сифилис); сӯзок (гонорея); вируси ҳерпесӣ; уреаплазмоз (микоплазмоз); хламидиоз [67, с. 140-141].

Роҳҳои сироят кардани шахсони дигар бо бемории венерикӣ гуногун буда, метавонанд, аз ҷумла ҳам "бо роҳи алоқаи ҷинсӣ намудан ва ҳам бо роҳи маишӣ рух медиҳад. Бо роҳи маишӣ аз тарафи бемор вайрон кардани қоидаҳои тозагӣ (ҳангоми бӯсидан, истифодабарии ҷойи хоби умумӣ, зарфҳои хӯрокхӯрӣ, бо сачоқ тоза кардан ва ғайраҳо)" [90, с. 154].

Тарафи субъективӣ ҷинояти пешбинишуда бо қ. 1 м. 126 КҶ ҶТ метавонад бо қасд (қасди бевосита ё бавосита), инчунин бо беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ содир гардад. Мисоли хубоварӣ ҳолати зерин шуда метавонад: "ҳангоми алоқаи ҷинсӣ, шахсе, ки ба сирояти бемории зӯҳравӣ гирифтор будани худашро медонад, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки ҳаракати худро дар намуди ба гирифтори сирояти бемории зӯҳравӣ мубтало гардидани шахси дигарро пешбинӣ карда, вале шахс ба худмуолиҷакунӣ машғул шуда, бе асосҳои ба он кофӣ, худро муолиҷашуда ҳисобида, бар он умед бастааст, ки шахси дигар бо касалии зӯҳравӣ сироят намегардад" [67, с. 146].

Субъекти ин ҷиноят шахси ба синни 16-солагӣ расидаи мард ё зан мебошад, ки гирифтори бемории венерикӣ буда, аз мавҷудияти чунин беморӣ дар худ огоҳ аст.

Ҳамин тавр, байни ҷиноятҳои дар қ. 2 м.125 ва қ. 1 м. 126 КҶ ҶТ пешбинишуда танҳо як аломати фарққунандаи мушаххас вуҷуд дорад – ин ангезандаи беморие мебошад, ки нисбати он кирдори барои ҷамъият хавфнок содир шудааст. Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки фарқгузории таркибҳои ҷиноятҳои мазкур набояд боиси мушкилоти назаррас гардад.

Ҷинояти зери хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигарро (қ. 1 м.125 КҶ ҶТ) бояд аз ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар м.119 Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ шудааст (Аз муоинаи ҳатмии тиббӣ ва муолиҷаи профилактикӣ саркашӣ кардани шахсони

гирифтори бемориҳои сирояткунанда, вируси норасоии масунияти одам), фарқ намуд. Тарафи объективии ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкур аз: саркашӣ кардан аз муоинаи ҳатмии тиббӣ ва муолиҷаи профилактикии вируси норасоии масунияти одам ва дигар бемориҳои сирояткунанда сарфи назар аз огоҳии мақомоти тиббӣ, иборат мебошад.

Ҷавобгарии маъмурӣ дар чунин ҳолат танҳо баъди огоҳии расмии шахс аз тарафи мақомоти тандурустӣ ва давом додани саркашӣ аз ташхис ё муолиҷаи профилактикӣ ба миён меояд. Дар ин ҳолат саркашӣ аз муоина метавонад дар шакли рад кардани ҳозир шудан ба муассисаи тиббӣ барои ташхис ва санҷиши дахлдор зоҳир шавад, саркашӣ аз муолиҷа бошад, дар шакли иҷро накардани тавсияҳои духтур (наомадан ба табобат, худмуолиҷакунӣ ва ғайра) намоён мегардад.

Ҳамин тавр, байни ҷинояти пешбинишуда дар қ.1 м. 125 КҶ ҶТ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешбинишуда дар м.119 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ якчанд аломатҳои фарққунанда мавҷуданд, ки яке аз онҳо дар тарафи объективии ин кирдорҳо ифода мегардад.

Аломатҳои фарққунандаи байни ҷинояти дар қ.1 м. 125 КҶ ҶТ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар м. 119 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинишуда , инчунин субъект ва тарафи субъективии онҳоро низ дар бар мегиранд.

Субъектҳои ҳуқуқвайронкунии м. 119 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсоне мебошанд, ки нисбати онҳо асосҳои кофӣ барои гумони гирифторӣ ба беморнии ВНМО ва дигар бемориҳои сирояткунанда мавҷуд аст, инчунин шахсоне, ки бо чунин беморон тамос дошта, ба табобати профилактикӣ эҳтиёҷ доранд. Тарафи субъективии чунин кирдор бо қасди бевосита тавсиф мегардад, яъне шахси гунаҳгор хусусияти зиддиҳуқуқии беҳаракатии худро дарк менамояд, дар бораи зарурати гузаштани муоина ё гирифтани табобати профилактикӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори тандурустӣ огоҳ шудааст ва новобаста аз ин дидаву дониста иҷро накардани ҳаракатҳои зарурироидома медиҳад.

Инчунин, ба фарқгузории ҷинояти м.125 ва 207 КҶ ҶТ ( Вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ бояд таваҷҷуҳ кард.

Объекти ҷинояти пешбинишуда дар м.125 КҶ ҶТ саломатии шахси алоҳида мебошад, дар ҳоле ки объекти ҷинояти пешбинишуда дар м.207 КҶ ҶТ саломатии аҳолӣ ва низоми чорабиниҳое мебошад, ки барои пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятии оммавӣ равона шудаанд.

Тарафи объективии ҷинояти м. 207 КҶ ҶТ иборат аст аз:

1) ҳаракта ё беамалие, ки бо вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ содир шудааст;

2) оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок дар шакли боиси бемории оммавӣ ё заҳролудшавии одамон;

3) робитаи сабабӣ байни кирдори содиршуда ва оқибатҳои зикршуда.

Кирдори пешбинишуда дар м. 207 КҶ ҶТ бо бемориҳои оммавӣ ё сироятии дигар, инчунин бо бемориҳои оммавии ғайрисироятӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, ҷинояти пешбинишуда дар м.125 КҶ ҶТ танҳо бо ВНМО алоқаманд мебошад.

Бемории оммавӣ дар бемор шудани шумораи зиёду назарраси одамон, ки дар муддати муайян дар ҳудуди муайян аз ҳадди миёнаи бо он касалшавиро баръало мегузарад, ифода мегардад. Солҳои охир ба бемориҳои оммавӣ дифтерия, холера ва дигарҳо, мансуб мебошанд [67, с. 566].

Бо вуҷуди ин, дар ҷинояти пешбинишудаи м. 207 КҶ ҶТ, бар хилофи кирдори барои ҷамъият хавфноки пешбинишуда дар м. 125 КҶ ҶТ, ба бемориҳои дигари сироятӣ на танҳо бемориҳои сироятии табобатнашавандаи вирусӣ, балки дигар бемориҳои сироятии ғайривирусӣ низ дохил мешаванд (масалан, брутселлёз, туляремия, сӯхтанӣ, сап, пастереллёз ва ғайра).

Мувофиқи м.1 Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017 № 1413 “бемориҳои оммавии ғайрисироятӣ – бемории инсон, ки пайдоиши он ба

таъсири омилҳои ҷисмонӣ, кимиёвӣ ва ё иҷтимоии муҳити зист вобаста аст ба ҳисоб мераванд” [2].

Аз рӯйи тарафи объективӣ, ҷинояти мазкур аз ҳаракат ё беҳаракатие иборат аст, ки бо вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои муқарраргардида барои пешгирии бемориҳои номбурда содир шудааст, агар чунин кирдор боиси бемории оммавӣ ё заҳролудшавии одамон гардида бошад.

Қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ, метавонанд ба гузаронидани эмгузаронии профилактикӣ, ҳифзи санитарии сарҳад, назорати санитарии сифати маводи ғизоӣ, муайян кардани бемориҳои сироятӣ ва оммавии ғайрисироятӣ ва ғайра марбут бошанд. Аз ин рӯ, ҳаракат ё беҳаракатие, ки бо вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои санитарии пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемориҳои ВНМО содир шудаанд, бояд вобаста ба субъекти содиркунанда, тибқи м. 125 КҶ ҶТ банду баст карда шаванд.

Аз нигоҳи субъективӣ, вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ, бо шакли гуноҳи беэҳтиётӣ нисбат ба оқибатҳо (бемории оммавӣ ё заҳролудшавии одамон) тавсиф мегардад.

Дар қ.3 м.207 КҶ ҶТ ба сифати аломати вазнинкунанда вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ, содир намудани чунин кирдор, ки аз беэҳтиётӣ боиси, аз ҷумла, мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам гардидан шуда бошад, муқаррар шудааст. Ҷинояти мазкур моҳиятан аз м.125 КҶ ҶТ танҳо вобаста ба шакли гуноҳ фарқ менамояд, яъне қ.3 м.207 КҶ ҶТ танҳо бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мегардад. Вале агар ба санксияи қ.3 моддаи мазкур назар афканем он нисбати чунин кирдори аз беэҳтиётӣ содиршуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ солро муқаррар намудааст. Санксияи қ.2 м.125 КҶ ҶТ бошад, ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол пешбинӣ намудааст, яъне чунин ба назар мерасад, ки кирдорҳои якхелаи аз беэҳтиётӣ содиршуда назар ба

кирдорҳои монанди қасдан содиршуда вазнинтар ҷазо дода мешавад, ки ин ба принсипи адолат мувофиқат наменамояд. **Барои бартараф намудани чунин мухолифат пешниҳод менамоем, ки аз қ.3 м.207 КҶ ҶТ аломати вазнинкунанда дар намуди боиси мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам гардидан хориҷ карда шавад.**

Ҳамчунин, масъалаи мубрам фарқгузории таркибҳои ҷинояти пешбинишуда дар м. 125 КҶ ҶТ, бо таркиби ҷинояти пешбинишуда дар м.175 КҶ ҶТ (Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак) мебошад. Хусусияти умумии ин таркибҳои ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки тарафи объективии ҷинояти пешбинишуда дар қ. 2 м.125 КҶ ҶТ метавонад дар ҳаракат ё беҳаракатие зоҳир шавад, ки боиси сироятёбии шахси дигар бо ВНМО гардидаанд. Масалан, ин метавонад дар ашаддӣ иҷро накардани уҳдадориҳои қонунан муайянгардидаи нигоҳубини кӯдак аз ҷониби модарони бо ВНМО-сироятшуда зоҳир гардад, ки онҳо талаботи такрории мақомоти дахлдори тандурустиро оид ба табобати кӯдак иҷро намекунанд.

Объекти асосии бевоситаи ҷинояти м. 175 КҶ ҶТ ин инкишофи муътадили ҷисмониву рӯҳии ноболиғон ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, объекти асосии ҷинояти м. 125 КҶ ҶТ саломатии шахс мебошад. Объекти иловагӣ (факултативӣ)-и ҷинояти м. 175 КҶ ҶТ метавонад саломатӣ ё ҳаёти ноболиғ баромад намояд [67, с. 400]. Дар ҳолати ҷинояти пешбинишуда дар м. 125 КҶ ҶТ бошад, объекти иловагӣ танҳо ҳаёти шахс буда метавонад.

Ҷабрдида аз ҷинояти пешбинишуда дар м. 175 КҶ ҶТ кӯдакони хурдсол, яъне шахси ба синни чордаҳсола нарасида фаҳмида мешавад. Ҷабрдида аз ҷинояти пешбинишуда дар м. 125 КҶ ҶТ шахсоне мебошанд, ки зери хавфи сироят қарор гирифтаанд ё бо ВНМО сироят ёфтаанд.

Аз рӯйи тарафи объективӣ, ҷинояти пешбинишуда дар м.175 КҶ ҶТ дорои маҷмуи аломатҳои зерин аст:

а) беҳаракатӣ, ки дар шакли иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдаки хурдсол, зоҳир мегардад;

б) ба миён омадани оқибат дар намуди зарари миёна (қ.1 м.175 КҶ ҶТ) ё зарари вазнин ё марги кӯдаки хурдсол (қ.2 м.175 КҶ ҶТ);

в) мавҷудияти робитаи сабабӣ байни беҳаракатии содиршуда ва оқибатҳои зикршуда.

Иҷро накардани чунин уҳдадориҳо метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад, масалан: бе назорат, бе ғизо ё бе либоси зарурӣ гузоштани кӯдак, фароҳам наовардани шароити бехатар барои истиқомат, наандешидани чораҳои лозима барои табобат, маҳдудкунии беасоси онҳо дар ашёи аввалиндараҷа, ё эҷоди шароити махсусан номусоиди маишӣ, ки боиси оқибатҳои вазнин шудааст.

Аз ҷиҳати сохтори тарафи объективӣ, ҷинояти м. 175 КҶ ҶТ ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ мансуб аст ва аз лаҳзаи ба миён омадани оқибатҳои зикршуда хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Субъекти м. 175 КҶ ҶТ махсус буда, волидон (фарзандхонкунандагон), васиён ё парасторон ва ғайра мебошанд. Тарафи субъективии ин ҷиноят бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мешавад.

Дар асоси таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ, кӯшиш менамоем, ки раванди фарқгузории ҷинояти пешбинишуда дар м.125 КҶ ҶТ аз кирдори барои ҷамъият хавфноки пешбинишуда дар м. 175 КҶ ҶТ-ро тавсиф намоем.

Ҳамин тариқ, суд ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд А.М, ки дар содир намудани ҷинояти пешбинишуда дар м. 175 КҶ ҶТ айбдор мешуд, муқаррар намуд, ки ӯ ҳамчун модари кӯдаки хурдсол А.Т, ки бо ташхиси ВНМО, марҳилаи клиникии II ва дараҷаи миёнаи масуният таваллуд шудааст, бо вуҷуди таъйин шудани табобати махсуси зиддивирусӣ, ки аз ҷониби мутахассисони Маркази табобати ВНМО таъин гардида буд, дар давоми як сол ашаддан аз иҷрои уҳдадориҳои

муқаррарнамудаи м. 63 Кодекси оилаи ҶТ вобаста ба нигоҳубин ва тарбияи фарзандиноболиғаш саркашӣ намудааст. Ӯ барои табобати духтараш чораҳои зарурӣ наандешидааст, ҳол он ки дақиқ медонист, ки барои нигоҳ доштани саломатии кӯдакаш ва пешгирӣ кардани пешравии беморӣ ва эҳтимоли марг, ӯ бояд ба духтараш табобати зиддивирусиро таъмин мекард, вале бидуни асос дар тӯли як сол доруҳои лозимаро аз Маркази пешгирӣ ва табобати ВНМО нагирифтааст. Дар натиҷа, оқибатҳои вазнин, аз ҷумла эҷоди хавфи пешравии бемории кӯдак ва эҳтимоли марги ӯ ба вуҷуд омадааст. Суд, бо таҳлили тамоми ҳолатҳои парванда ва далелҳои ҷамъшуда, ба хулоса омад, ки дар кирдори шаҳрванд А.М. таркиби ҷинояти пешбинишуда дар м. 175 КҶ ҶТ мавҷуд мебошад [233].

Дар натиҷаи таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ муайян гардид, ки иҷрои номатлуби уҳдадориҳои модарони сироятшуда бо ВНМО дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад: баъди таваллуд шудани кӯдак, модарон ӯро ё барои ташхис ва табобат ба Маркази пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО намебурданд, ё танҳо баъзан ва нокифоя мебурданд (масалан, танҳо чанд бор дар муддати 5-7 сол). Ин беҳаракатӣ боиси оқибатҳои вазнин барои кӯдак мегардид. Ғайр аз ин, модарони гунаҳгор талаботи такрории кормандони тиббии Марказҳои ВНМО-ро оид ба зарурати ташхисҳои иммунологӣ ва таъйини табобати дахлдор иҷро накарда, низоми таъйиншудаи табобати зиддивирусиро риоя намекарданд ва муҳлатҳои додани доруҳои лозима ба кӯдакро амалӣ наменамуданд.

Ғайр аз ин, қонунгузор дар диспозитсияи м. 175 КҶ ҶТ ба таври возеҳ ба оқибатҳои чунин беҳаракатӣ дар намуди расонидани зарари гуногун ба саломатии кӯдаки хурдсол ишора намудааст, ки бояд воқеан ба вуҷуд омада бошанд, на танҳо хавфи эҳтимолии онҳоро эҷод намуда бошад. Аз ин рӯ, агар кӯдак танҳо таҳти хавфи рушди бемории ВНМО қарор гирифта бошад, ки он аз беҳаракатии модари сироятшуда бо ВНМО дар иҷрои

уҳдадориҳои нигоҳубин ва табобати кӯдак бармеояд, пас чунин кирдорҳо таркиби ҷинояти м.175 КҶ ҶТ-ро ташкил намедиҳанд.

Дар ҳолате, ки зани сироятшуда бо ВНМО баъди таваллуди кӯдак тавсияҳои тиббиро дидаву дониста иҷро накарда бошад, аммо кӯдак воқеан ба ВНМО сироят наёфта бошад, чунин кирдори модар бояд тибқи қ.1 м. 125 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Бояд таъкид кард, ки ҳатто иҷрои пурраи тавсияҳои тиббӣ ҳангоми ҳомиладорӣ аз ҷониби зани сироятшуда бо ВНМО кафолати 100%-и таваллуд шудани кӯдаки солимро намедиҳад. Аз ин рӯ, агар кӯдак бо вуҷуди иҷро шудани ҳамаи тавсияҳои тиббӣ ё бе иҷро шудани онҳо (масалан, гузаштани терапияи доругӣ барои пешгирии интиқоли вертикалии ВНМО), дар вақти таваллуд ба сабаби алоқа бо хуни модар ба ВНМО сироят шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи м. 125 КҶ ҶТ истисно мегардад.

Дар айни ҳол, агар модари сироятшуда бо ВНМО баъд аз таваллуди кӯдак тавсияҳои тиббии гузошташударо иҷро накарда бошад (масалан, ӯро ба ҷои истифодаи шири сунъии мутобиқшуда бо шири модар синамаконӣ карда бошад, низоми табобати таъйиншударо риоя накарда бошад) ва ин боиси сироят ба ВНМО гардида бошад, чунин кирдор метавонад тибқи маҷмуи ҷиноятҳо пешбининамудаи м.м.125 (сирояти шахси дигар бо ВНМО) ва 175 КҶ ҶТ (Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак) бандубаст карда шавад.

Масалан, суд ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Л., ки дар содир кардани ҷиноятҳои пешбинишуда дар қ. 3 м. 125 ва м. 175 КҶ ҶТ айбдор мешуд, муайян намуд, ки номбурда, бо вуҷуди огоҳ будан аз бемории худ, дар вақти ҳомиладорӣ чораҳои пешгирии сироятшавии кӯдакро наандешида, аз гузаштани терапияи махсус даст кашида, огоҳсозии табибонро дар бораи хавфи синамаконӣ бо шири модар нодида гирифтааст. Баъди таваллуд, кӯдак, модар минбаъд низ тартиби табобатро вайрон намуда, доруҳоро мунтазам надодааст. Ин кирдор ҳамчун иҷрои

номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак бандубаст гардида, дар натиҷа кӯдак вафот кардааст. Суд бо таҳлили ҳама ҳолатҳои парванда ба хулосае омад, ки дар кирдори шаҳрванд Л. таркиби ҷиноятҳои пешбининамудаи қ. 3 б "б" м.125 ва б "б" қ.2 м.175 КҶ ҶТ мавҷуд аст [232].

Ҷиноятҳои дигаре, ки бо таркиби м.125 КҶ ҶТ наздикӣ доранд, таркиби **ҷиноятҳои б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ ва б. «б» қ. 3 м.** 139 КҶ ҶТ ба ҳисоб меравaнд. Зеро дар таркибҳои мазкур ба сифати аломати вазнинкунанда оқибат дар намуди "ба вируси норасоии масунияти одам мубтало гардидани ҷабрдида" муқаррар шудааст.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба муайян намудани гуноҳ ҳангоми сироят бо ВНМО дар ҷараёни таҷовуз ба номуси ҷабрдида (мутобиқ ба б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ), инчунин сироят кардани ҷабрдида бо ин вирус ҳангоми содир намудани ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (мутобиқ ба б. «б» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ) баҳсу мунозираҳои муайян ҷой дорад. Доир ба ин масъала дар байни олимон андешаи ягона вуҷуд надорад.

Муқаррароти қонунгузории б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ ва б. «б» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ вобаста ба шакли гуноҳ ҳангоми сироят кардан бо ВНМО дар ҷараёни таҷовуз ба номус ва ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ посухи мушаххас намедиҳад.

Як гурӯҳи муҳаққиқон чунин пешниҳод доранд, ки меъёрҳои марбут ба сироят намудани дигарон бо ВНМО бояд ба таври айнӣ ва якхела маънидод карда шаванд. Ба андешаи онҳо, "чунин тавзеҳот имкон медиҳад, ки муносибати шахси гунаҳгор ба кирдори сирояткунӣ бо ВНМО, аз ҷумла ҳамчун кирдори аз беэҳтиётӣ содиршуда баҳо дода шавад" [98, с. 423], [152, с. 423].

Аммо муҳаққиқи рус А.В. Корнеев мавқеи ба ин назар мухолифро дорад ва қайд мекунад, ки "гунаҳгорӣ дар мавриди сироят кардани дигарон бо ВНМО метавонад ҳам шакли қасдона ва ҳам беэҳтиётиро (аз

ҷумла беэҳтиётии худбоварона)-ро дошта бошад. Ӯ махсус таъкид мекунад, ки ишора ба беэҳтиётӣ дар б. «б» қ.3 м. 131 КҶ ФР (ки ба б. «г» қ. 3 м.138 КҶ ҶТ мувофиқат мекунад) танҳо ба оқибатҳои ҷиноят, яъне зарари вазнин ба саломатӣ дахл дорад ва на ба худи раванди сироят кардан" [99, с. 350].

Ҳамин тариқ, азбаски сироят бо ВНМО аз тарафи қонунгузоро ба сифати аломати махсусан вазнинкунандаи м.138 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, бинобар ин дар чунин ҳолат аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳои м. 125 КҶ ҶТ ва б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдор ба принсипи адолат мухолифат менамояд.

Оид ба масъалаи бохабар будани шахс дар бораи гирифтор буданаш ба бемории ВНМО ва таъсири он ба бандубасти ҷиноят ҳангоми содир кардани таҷовуз ба номус ё ин ки ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ низ андешаҳои мухталиф баён шудааст. Баъзе олимон чунин иброз менамоянд, ки бандубаст бо ҷинояти таҷовус ба номус (мутобиқ ба б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ) ва ё ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (мутобиқ ба б. «б» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ) танҳо ҳангоми донистани шахси гунаҳгор дар хусуси мубталои ВНМО будани худ имконпазир мебошад [98, с. 306].

Гурӯҳи дигари олимон надонистани шахси гунаҳгорро дар хусуси мубталои вируси норасоии масунияти одам будани худ, ба сифати шарти ба вуҷуд наомадани ҷавобгарӣ барои ин ҷиноятҳо эътироф намекунанд. Мавқеи худро муаллифон бо он асоснок менамоянд, ки "ҳангоми шакли беэҳтиётии гуноҳ, ки дар бепарвоӣ ифода меёбад, шахс мумкин аст дар хусуси бемории худ надонад, гарчанде мебоист ва метавонист онро донад (масалан, ҳангоми возеҳ будани аломатҳои беморӣ)" [152, с. 463].

Асоснок будани ин андеша дар гумон аст, чунки гуноҳ дар таркибҳои пешбининамудаи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ дар шакли қасди бевосита ё бавосита оварда шудааст. Бепарвоӣ аз рӯйи табиати худ барои ин кирдор хос намебошад.

Ҳаракатҳои шахси гунаҳгор оид ба сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО ҳангоми содир кардани таҷовуз ба номус (б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ) ё ин ки сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО ҳангоми содир намудани ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (б. «б» қ. 3 м. 139 КҶ ҶТ) низ танҳо бо гуноҳ дар шакли қасд тавсиф мегардад. Зеро дар фарқият аз б. “б” қ.3 м.131 КҶ ФР б. «г» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ ба имконияти ҷой доштани шакли гуноҳи беэтиётӣ ишора насохтааст, яъне муносибати руҳии шахсро нисбати оқибат дар намуди боиси ба вируси норасоии масунияти одам мубтало гардидани ҷабрдидаро танҳо бо гуноҳи қасдона тавсиф намудааст.

Баъзе масъалаҳои марбут ба бандубасти **ҳуқуқии ҷинояти дар м. 125 КҶ ҶТ дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» аз 25 июни соли 2004 №4** [223, с. 45] **низ инъикос ёфтаанд.** Аз ҷумла, дар банди 14 қарори мазкур қайд шудааст, ки оқибатҳои вазнин, ки барои бо б “г” қ.3 м.138 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдори гунаҳгор асос дониста мешаванд, масалан, ба бемории СПИД сироят гардидани ӯ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин бемори будани худро медонист... шуда метавонанд”.

Вале бояд зикр намуд, ки мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 2 январи соли 2019 №1554 [3] ба б. “г” қ.3 м.138 КҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар банди мазкур аломати вазнинкунанда дар шакли “боиси ба вируси норасоии масунияти одам мубтало гардидани ҷабрдида шудааст” мустаҳкам шудааст.

**Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ба б. 14 Қарори мазкур тағйир дода шуда дар он тавзеҳоти зерин муқаррар гардад:**

**“Ҷиноятҳои пешбинишуда дар б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ сирояти ВНМО, ки дар натиҷаи таҷовуз ба номус ё дигар ҳаракатҳои зуровариии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба вуҷуд омадаро дар бар мегиранд.**

**Танҳо таҳти хавфи сирояти ВНМО қарор додани ҷабрдида вобаста ба б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ банду баст карда намешавад.**

Чунин кирдор бояд тибқи маҷмуи ҷиноятҳои пешбинишуда дар қисмҳои дахлдори м.м. 138 ё 139 ва қ. 1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст шавад”.

Хусусияти муҳими татбиқи меъёрҳои мазкури қонуни ҷиноятӣ дар он аст, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани намудҳои вазнинтарини таҷовуз ба номус ва ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ аз шонздаҳсолагӣ оғоз мешавад. Гарчанде ки чунин нишондод дар қонуни ҷиноятӣ бевосита зикр нашудааст, ин хулоса аз тафсири низомнок бармеояд, зеро синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти пешбининамудаи м. 125 КҶ ҶТ маҳз аз шонздаҳсолагӣ муқаррар гардидааст.

Аз ин лиҳоз, таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроваронаи хусусияти шаҳвонӣ, ки аз ҷониби шахси синнаш аз чордаҳ то шонздаҳсола содир шуда, боиси сирояти ҷабрдида ба ВНМО гардидааст, наметавонанд тибқи б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаҳои марбут ба фарқгузории ҷинояти пешбинишуда дар м. 125 КҶ ҶТ аз дигар ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо имкон медиҳад, ки бандубасти ҳуқуқии дуруст ва ягонаи чунин кирдорҳо таъмин гардад.

**Ҳамин тариқ, фарқияти ҷинояти м.125 КҶ ҶТ -ро аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:**

1. Қонунгузор дар м. 125 КҶ ҶТ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ин гуна кирдорҳоро ба таври кофӣ ва пайгирона ба назар нагирифтааст.

Зеро санксияе, ки дар қ.2 м.125 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, нисбат ба қ.1 м. 110 КҶ ҶТ хеле пасттар аст. Дар баробари ин, тибқи қ.1 м.110 бандубаст намудани сироят кардан бо ВНМО мушкил аст, зеро меъёри махсуси қ.2 м.125 афзалияти татбиқро дорад ва инчунин нишонаҳои аниқ ва мушаххаси тиббии муайян кардани вазнинии зарар вуҷуд надоранд.

Ҳамчунин санксияи барои таркиби ҷинояти м.110 КҶ ҶТ бо аломатҳои вазнинкунанда, аз санксияи барои аломатҳои вазнинкунандаи сироят бо ВНМО тибқи м.125 КҶ ҶТ баландтар аст, ки аз лиҳози мантиқӣ ва илмӣ шарҳ додани он мушкил мебошад.

Чунин муносибати қонунгузор, ба назари мо, ба таври кофӣ асоснок нест ва ба эътирозҳои ҷиддӣ сабаб мегардад.

Аз ин рӯ,  ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки ҳадди болоии санксияҳои пешбинишуда дар қ. қ. 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ баланд карда шуда, ҳадди поёнӣ бетағйир боқӣ гузошта шавад. Чунин тадбир имкон медиҳад мушкилоти мавҷуда дар фарқгузории ҷавобгарӣ бартараф гардад ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда тавонанд хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва шахсияти гунаҳкорро дақиқтар баҳогузорӣ намоянд.

2. Пешниҳод мешавад, ки аз қ.3 м.207 КҶ ҶТ аломати вазнинкунанда дар намуди боиси мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам гардидан хориҷ карда шавад.

3. Ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ба б. 14 Қарори мазкур тағйир дода  шуда дар он тавзеҳоти зерин муқарррар гардад:

“Ҷиноятҳои пешбинишуда дар  б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3  м.139 КҶ ҶТ  сирояти ВНМО, ки дар натиҷаи таҷовуз ба номус ё дигар ҳаракатҳои зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба вуҷуд омадаро дар бар мегиранд. Танҳо таҳти хавфи сирояти ВНМО қарор додани ҷабрдида вобаста ба б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3  м.139 КҶ ҶТ  банду баст карда намешавад.

Чунин кирдор бояд тибқи маҷмуи ҷиноятҳои пешбинишуда дар қисмҳои дахлдори м.м. 138 ё 139 ва қ. 1 м.125 КҶ ҶТ  бандубаст шавад”.

4. Таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроваронаи хусусияти шаҳвонӣ, ки аз ҷониби шахси синнаш аз чордаҳ то шонздаҳсола содир шуда, боиси сирояти ҷабрдида ба ВНМО гардидааст, наметавонанд тибқи б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3  м.139 КҶ ҶТ  бандубаст карда шаванд.

# ХУЛОСА

## Хулосаи тадқиқот, ки хусусияти назариявӣ доранд:

1. Сироят намудани дигарон бо ВНМО, аз ҷумлаи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи пинҳон кардани бемори аз ҷониби шахси сироятёфта рух медиҳад. Чунин кирдор на танҳо ҳуқуқи шаҳрвандон, аз ҷумла аъзои оиларо ба ҳифзи саломатӣ халалдор месозад, балки ба онҳо зарари муайяни ҷисмонӣ ва равонӣ мерасонад. Дар ҳолатҳои вазнин, ки сироятёбӣ ба бемории БПНМ табдил меёбад, ин метавонад ҳатто боиси талафоти ҳаёти инсон гардад.

2. Сатҳи мутахассисони соҳаи тиб дар самти ошкор ва табобатӣ бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО, баланд бардошта шавад. Инчунин аз ҷониби мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад, то шаҳрвандон дар мавриди зарурат ба марказҳо ва мақомотҳои дахлдор сари вақт муроҷиат намоянд.

Илова бар ин, сабти ҳатмии шахсони гирифтори ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, рӯйхати онҳо мунтазам ба мақомоти ҳуқуқӣ пешниҳод гардад. Дар ҳолатҳои сирояти оилавӣ марказҳои дахлдор вазифадор карда шаванд, ки ҳамсарони гирифтори ВНМО-ро якҷоя ва дар як вақт огоҳ намоянд ва ба онҳо маълумоти зарурии тиббӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод кунанд.

3. Пайдоиши ВНМО дар таърих ба номҳои гуногун “бемории сифилис” “бемориҳои зуҳравӣ” “бемориҳои гонорея” дида мешуд, аммо умумияти онҳо танҳо бо он дида мешуд, ки ин бемориҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаштанд ва бемории сироятии ВНМО-ро низ дар бар мегирифтанд.

Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) бори нахуст соли 1981 дар байни бемориҳои сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ҳамчун бемории мустақил муайян гардида, бинобар дараҷаи баланди хатарнокиаш ба саломатии ҷомеа, қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 сол онро дар моддаи алоҳида (моддаи $118^1$) пешбинӣ намуд.

Таҳқиқоти анҷомшуда нишон дод, ки таърихи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят намудан ба бемориҳои сироятӣ ба чунин давраҳои асосӣ тақсим мешавад: давраи шуравӣ (солҳои 1917–1987), ки худ чор зинаи таърихиро дар бар мегирад: зинаи якум (1917–1922), зинаи дуюм (1922–1926), зинаи сеюм (1926–1961) ва зинаи чорум (1961–1987); давраи ислоҳот (солҳои 1987–1998) ва давраи муосир (аз соли 1998 то имрӯз).

4. Қонунгузориҳои ҷиноятии ҳама давлатҳои пасошуравӣ Сироят кардан бо ВНМО-ро ба сифати таркиби мустақили ҷиноят мустаҳкам намудаанд. Дар байни ин давлатҳо танҳо КҶ Арманистон кирдорҳои вобаста ба зери хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар декриминализатсия намуда ба сифати ҷиноят муқаррар накардааст.

5. Дар як гурӯҳи давлатҳо (ба монанди Ҷумҳуриҳои Узбекистон ва Қирғизистон) барои ҷамъият хавфнокии Сироят кардан бо ВНМО ва гирифтор кардан ба дигар бемориҳои зуҳравиро якхела дониста ҷиноят ва сазовори ҷазо донистани онҳоро дар як модда пешбинӣ намудаанд. Бемориҳои БПНМ -ро бошад, дар қисмҳои алоҳидаи модда ҳамчун ҳолати вазнинкунанда муқаррар намудаанд;

6. Қонунгузории ҷиноятии қисме аз давлатҳо (Ҷумҳуриҳои Арманистон ва Гурҷистон) содир кардани ин ҷиноятро нисбати занони ҳомила махсус ҳолати вазнинкунанда муқаррар кардаанд;

7. Дар КҶ баъзе аз давлатҳо, масалан Ҷумҳурии Қирғизистон дар фарқият аз КҶ ҶТ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсонро аз бемориҳои сироятӣ ба таври васеътар зери ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор додааст. Зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо барои Сироят кардан бо бемориҳои зуҳравӣ, балки барои зери хавфи сироят гузоштан ё сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашаванда ба вуҷуд меояд.

8. Дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои Сироят кардан бо ВНМО вобаса ба шакли гуноҳ дар моддаҳои алоҳида (Ҷумҳурии Арманистон) ё қисмҳои алоҳида ҳамон як модда

(Ҷумҳурии Қирғистон) мустаҳкам шудааст, ки ин бештар ба тафриқасозии ҷавобгарӣ вобаста ба шакли гуноҳ мутобиқ мебошад.

9. Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус бевосита шакли гуноҳ барои ин ҷиноят дар диспозитсияи моддаи номбар шудааст, ки ин тавсифи тарафи субъективии ин ҷиноятро осон мегардонад.

10. Қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо (Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Белоруссия, Қирғизистон ва ФР) дар эзоҳи моддаи муқарраршуда вобаста ба ҷинояти Сироят кардан бо ВНМО асосҳои озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро низ пешбинӣ намудаанд, ки тибқи он шахси ҷабрдида агар ба ин беморӣ гирифтор шудани худро пеш аз алоқаи ҷинсӣ донад, огоҳ бошад ва ба гирифторшавӣ ба ин беморӣ розӣ бошад, пас шахси ҷиноятсодиркарда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

11. Шахсият, яъне инсон дар низоми нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти хелии м.125 КҶ ҶТ эътироф шуда метавонад **[1-М].**

12. Ҳангоми таҳлили мавқеъҳои гуногуни олимон ва маводҳои амалияи судию тафтишотӣ муайян карда шуд, ки тарафи объективии ҷинояти вобаста ба таҳти хавфи сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам қарор додани шахси дигар танҳо дар шакли ҳаракатҳои фаъолона ифода ёфта метавонад **[2-М]**.

13. Ҷинояти пешбининамудаи қисми 2 моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бевосита сироят намудани шахси дигар ба вируси норасоии масунияти одам) ба гурӯҳи ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ дохил мешавад. Бинобар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате фаро мерасад, ки ҳаракат ё беҳаракатии шахси гунаҳгор оқибати воқеӣ – сироятёбии ҷабрдидаро ба вуҷуд оварда бошад.

14. Субъекти ҷиноят тибқи қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида. Зеро дар диспозитсияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ қонунгузор, дар фарқият аз қ.2 моддаи мазкур ягон аломати иловагии тавсифдиҳандаи субъектро муқаррар накардааст **[3-М]**.

15. Субъекти ҷиноят тибқи қ. 2 ё қ. 3 м. 125 КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллафе эътироф мешавад, ки ба синни 16-солагӣ расидааст ва мубталои ВНМО будани худро медонад.

16. Дар аксари маврид манбаи хабардор шудан дар бораи сироят – ин хулосаи тиббӣ мебошад, ки бар пояи натиҷаи ташхиси дахлдор дода мешавад. Аммо чунин ташхиси тиббӣ метавонад ғайрирасмӣ бошад. Бинобар ин, шахсеро, ки расман огоҳ карда нашудааст, вале дорои дониши воқеӣ дар бораи сирояти худ ва манъи муқаррааргардида аз рӯи қонунгузорӣ мебошад, метавон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 125 КҶ ҶТ ҷалб кард. Вале барои дуруст баҳо додани кирдори ӯ тибқи қ. 2 ё 3 моддаи мазкур, лозим аст, ки хабардор будани ӯ дар бораи мавҷудияти манъ ё талаботҳои пешгирикунандаи муқарраршуда исбот гардад.

17. Бандубаст кардани кирдор тибқи қисми 1 моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шакли қасди бавосита ё аз беэҳтиётӣ қобили қабул нест. Қасди бавосита танҳо дар ҷиноятҳое, ки таркиби моддӣ доранд, имконпазир мебошад. Аммо қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ мебошад, яъне танҳо содир намудани кирдор ҳамчун аломати асосӣ ба ҳисоб меравад, ки ин ҳолат имконияти мавҷуд будани қасди бавоситаро истисно мекунад.

18. Тарафи субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қ. 2 м.125 КҶ ҶТ тавассути гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётии худбоварона ифода меёбад. Қасд метавонад ҳам бевосита ва ҳам бавосита бошад. Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти таркиби ҷиноят ва талаботи муқарраркардаи қонунгузор, содир шудани ин ҷиноят дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ истисно карда мешавад. Қонунгузор мустақиман таъкид менамояд, ки субъекти ҷиноят бояд ба таври равшан аз гирифтор буданаш ба ВНМО огоҳ бошад. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки кирдори содиршуда ҳамчун беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ арзёбӣ гардад, зеро бепарвоӣ танҳо дар ҳолати надонистани шахс дар бораи хусусияти ба ҷамъият хавфноки кирдор имконпазир мебошад **[4-М]**.

19. Сироят кардани ду ё зиёда шахс ҳамчун ҷинояти анҷомёфта аз он лаҳза ҳисобида мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи ба синни балоғат расида вируси норасоии масунияти одам ё дигар бемории сироятии табобатнашавандаи барои ҳаёт хавфнок муайян карда мешавад. Ин ҳолат мустақилона танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки ҳамаи ҷабрдидагон шахсони ба синни балоғат расида бошанд. Агар ду ё зиёда ҷабрдидагон ноболиғ бошанд ё ҳадди ақал яке аз онҳо шахси ноболиғ бошад, кирдорҳои гунаҳгор бо мавҷудияти ду ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бандубаст мешаванд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда ва оқибатҳои онро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд. Дар ҳуҷҷатҳои тафтишотӣ ва қарорҳои судӣ бояд ҳатман дар бораи чунин факт нишондод ҷой дошта бошад.

20. Маънидоднамоии аломати ноболиғ будани ҷабрдида дар заминаи м. 125 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки сухан дар бораи донистани "баръало" ноболиғбудани ҷабрдида меравад. Бинобар ин дар чунин маврид дарки синну соли ҷабрдида тавассути қасди бавосита ё беэҳтиётӣ тавсиф шуда наметавонад. Гунаҳгор танҳо бо қасди бевосита амал намуда, ноболиғ будани ҷабрдидаро баръало дарк месозад.

21. Таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроваронаи хусусияти шаҳвонӣ, ки аз ҷониби шахси синнаш аз чордаҳ то шонздаҳсола содир шуда, боиси сирояти ҷабрдида ба ВНМО гардидааст, наметавонанд тибқи б "г" қ. 3 м.138 ва б "б" қ.3 м.139 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд, зеро аломатҳои зикршудаи вазнинкунандаи ҷавобгарӣ талаб менамоянд, ки шахси гунаҳгор ба синни 16-солагӣ расида бошад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**1.** Дар таҷрибаи суди зери хавфи сироят ба бемории ВНМО гузоштани як нафар ва зиёда аз он танҳо мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳол он ки ба андешаи мо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин

кирдорҳо, ки нисбати шумораи зиёди ҷабрдидагон содир шудааст, баландтар мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки дар м.125 КҶ ҶТ чунин аломати вазнинкунанда – таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани ду ва ё зиёда шахсон мустаҳкам карда шавад.

**2.** Бо мақсади таъмини принсипи қонуният зарур шуморида мешавад, ки ба м.125 КҶ ҶТ эзоҳ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: "Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад".

**3.** Ба қисми 3 моддаи 125 КҶ ҶТ як банди дигар дар шакли зайл " *нисбати занони ҳомиладор содир шудааст."* илова карда шавад. Зеро содир шудани Сироят кардан бо ВНМО нисбати занони ҳомиладор, якбора ба ҳаёт ва саломатии ду кас (модар ва кӯдак) заррар мерасонад.

**4.** Маълум аст, ки БПНМ нисбат ба ВНМО хавфнокии зиёд дорад. Ин беморӣ табобатнашаванда буда оқибати маргро ба миён меорад. Бинобар ин дар м.125 КҶ ҶТ қисми махсус (қисми 4) дар ин шакл пешбинӣ карда шавад: "4. Таҳти хатари гирифтор шудан ба БПНМ гузоштан ё гирифтор кардан ба он" .

**5.** Санксияи барои таркиби ҷинояти м.110 КҶ ҶТ бо аломатҳои вазнинкунанда, аз санксияи барои аломатҳои вазнинкунандаи сироят бо ВНМО тибқи м.125 КҶ ҶТ баландтар аст, ки аз лиҳози мантиқӣ ва илмӣ шарҳ додани он мушкил мебошад. Чунин муносибати қонунгузор, ба назари мо, ба таври кофӣ асоснок нест ва ба эътирозҳои ҷиддӣ сабаб мегардад.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки ҳадди болоии санксияҳои пешбинишуда дар қ. қ. 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ баланд карда

шуда, ҳадди поёнӣ бетағйир боқӣ гузошта шавад. Чунин тадбир имкон медиҳад мушкилоти мавҷуда дар фарқгузории ҷавобгарӣ бартараф гардад ва мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда тавонанд хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва шахсияти гунаҳгорро дақиқтар баҳогузорӣ намоянд.

